**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**УДК.** 373.3:502:37.03

**ББК.** 74.03(2)5-41

**ТДУ** 372.8:57+373

**ТКБ** 74.261:28.0+74.2

**Т-**86

***Ба ҳуқуқи дастнавис***



**ҚОДИРЗОДА САЙВАЛӢ МУҲИБУЛЛО**

# ШАРТ ОИД БА СИФАТИ МОЛ ДАР УҲДАДОРИҲОИ ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, **Ғаюрзода Ш.К.**

**ДУШАНБЕ – 2026**

## МУНДАРИҶА

**Муқаддима** ........................................................................................ **4**
**Тавсифи умумии таҳқиқот** ........................................................................ **11**

**БОБИ I. АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ШАРТ ОИД БА СИФАТИ МОЛ ДАР УҲДАДОРИҲОИ ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** ........................................ **22**
1.1. Мафҳум, мазмун ва аҳаммияти ҳуқуқии шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш .............................................................. 22
1.2. Таносуби шартҳо оид ба сифати мол бо дигар шартҳои муҳимми шартномаҳои ҳуқуқӣ-маданӣ вобаста ба бегона кардани амвол......................42

**БОБИ II. ХУСУСИЯТҲОИ ҲУҚУҚИИ ШАРТ ОИД БА СИФАТИ МОЛ ДАР МАРҲИЛАҲОИ БАСТАН, ИҶРО ВА ҚАТЪИ ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШ** ........................................................................................ **63**
2.1. Паҳлуҳои асосии таъмини сифати мол дар марҳилаи бастани шартномаи хариду фурӯш ............................................................................................ 63
2.2. Шартҳо оид ба сифати мол дар раванди иҷрои уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш...........................................................................................85

**БОБИ III. ОҚИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ ИҶРО НАГАРДИДАН Ё ИҶРОИ НОМАТЛУБИ УҲДАДОРИҲО ОИД БА БЕГОНА КАРДАНИ МОЛИ БОСИФАТ**.........................................................................................**111**
3.1. Мафҳум ва асосҳои ҳуқуқии ба миён омадани оқибатҳои иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба бегона кардани моли босифат ......................................................................................................... 111
3.2. Навъҳо ва механизмҳои татбиқи оқибатҳои ҳуқуқии иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба бегона кардани моли босифат.......... 134

**Хулоса** ........................................................................................................ **150**
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**.........................**157**
**Рӯйхати адабиёт** ........................................................................................ **161**
**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**..................................................**180**

## Номгӯйи ихтисораҳо

**ИДМ** – Иттиҳоди давлатҳои мустақил;

**ИА** – Иттиҳоди Аврупо;

**ИМА** – Иёлоти муттаҳидаи Америка;

**КМ ҶТ** – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**КА ҶТ** - Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**м** – модда (қонун дар назар аст);

**СММ** – Созмони милали муттаҳид;

**СБ** – Стандартҳои байналмилалӣ;

**СД** – Стандартҳои давлатӣ;

**СУС** – Созмони умумиҷаҳонии савдо;

**ФР** – Федератсияи Россия;

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## Муқаддима

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Ба сифати молу маҳсулот ҳамчун яке аз категорияҳои калидӣ ва муҳими ҳуқуқи маданӣ дар шароити муосир таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад. Таъмини бозори истеъмолӣ бо молҳои мутобиқ ба талаботи сифат на танҳо омили ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон, балки шарти муҳимми рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини амнияти иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, сиёсати давлатии ҳар як кишвар ба ташаккули механизмҳои самараноки назорат ва кафолати сифати мол равона мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ масъалаи таъмини аҳолӣ бо молҳои босифат ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ муайян гардидааст. Роҳбарияти мамлакат, хусусан Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таваҷҷуҳ ба ин масъала таъкид намудаанд, ки «ворид гардидани молу маҳсулоти пастсифат ба бозори истеъмолӣ метавонад ба саломатии шаҳрвандон зарари ҷиддӣ расонад ва дар ин робита зарурати тақвияти назорати риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ба миён меояд» [201]. Ин мавқеъ аз он шаҳодат медиҳад, ки масъалаи сифати мол дорои аҳаммияти баланди ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ мебошад ва он ба назорати ҳуқуқӣ эҳтиёҷ дорад.

Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ ва рақобати шадиди байни субъектҳои хоҷагидорӣ сифати мол ҳамчун омили муайянкунандаи қобилияти рақобатпазирӣ ва гардиши озоди молу маҳсулот дар бозорҳои миллӣ ва байналмилалӣ баромад мекунад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ афзоиши содироти маҳсулоти ватаниро маҳз аз ҳисоби такмили сифати истеҳсоли мол ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми рушди иқтисоди миллӣ муайян намудааст.

Баланд бардоштани сифати молҳои истеҳсоли ватанӣ, пеш аз ҳама, дар густариши содироти маҳсулот ба бозорҳои хориҷӣ ва ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми иқтисодии ҷаҳонӣ нақши калидӣ мебозад [1]. Ғайр аз ин, шомил гардидани Ҷумҳурии Точикистон ба Созмони умумиҷаҳонии

савдо (СУС) зарурати мутобиқ гардонидани сиёсати давлатӣ ва қонунгузории миллӣ дар соҳаи таъмини сифати молро ба стандартҳо ва талаботи байналмилалӣ тақозо менамояд. Дар чунин шароит таҳқиқи масъалаи моҳияти ҳуқуқии шартҳо оид ба сифати мол ва инъикоси саҳеҳи он дар шартномаи хариду фурӯш аҳаммияти назариявӣ ва амалии хос касб мекунад.

Дар ин замина, ташаккул ва рушд додани дарки илмии масъалаҳои таъмини сифати мол барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба аҳаммияти хосса молик буда, дар шароити тараққии босуръати иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва механизмҳои тиҷорат дар сатҳи байналмилалӣ муҳиму мубрам маҳсуб меёбад. Таъмини сифати мол на танҳо ба сатҳи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагон, балки ба самаранокии танзими муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ва рушди устувори иқтисоди миллӣ низ таъсири бевосита мерасонад.

Қайд намудан зарур аст, ки воситаҳои асосии ҳуқуқие, ки таъмини сифати молро инъикос менамоянд, аз рӯйи моҳияташон ба ду гурӯҳи асосӣ тақсимбандӣ мешаванд: а) санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун воситаҳои ҳуқуқи умумӣ; б) шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун воситаҳои ҳуқуқи хусусӣ. Дар шароити иқтисодиёти фармонӣ-нақшавӣ маҳз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба сифати воситаи асосии танзими сифати мол баромад менамуданд. Аммо дар натиҷаи гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ва ғайримутамарказ гардидани иқтисодиёт нақши шартномаҳо ҳамчун асноди асосии таъмини сифати мол ба таври назаррас тақвият ёфта мақоми муҳим пайдо кардааст.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳамчун воситаҳои танзими ҳуқуқӣ, одатан танҳо талаботи умумиҳатмиро нисбат ба сифати мол муқаррар менамоянд. Қонунгузор, бо сабаби гуногуншаклии молҳо ва хусусиятҳои техникию истеъмолии онҳо, наметавонад тамоми ҷанбаҳои сифатро ба таври муфассал ва фарогир ба низом дарорад. Дар чунин шароит танзими шартномавӣ ҳамчун воситаи нисбатан тағйирёбанда ва самараноки таъмини сифати мол баромад мекунад, зеро шартномаҳо ба таъсири тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ ниҳоят ҳассос буда, имкони ба эътибор гирифтани манфиатҳои мушаххаси тарафҳоро фароҳам меоранд.

Маҳз тавассути танзими шартномавӣ, аз ҷумла тавассути мувофиқаи тарафҳо оид ба шартҳои сифати мол, нокифоягии танзими меъёрии мавҷударо ошкор намуда, такмил додани онро тақозо менамояд. Таҳқиқ нишон дод, ки мавриди бастани шарнома тарафҳо метавонанд, ки талаботро нисбат ба сифати мол дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ сатҳи муомилоти маданиро зиёд намоянд. Истисно аз ин, танзими шартномавӣ бо баробарҳуқуқӣ ва мустақилияти тарафҳо фарқ мекунад, зеро уҳдадориҳо бо иродаи озоди тарафҳо қабул шуда, иҷрои онҳо бо кафолатҳои ҳуқуқӣ таъмин мешавад.

Бо назардошти гуфтаҳои дар боло зикршуда, таҳқиқи масъалаҳое, аз қабили мафҳум ва моҳияти шартҳои шартномавии сифати мол, таносуби онҳо бо дигар шартҳои муҳимми шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, хусусиятҳои таъмини сифати мол ҳангоми бастан ва иҷрои шартнома, уҳдадориҳои ҷонибҳо, инчунин оқибатҳои ҳуқуқии иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои фурӯшанда вобаста ба бегона кардани моли босифат, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ ва амалии махсус дорад.

Масъалаи таъмини сифати мол, рақобатпазирии он дар бозори истеъмолии дохилӣ ва берунӣ ба ҳадде муҳим аст, ки ҳалли мушкилоти ба он ҷойдошта дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [37] ва дигар асноди меъёрии ҳуққуқӣ таъкид гардидааст.

Мубрамии мавзуи рисола инчунин, бо он асоснок мегардад, ки то имрӯз дар соҳаи илми ҳуқуқи маданӣ таҳқиқоти илмии маҷмуие анҷом дода нашудааст, ки он ба дарки назариявии нақши шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ ва ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ дар таъмини сифати мол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон махсус бахшидашуда бошад. Маҳз набудани чунин таҳқиқоти фарогир зарурати пажуҳиши амиқи масъалаи мазкурро ба миён овард ва ҳалли масъалаҳои гузошташуда моро ба таҳияи чунин таҳқиқот водор намуд.

Гуфтаҳои зикршуда аз аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалии мавзуи рисола шаҳодат медиҳанд. Ин ҳолатҳо самти умумии таҳқиқотро муайян

намуда, заминаи методологӣ ва мундариҷаи ғоявии онро ташкил медиҳанд, инчунин аҳаммияти натиҷаҳои бадастомадаро барои такмили танзими ҳуқуқии масъалаҳои марбут ба сифати мол дар муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ таъкид менамоянд.

**Дараҷаи омӯзиши илмии мавзуи таҳқиқ.** Бо вуҷуди дар фазои ҳуқуқию иқтисодии кишвар мақоми муҳим доштан, айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои танзими шартномавии сифати мол ва ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ барои таҳвили моли бесифат ба таври маҷмуӣ ва муназзам мавриди таҳқиқи илмӣ қарор нагирифтааст. Баррасии илмии ин мавзуъ дар пажуҳиши баъзе олимони ватанӣ аз ягон ҷиҳат сурат гирифта, муҳаққиқон паҳлуҳои муайяни масъалаи мазкурро мавриди таҳқиқ қарор дода, омӯзиши мавзуи «Шартҳо оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дар шакли яклухт ва дар доираи кори илмӣ-таҳқиқотии ҷудогона чун ҳадафи кори худ қарор надодаанд.

«Масалан, аз муҳаққиқони ватанӣ У.С.Болтуев (2014) доир ба масоили назариявию амалии ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [46, с. 77], Ш.К. Ғаюров (2001, 2002) перомуни баъзе масъалаҳои ба расмият даровардани сертификати мутобиқат дар фаъолияти соҳибкорӣ [116, с. 26-28]; доир ба масъалаи ваколатҳои нозироти савдо [117, с. 1-3], А.В.Золотухин ва Т.И.Султонова [65, с. 332] дар хусуси ҳуқуқи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2018), М.З.Раҳимов (2014) роҷеъ ба мақоми таъмини сифат дар ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва соҳибкорӣ [89, с. 447-449], Д.С.Раҳмон (2021) дар хусуси дифои ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар бозори мол, кор ва хизматрасонӣ [152, с.6], Б.О.Самадов (2018) оид ба ҳуқуқҳои соҳибкорон [91, с.88] ибрози андеша намудаанд. Ҳуқуқшиносон И.Х.Бобоҷонзода ва Анушервони Исрофил (2019) дар пажуҳиши худ сифати молро ҳамчун як ҷузъи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ баҳодиҳӣ кардааст [113, с. 21]. Таваҷҷуҳи муҳаққиқон Ҷ.Саъдизода ва Н.Ф. Сафарзодаро (2020) бошад, бештар масоили фарҳанги

ҳуқуқии хизматрасонӣ ҷалб намуда, онҳо ҳамчунин баъз андешаҳои худро перомуни асосҳои ҳуқуқии сифат ва бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баён кардаанд» [155, с. 43].

Қайд кардан зарур аст, ки баъзе самтҳои тадқиқотии рисолаи илмии П.З. Мирзозода, ки таҳти унвони «Масъалаҳои ҳуқуқии танзими сифати мол, кор ва хизмат дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти сивилистӣ» (2023) интишор шудааст, аз лиҳози истифодаи мафҳуму истилоҳоти соҳа, тафсири ҳуқуқии онҳо баъзе умумият мушоҳида мешавад. Вале масоили дар ин рисола баррасишуда аз чанд ҷиҳат аз таҳқиқоти мавриди назар тафовутҳои зиёд низ дорад. Чунончи, П.З. Мирзозода дар диссертатсияи худ мавзуи шарт оид ба сифати молро ҳамчун як ҷузъи ногусастании масъалаи шарт нисбат ба талаботи кор ва хизмат ба эътибор гирифта, робитаи байни ин категорияҳоро дар якҷоягӣ мавриди баррасии илмӣ қарор дода, ба ҳалли илмии масъала ба таври умумӣ наздик шудааст [77, с. 92]. Аммо, дар таҳқиқоти мо масъалаи шарт оид ба сифати мол ҳамчун як проблемаи яклухти илмӣ дар доираи як рисолаи ҷудогонаи илмӣ-таҳқиқотӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. Ба ҳамин монанд дар рисолаи мо диққат ва тамаркузи илмии бештар ба масъалаи роҳу усули интихоби шартҳо дар шартномаи харидуфурӯш, тарзи бартараф намудани нуқсонҳои ҳуқуқие, ки дар муносибати ҷонибҳо – фурӯшанда ва харидор ба вуқуъ меоянд ва такмил додани мазмун ва мундариҷаи асноди меъёрии ҳуқуқии амалкунанда мулоҳизаронӣ шудааст. Тафовути дигар дар он аст, ки дар таҳқиқоти мо масъалаи шарт оид ба сифати мол шуруъ карда аз худи марҳилаи бастани шартномаи хариду фурӯш, масъулият ва уҳдадориҳои тарафҳо ва мушкилоти қабул, интиқол ва истифодаи мол дар муҳлати кафолатӣ амиқтар таҳлил у таҳқиқ шудааст. Ин ҷиҳати масъала дар таҳқиқоти П.З. Мирзозода мавриди омӯзиши васеъ қарор нагирифтааст ва дар он ба марҳилаи бастани шартномаи хариду фурӯш диққати лозима дода нашудааст. Ҳамчунин, яке аз фарқиятҳои илмии таҳқиқоти мо дар он аст, ки дар ин рисола мо, ҳатто дар раванди бастани шартнома низ, бештар ба масъалаи шарт оид ба сифати мол,

риояи уҳдадориҳо ва оқибатҳои ҳуқуқии амалӣ нагардидани шартҳо таваҷҷуҳ равона шудааст, ки ин паҳлуи тадқиқ дар рисолаи мавсуф мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор нагирифтааст. Афзалияти дигари кори таҳқиқотии мо нисбат ба пажуҳиши П.З. Мирзозода боз дар он аст, ки оқибатҳои иҷро нагардидани шартҳо оид ба сифати мол аз лиҳози илмӣ дар ҷусторҳои ӯ хусусияти умумиба назар мерасад мо будааст, аммо П.З. Мирзозода онро камтар ба таври ҷудогона ва махсус омӯзиш ва таҳлил намудааст. Инчунин, дар ҳамин росто механизмҳои пайгирии ҳуқуқии оқибатҳои иҷро нагардидани шартҳо оид ба сифати мол низ дар таҳқиқоти мо бештар аз таҳқиқоти П.З. Мирзозода баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор гирифтааст. Дар умум, бо вуҷуди он ки ба ҷанбаҳои алоҳидаи ин масъала аз давраи ҳуқуқшиносии шуравӣ то илми ҳуқуқи муосири ватанӣ тавaҷҷуҳи муайян зоҳир гардидааст, аммо, таҳқиқоти фарогире, ки тамоми ин паҳлуҳои масъаларо аз оғоз, то бастани шартнома ва раванди иҷрои шартҳо оид ба сифати мол, инчунин, ҳатто пас аз анҷоми шартнома ва оқибатҳои иҷро нагардидани он ва механзимҳои назорату пайгирии ҳуқуқии он, мавриди баррасии илмӣ қарор дода бошад, вуҷуд надорад, ки ба фарқ аз дигарон таҳқиқоти мо дар рисолаи мазкур ҳамаи он ҷанбаҳоро аз лиҳози илмӣ мавриди таҳлил қарор додааст [77, с. 187].

Дар давраи шуравӣ масоили танзим ва таъмини ҳуқуқии сифати мол дар корҳои як қатор олимон, аз ҷумла Х.Э. Бахчисарайтсев [110, с.114], М.Г. Гуревич [120, с. 137], М.Б. Емелянова [62; 63, с. 71-72], В.С. Шелестов [102; с. 9 103, с.120], О.А. Красавчиков [128, с. 27], Л.Г. Куклин [135, с. 278], Г. К. Мазуркевич [191, с. 14], В.М. Огризков [79, с. 26], И.Н. Петров [83, с. 111], В.Ф. Яковлева [105, с. 162], Е.М. Яковлева [106, с. 23] ва дигарон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Дар асарҳои мазкур, асосан масоили умумии танзими ҳуқуқии сифати мол ва механизмҳои кафолати ҳуқуқии он дар доираи иқтисодиёти фармонӣ-нақшавӣ баён шудаанд.

Дар давраи муосири инкишофи дониши ҳуқуқӣ корҳое ба табъ расидаанд, ки ҳам ба масоили таъмини ҳуқуқии сифати мол (В.С. Белих «Маданско-правовое обеспечение качества продукции, работ и услуг»

(Екатеринбург, 1994 г.) [112, с. 40; 174, с. 53], А.В. Маслова «Правовые аспекты деятельности по обеспечению качества и безопасности продукции» (Москва, 2005 г.) [192, с. 25], А.В. Гридин «Маданско-правовые способы обеспечения качества товаров, работ и услуг» (Краснодар, 2006 г.) [178, с. 152], Ю.А. Кузнетсова «Условие о качестве в маданско-правовых договорах» (Москва, 2015) [134, с. 57], ҳам ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ барои таҳвили моли бесифат (А.Р. Товмасян «Обязательства по возмещению вреда, причиненного недостатками товара (работы, услуги)» (Москва, 1999) [198, с. 147-148], М.В. Курепина «Система маданско-правовых средств обеспечения субъективных прав потребителя на качество и безопасность товаров, работ и услуг» (Москва, 2012) [188, с. 23], Р.В. Халин «Маданско-правовая ответственность за вред, причиненный недостатками товаров, работ и услуг по праву России, Англии и США» (Белгород, 2015) [164, с. 55-56] бахшида шудаанд.

Бо вуҷуди арзиши баланди илмии таҳқиқотҳои зикршуда, онҳо масъалаҳои танзими шартномавии сифати молро дар шароити ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мустақил ва маҷмуӣ фаро намегиранд. Дар онҳо, одатан, ё ҷанбаҳои умумии таъмини сифати мол ё масъалаҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ ҷудогона таҳлил шудаанд, дар ҳоле ки робитаи мутақобили ин унсурҳо дар доираи шартномаи хариду фурӯш нокифоя таҳқиқ гардидааст.

Бо назардошти ин, рисолаи мазкур ҳамчун таҳқиқоти аввалини монографӣ дар илми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад менамояд, ки дар он масъалаҳои танзими шартномавии сифати мол, аз ҷумла мафҳум ва моҳияти шартҳои шартномавии сифати мол, таносуби онҳо бо дигар шартҳои муҳимми шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ, инчунин масъалаҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ барои таҳвили моли бесифат ба таври муназзам ва комплексӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтаанд.

**Робитаи таҳқиқ бо барнома ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи Барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи

мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳия шуда, он самтҳои асосии фаъолияти илмии кафедраро фаро гирифта, ба омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалии ҳуқуқи маданӣ равона гардидааст. Барномаи мазкур ҳамчун заминаи илмӣ барои рушди тадқиқотҳои соҳавӣ хизмат намуда, масъалаҳои марбут ба такмили низоми танзими ҳуқуқи маданӣ ва мутобиқсозии он ба талаботи замони муосирро дар бар мегирад. Яке аз бандҳои муҳими барномаи мазкур таҳти унвони «Масъалаҳои асосии предмети танзими ҳуқуқи маданӣ» номгузорӣ шуда, доираи масъалаҳои вобаста ба моҳият, мазмун, ҳудуд ва хусусиятҳои танзими ҳуқуқи маданиро фаро мегирад. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ бевосита ба ин самт алоқаманд буда, ҳамчун қисми таркибии он баррасӣ мегардад, зеро дар ҷараёни таҳқиқот масъалаҳои муайян намудани хусусиятҳои танзими ҳуқуқи маданӣ, таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии он, инчунин роҳҳои такмили механизмҳои татбиқи онҳо дар шароити муосири рушди ҷомеа мавриди омӯзиши амиқ қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои бадастомада бо ҳадаф ва вазифаҳои барномаи илмии кафедра мутобиқ буда, метавонанд барои рушди минбаъдаи таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва такмили фаъолияти таълимӣ истифода гарданд.

## Тавсифи умумии таҳқиқот

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади таҳқиқоти илмӣ аз омӯзиши ҳамаҷонибаи шартҳои сифати мол дар уҳдадориҳои шартномавии хариду фурӯш, ошкор намудани мушкилоти мавҷуда ва хусусиятҳои хоси танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба таъмини сифати мол, инчунин таҳияи тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини сифати мол иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Барои ноил гардидан ба мақсади гузошташуда дар раванди таҳқиқот иҷрои вазифаҳои зерин пешбинӣ мегардад:

- муайян намудани мафҳум ва моҳияти шартҳои сифати мол дар шартномаҳои хариду фурӯш;
- ошкор намудани таносуби шартҳо дар бораи сифати мол бо дигар шартҳои муҳимми шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ вобаста ба бегона кардани мол;
- таҳлили масъалаҳои асосии таъмини сифати мол дар марҳилаи бастани шартномаи хариду фурӯш;
- муайян намудани хусусиятҳои воситаҳои ҳуқуқии таъмини сифати мол дар марҳилаи иҷрои шартнома;
- таҳлили оқибатҳои ҳуқуқии иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои фурӯшанда вобаста ба бегона кардани моли дорои сифати зарурӣ;
- таҳияи пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ ҷиҳати такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини сифати мол.

**Объекти таҳқиқи** диссертатсия муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки онҳо дар раванди таъмини маданӣ-ҳуқуқии сифати мол ба миён омада, дар қонунгузории ҷумҳурӣ ба андозаи муайян таҷассум ёфтаанд.

**Мавзуъ (предмет)-и таҳқиқи** диссертатсионӣ бо шартҳое марбут мебошанд, ки онҳо дар муайян намудани сифати мол нақши муҳим мебозанд. Иҷрои ин шартҳо дар уҳдадориҳои субъектҳои муомилоти молӣ таъкид ёфта, дар шартномаи хариду фурӯш ба таври мушаххас инъикос меёбанд ва ба

талаботи муқаррароти қонунгузории муосири миллӣ ва хориҷӣ, амалияи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, инчунин таҷрибаи мутахассисони соҳа, ки ба масъалаҳои таъмини сифати мол дар муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ мусоидат менамоянд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқ** (доираи таърихии таҳқиқот). Мавзуи таҳқиқот соли 2014 дар кафедраи «Ҳуқуқи маданӣ»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ки он дар заминаи нақшаи кории кафедра ва Барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи мазкур интихоб шудааст. Давраи асосии таҳқиқ солҳои 2014-2025 фаро гирифта, пажуҳишҳо дар се марҳала сурат гирифтанд:

1. Марҳалаи якум – ***солҳои 2014-2017***-ро дар бар мегирад. Дар ин марҳала нақшаи кори илмӣ-таҳқиқотӣ матраҳ гардид. Номгӯйи асноди меъёрии ҳуқуқии соҳа, адабиёти илмӣ-назариявӣ, фарҳангномаҳои ҳуқуқӣ ва маводи электронӣ мураттаб гардида, мавриди мутолиа ва баҳрабардории муаллифи диссертатсия қарор гирифт. Мақсаду вазифаҳо, объекти таҳқиқ мутобиқи талаботи методологии шиносномаи ихтисоси шиносномаи ихтисоси 5.5.3. «Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» муқаррар карда шуд. Дар ин муддат фаслҳои асосии боби 1 (ду фасл) – «Асосҳои ҳуқуқии шарт оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия шуд, дар ду конфронси сатҳи гуногун бо маъруза ширкат варзида, 3 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои гуногун ба табъ расонида шуд.

2. Марҳалаи дуюм – ***солҳои 2018-2021***-ро фаро гирифта, дар ин давра фаслҳои бобҳои 2 ва 3 (ду фасл) - «Хусусиятҳои ҳуқуқии шарт оид ба сифати мол дар марҳалаи бастан, иҷро ва қатъи шартномаи хариду фурӯш», «Оқибатҳои ҳуқуқии иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба бегона кардани моли босифат» дар шакли варианти қаблӣ рӯйи кор омад ва барои таҳрир ба роҳбари илмӣ манзур карда шуд. Аз ҳисоби фаслҳои бобҳои мазкур дар ин марҳала боз се мақолаи илмии гуногунҳаҷм нашр карда шуд ва дар се конференсияи гуногунсатҳ маърузаҳо ироа гардиданд.

3. Марҳалаи сеюм фарогири ***солҳои 2022-2025*** мебошад. Муқаддима ва хулосаи диссертатсия навишта шуд, феҳристи адабиёт тибқи муқаррарот мураттаб гардид. Ҷиҳати ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории ҷории соҳа дар қисми дуюми хулосаҳои умумӣ тавсияву пешниҳодҳои мушаххас ҷойгир карда шуд. Шакли аввали диссертатсия барои бозбинӣ ба роҳбари илмӣ пешниҳод карда шуд. Бо ризоияти роҳбари илмӣ ва мудири кафедраи «Ҳуқуқи маданӣ» соли 2025 рисола барои муҳокима пешниҳод карда шуд. Барои бартараф намудани нуқсонҳои ошкоргардида то моҳи декабри соли 2025 муҳлат муқаррар карда шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқ.** Асосҳои назариявии таҳқиқи илмиро корҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва танзими шартномавӣ ташкил медиҳанд. Дар ҷараёни таҳқиқот аз натиҷаҳои илмии В.В. Авдеев [107], Л.В. Андреева [108], Х.Э. Бахчисарайтсев [110], О.А. Белова [111], В.С. Белих [112;174], А.М. Белякова [144; 45], В.В. Богдан [175], С.Н. Братус [49], В.В. Васкин [176], Ш.К. Гаюров[116; 117], В.П. Грибанов [59; 60], А.В. Гридин [178], М.Г. Гуревич [121], А.В. Диденко [122], О.С. Иоффе [181], О.А. Красавчиков [128], Б.И. Пугинский [85; 86], В.Ф. Попондопуло [150], А.Р. Товмасян [198], Р.В. Халин [164], Г.Ф. Шершеневич [104], В.Ф. Яковлева [105; 169], Е.М. Яковлева [106], М.З. Раҳимов [88; 89], П.З. Мирзозода [76; 77] ва дигар мутахассисони соҳа истифода шудааст. Асарҳои зикршуда масъалаҳои умумии таъмини сифати мол, шартҳои шартномавӣ ва ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқиро дар низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ таҳлил намуда, барои ташаккули заминаи назариявии таҳқиқоти мазкур аҳаммияти муҳим доранд.

**Асосҳои методологии таҳқиқ** маҷмуи принсипҳо, усулҳо ва роҳҳои омӯзиши қонунияти ба вуҷуд омадан, ташаккул ва рушди падидаҳои маданӣ-ҳуқуқиро дар бар мегирад. Дар ҷараёни таҳқиқот аз усулҳои умумии таҳлил ва синтез, таҷрид ва муқоиса, инчунин, аз усулҳои махсуси расмӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, тафсири меъёрҳои ҳуқуқ, тарҳсозии ҳуқуқӣ ва пешгӯии ҳуқуқӣ истифода шудааст.

**Асоси меъёрии ҳуқуқии таҳқиқ** аз меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба таъмини сифати молро ба танзим медароранд.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар раванди таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ Конститутсияи ҶТ, КМ ҶТ, ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ва ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ, аз қабили Стратегияи миллии рушди ҶТ барои давраи то соли 2030 истифода шудаанд. Ҳамчунин, ҷиҳати муайян намудани амалияи татбиқи қонунгузории ҶТ оид таъйини шарт оид ба сифтаи мол ва дигар масоили вобаста ба он, аз санадҳои судӣ ва шартномаҳои тариқи нотариалӣ тасдиқшуда истифода гардидааст. Ҳамчунин, дар раванди таҳияи диссератсия муаллиф бо мақсади дуруст амалишавии масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ диққати асосиро ба маълумотҳои омории расмӣ равона намудааст.

Илова бар ин, дар ҷараёни таҳқиқот таҷрибаи амалии мақомоти судӣ ва дигар субъектҳои татбиқкунандаи ҳуқуқ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, барои муайян намудани мушкилоти мавҷуда ва камбудиҳои танзими ҳуқуқӣ истифода гардид. Ҳамчунин, маводи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, аз ҷумла парвандаҳои судӣ ва таҳлили шартномаҳои амалкунанда, барои асоснок намудани хулосаҳои илмӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ хизмат намуданд. Таҳқиқи маҷмуии манбаъҳои ҳуқуқӣ ва таҷрибавӣ имконият фароҳам овард, ки ҳолати воқеии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи мазкур муайян гардида, роҳҳои такмили онҳо пешниҳод карда шаванд.

**Нововарии илмии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки рисолаи мазкур аввалин кори илмии маҷмуӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки масъалаҳои танзими шартномавии сифати мол дар доираи шартномаи хариду фурӯш ба таври муназзам ва комплексӣ мавриди таҳқиқ қарор мегиранд.

Дар доираи таҳқиқот бори аввал дар ҳуқуқшиносии ватанӣ масъалаи гузоштани шартҳо оид ба сифати мол дар уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш мавриди баррасӣ қарор мегирад. Таҳқиқи амиқи мавзуъ барои равшан

гардидани як қатор мафҳуму истилоҳоти ҷанбаи ҳуқуқидошта дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ, тиҷорати дохилию берунӣ ва харидуфурӯши молу маҳсулот ба миён меоянд, шароит фароҳам меорад. Аз он ҷумла:

- мафҳум ва моҳияти шартҳои сифати мол дар шартномаҳои хариду фурӯш аз нигоҳи танзими маданӣ-ҳуқуқӣ таҳлил карда мешаванд;
- таносуби шартҳои сифати мол бо дигар шартҳои муҳимми шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ оид ба бегона кардани мол ошкор мегардад;
- масъалаҳои асосии вобаста ба таъмини сифати мол дар марҳилаҳои бастан ва иҷрои шартнома мавриди таҳлили ҳуқуқӣ қарор мегиранд;
- оқибатҳои ҳуқуқии иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои фурӯшанда вобаста ба пешниҳоди моли босифат муайян карда мешаванд;
- тавсияҳо ва пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ, ки ҷиҳати такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати таъмини сифати мол таҳия мегарданд.

**Нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Мувофиқи мақсад, вазифаҳо ва навовариҳои илмии рисола, нуктаҳои зерин барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, ки дар таҳқиқоти диссертатсионии дигар, ё умуман баҳсу баррасӣ нашудаанд, ё камтар мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтаанд:

1. Дар таҳқиқоти илмии рисола чунин муайян гардидааст, ки масъалаи шарт оид ба сифати мол аз муҳимтарин мавзуъҳои ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб рафта, танзими шартнома ва дигар масоили марбут ба он зарурати ҷиддии илмӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин ҷиҳат, дар таҳқиқоти мазкур масъалаи шарт оид ба сифати мол пеш аз бастани шартнома ба таври ҷиддӣ ва илмӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Мафҳум ва моҳияти шарт оид ба сифати мол қабл аз бастани шартномаи хариду фуруш дар он ифода меёбад, ки қадами баъд аз бастани шартнома ва раванди иҷрои он ва ҳамчунин, оқибатҳои манфии иҷро нагаштани он низ ба ҳамин марҳилаи бастани шартномаи хариду фурӯш вобастагӣ дорад. Масъалаи шарт оид ба сифати мол дар марҳилаи пеш аз бастани шартномаи хариду фурӯш ба ҳар миқдоре, ки дурусту саҳеҳ мавриди диққат ва таваҷҷуҳи тарафайни шартнома қарор гирад, ба ҳамон дараҷа

мазмуну мухтаво ва бандҳои шартнома ошкорву шаффоф ва равшан хоҳад буд, дар акси ҳол, ихтилоф ва нофаҳмӣ миёни тарафайн пеш меояд, ки ҳатто марҳилаи бастани шартномаро низ метавонад бо хатар мувоҷеҳ созад. Ба ҳамин сабаб, ин масъала дар рисолаи мазкур ҳамчун паҳлуи муҳимми масъалаи шарт оид ба сифати мол мавриди таҳлил қарор гирифтааст, ки дар таҳқиқоти мушобеҳ ба чунин нуктаҳо камтар таваҷҷуҳ гардидааст.

2. Нуктаи муҳимми дигар ҷиҳати пешниҳод ба ҳимоя дар он аст, ки муҳтавои «сифати мол» нисбат ба он чи дар таҳқиқоти илмӣ ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии марбута омадааст, боз ҳам бояд таърифи беҳтар ва дақиқтар гардад. Зеро, ба назар мерасад таърифҳо ва тавсифҳое, ки аз мафҳуми «сифати мол» мавҷуд аст, миқдоре номукаммал ва ғайри дақиқ мебошад. Дар ҳамин асос, агар мафҳуми «сифати мол» ба чунин тарзи таъриф карда шавад, беҳтар хоҳад буд. «Сифати мол» ба мутобиқати маҷмуи хусусиятҳои мол ба талаботе дахл дорад, ки дар шартномаҳо, стандартҳои давлатӣ ё регламентҳои техникӣ пешбинӣ гардидаанд. Аз он ҷо, ки ин мафҳум агар таърифи дурусти худро наёбад, илова бар он, ки замони бастани шартномаи тарафайн бо мушкил мувоҷеҳ мегарданд, ҳамчунин дар раванди иҷрои шартнома низ масоилу нофаҳмоиҳои зиёде ба миён хоҳад омад. Ба назар мерасад, ки агар таърифи мафҳуми «сифати мол» ба таври дуруст ҳалли худро наёбад, назорат бар раванди иҷрои шартномаҳо низ бо мушкилоти асосӣ рӯ ба рӯ мегардад. Чунки назорат дар он сурат муваффақ аст, ки бандҳо ва моддаҳои шартномаи хариду фурӯш миёни тарафайн мушаххас ва муайян шуда бошанд. Агар «сифати мол» ба таври дуруст мавриди тавофуқи тарафайн мушаххас нашуда бошад, ҳам худи шартнома ва ҳам раванди иҷро ва назорати он низ бо мушкилоти ҷиддӣ мувоҷеҳ хоҳад шуд.

3. Аз нуктаҳои дигаре, ки ба ҳимоя пешниҳод мегардад ва бисёр ҳам муҳим мебошад, ҳолати иҷро нагаштани шартнома мебошад. Агар шартнома байни тарафайн баста шавад, вале иҷрои он бо мушкил мувоҷеҳ гардад, метавонад аз он сабаб бошад, ки мавқеъ ва робитаи шарт оид ба сифати мол бо дигар шартҳои мавриди зикр дар шартнома дуруст мушаххас нашуда

бошад. Агар ҷойгоҳи ҳар шарт дар шартнома ба таври саҳеҳ муайян нагашта бошад, дар раванди иҷро метавонад мавриди сӯистифодаи яке аз тарафайн қарор гирад, ки чунин шарте дар шартнома ё мушаххас нашуда буд, ё бо дигар шартҳои шартнома робита, ҷойгоҳ ва мавқеаш таъйин нашуда буд, пас ҳамин номуайянӣ метавонад сарчашмаи мушкилоти иҷрои шартнома дар раванди иҷро гардад. Ба ҳамин ҷиҳат, новобаста аз он, ки бисёре аз таҳқиқоти илмӣ ин масъаларо, чуноне ки мебоист таваҷҷуҳ накардаанд, аммо рисолаи мазкур ба он диққати хосса додааст, ки шарт оид ба сифати мол дар ҳар шартномае бояд мавқеъ ва ҷойгоҳи дақиқи худро ёфта, робита ва нисбати он бо дигар шартҳои мавҷуд дар шартнома бояд мушаххас ва муайян гардад.

4. Механизмҳои назорат бар раванди иҷрои дурусти шартномаи хариду фурӯш ҷиҳати пешгирӣ аз оқибатҳои манфии иҷро нагаштани шартнома, аз муҳимтарин нуктаҳои дигарест, ки ба фарқ аз аксар таҳқиқоти илмӣ дар ин рисола ба ҳимоя пешниҳод мегардад. Механизми назорат бар иҷрои шартнома ба он кумак мекунад, ки дар сурати иҷро нашудани ҳамаи бандҳои шартнома ё қисме аз он, метавонад чораҳои лозима андешида шавад. Чунин чораҳои лозима бояд дар марҳилаҳои пеш аз иҷрои шартнома, ё дар марҳилаи танзим ва бастани шартнома ба инобат гирифта шаванд, то пас аз бастани он, дар раванди иҷро аз оқибатҳои манфии иҷро нашудани он пешгирӣ шавад. Масалан, тавсиф ва шарҳи муфассали сифати молу маҳсулот, байни мутобиқати сифати мол бо стандартҳои миллӣ, давлатӣ, минтақавӣ, байналмилалӣ ва регламентҳои техникӣ, байни нархи мол ва мутобиқати сифати мол бо нархи мазкур дар бозор, таъмини кафолати сифати мол, пешбинии ҳолати норасоии ҷиддии сифати мол бо маҳсулоти мавҷудбуда ва механизми ҳалли ихтилофҳои тарафайни шартнома дар ҳар як аз бандҳо ва мавридҳои мазкур аз ҷумлаи муҳимтарин масоиле ба ҳисоб мераванд, ки агар дар шартнома ба дурустӣ байни тарафайн ҳалли худро ёфта бошанд, шартнома низ бидуни ҳеҷ мушкиле иҷро мегардад. Ҳамчунин, механизми назорат бар иҷрои шартнома низ ба дурустӣ анҷом мегардад. Дар

сурати дуруст мушаххас накардани масоили мазкур, ҳам раванди иҷро ва ҳам механизми назорат бар раванди иҷро бо мушкил мувоҷеҳ мегардад.

Оқибатҳои ҳуқуқии вайрон намудани талаботи сифати мол низ маҷмуи масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалиро дар бар мегиранд, ки омӯзиши онҳо дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ аҳамияти хосси илмӣ ва амалӣ дорад. Дар сурати таҳвили моле, ки ба талаботи сифат мутобиқат намекунад ё дорои норасоиҳои ҷиддӣ мебошад, як қатор оқибатҳои ҳуқуқӣ ба миён меоянд. Аз ҷумла, харидор ҳақ дорад бо ихтиёри худ аз иҷрои шартномаи хариду фурӯш даст кашад, маблағи барои мол пардохташударо бозпас талаб кунад ё ивази моли бесифатро бо моли мувофиқ ба талаботи шартнома хоҳиш намояд.

Ҳамзамон, вобаста ба хусусият ва дараҷаи норасоиҳои мол, харидор метавонад ҷуброни зарарро, аз ҷумла зараре, ки дар натиҷаи ниҳоӣ пешниҳоди моли дорои сифати оқибати номатлуб ба миён омадааст, зарур мешуморад. Инчунин, ӯ ҳуқуқ дорад бартараф намудани камбудиҳои мол ё коҳиш додани нархи онро мутаносибан талаб намояд. Ин ҳама ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии харидор ва таъмини иҷрои дурусти уҳдадориҳои шартномавӣ равона гардидааст.

Илова бар ин, татбиқи самараноки ин меъёрҳои ҳуқуқӣ ба баланд бардоштани сатҳи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва таъмини эътимод ба муносибатҳои шартномавӣ мусоидат менамояд. Таҳлили оқибатҳои ҳуқуқии вайрон намудани талаботи сифати мол имконият фароҳам меорад, ки камбудиҳои мавҷуда дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ошкор карда шаванд. Дар ин замина, пешниҳод намудани тавсияҳои илмӣ-амалӣ барои такмили қонунгузорӣ ва беҳтар намудани механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи харидорон аҳамияти муҳим дорад.

**Аҳаммияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқ.** Аҳаммияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки дар рисола муносибати муаллиф ба ҳалли масъалаҳои танзими шартномавии сифати мол асоснок гардида, маҷмуи хулосаҳои илмӣ-назариявӣ таҳия шудаанд. Ин хулосаҳо мафҳум ва

моҳияти шартҳои шартнома оид ба сифати мол, таносуби онҳо бо дигар шартҳои шартномаи хариду фурӯш, инчунин оқибатҳои ҳуқуқии иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои фурӯшандаро дар бар мегиранд. Муқаррароти пешниҳодшуда ба рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи маданӣ ва такмили механизми танзими ҳуқуқии муносибатҳои вобаста ба сифати мол мусоидат менамоянд.

**Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ-амалии муаллиф метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини сифати мол истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди фаъолияти ҳуқуқтатбиқӣ, таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо, инчунин ҳангоми шарҳи қонунгузории амалкунанда дар соҳаи таъмини сифати мол аҳаммияти амалӣ доранд. Илова бар ин, маводи рисола метавонад дар раванди таълим ҳангоми хондани фанҳои «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ» ва дигар фанҳои марбут ба ҳуқуқи хусусӣ истифода гардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ пурра ба талаботи шиносномаи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, мутобиқат менамояд.

Дар доираи таҳқиқот масъалаҳои марбут ба танзими муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, аз ҷумла масъалаҳои вобаста ба сифати мол дар шартномаи хариду фурӯш, мавриди омӯзиш қарор гирифта, ба самтҳои асосии ихтисоси мазкур мутобиқ мебошанд. Мазмун ва натиҷаҳои таҳқиқот ба рушди минбаъдаи назария ва амалияи ҳуқуқи маданӣ мусоидат намуда, доираи масъалаҳои дар шиносномаи ихтисоси зикршуда пешбинишударо фаро мегиранд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ бо дараҷаи навовариҳои илмии диссертатсия, муқарраротҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, бо

мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳои муаллиф дар конференсияҳои илмию амалии хусусияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ифода ёфта, инчунин бо коркарди тағйирот ва иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда тасдиқ мегарданд. Инчунин, тарзи ифода, гузоштани масъалаҳо ва услубшиносии диссертатсия саҳми шахсии муаллифро равшан инъикос менамояд.

Саҳми довталаб ҳамчунин дар мустақилона анҷом додани таҳқиқот, таҳлили ҳамаҷонибаи манбаъҳои илмӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, инчунин дар асоснок намудани хулосаҳо ва пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ, ки ба такмили қонунгузории амалкунанда равона шудаанд, зоҳир мегардад.

Ҳамчунин, саҳми довталаб дар таҳияи равишҳои назариявӣ ва такмили ҷанбаҳои методии масъалаҳои таҳқиқшаванда ифода ёфтааст. Натиҷаҳои бадастомада дар шакли хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешниҳод гардида, метавонанд дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ва раванди таълим истифода шаванд. Дар баробари ин, навоварии илмии таҳқиқот дар таҳлили мукаммал ва пешниҳод намудани роҳҳои ҳалли масъалаҳои мубрами соҳа инъикос ёфтааст.

**Тасвиб ва амалисозӣ.** (Тасдиқи (апробатсияи) натиҷаҳои таҳқиқ). Рисола дар кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро ва муҳокима гардида, бо гирифтани тақриз барои ҳимоя тавсия дода шудааст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфта, марҳила ба марҳила мувофиқи самтҳои асосии таҳқиқот апробатсия шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи таҳқиқ муаллиф 16 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки 5 адади он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия тавсияшуда нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таркиби рисола мутобиқ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян гардида, аз муқаддима, се боб, 6 фасл ва хулоса дар ҳаҷми 182 саҳифа, инчунин рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 195 номгӯй иборат мебошад.

## БОБИ I. АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ШАРТ ОИД БА СИФАТИ МОЛ ДАР УҲДАДОРИҲОИ ШАРТНОМАВИИ ХАРИДУ ФУРӮШ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 1.1. Мафҳум, мазмун ва аҳаммияти ҳуқуқии шарт оид ба сифати мол дар шартномаи хариду фурӯш

Дар шароити муосири ҳаёти чамъиятӣ шумораи истеъмолкунандагон ногузир меафзояд ва аз ин рӯ, мушкилоти таъмини сифати мол ба яке аз мушкилоти ҷиддӣ табдил мегардад [140, с. 83].

Категорияи «сифат» аз қадим диққати намояндагони самтҳои гуногуни илмиро ҷалб намудааст [162, с. 46]. Дар робита ба ин, мушкилоти сифат предмети таҳқиқоти илмҳои зиёде, аз ҷумла фалсафа, иқтисодиёт, молшиносӣ, техника ва дигар гардидааст. Қобили зикр аст, ки Н.Г Ткачева, «.....чунин мешуморад ки ин вазифаи илми ҳуқуқ аз таъсиси механизми самараноки ҳуқуқие асос ёфтааст, ки истеҳсолот ва ворид шудани моли сифати дархосшударо ба бозор таъмин намояд. Аммо барои таъсиси чунин механизм, пеш аз ҳама, мафҳум ва моҳияти категорияи ҳуқуқии сифати молро аниқ кардан зарур аст» [161, с. 46].

Азбаски «сифат» ин категорияи васеъ, мушкил ва универсалии дорои як қатор хусусият ва ҷанбаҳои гуногун аст [162, с. 46], бинобар ин категорияи сифати мол ба қатори мафҳумҳои гуногунҷабҳа тааллуқ дорад [177, с. 18].

Муҳаққиқон ҷанбаҳои фалсафӣ, ҷамъиятӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, муҳандисӣ-техникӣ, омориро фарқ намуда, ҳамзамон баъзе муҳаққиқон ҷиҳатҳои кибернетикӣ, математикӣ, техникӣ, истеҳсолӣ, истеъмолии муайян намудани мафҳуми сифатро ҷудо кардаанд [148, с.7]. Вобаста ба ин, дар соҳаҳои гуногуни илм (фалсафа, иқтисодиёт, ҳуқуқ) мафҳумҳои зиёди категорияи сифат вуҷуд доранд [186, с. 11-12]. Дар адабиёти махсус беш аз дусад мафҳуми гуногуни сифат ба назар мерасад. [115, с. 18]. Бе шубҳа метавон гуфт, ки ҳама таҳқиқоте, ки бо ҳадафи муайян кардани сифати мол дар доираи ҳамин ё он илм анҷом дода шудааст, дорои аҳамияти ҳам амалӣ ва ҳам назариявӣ мебошанд. Ин таҳқиқот имконият медиҳанд, ки категорияи

ягонаи универсалии сифат таҳия шуда, нишонаҳо ва мафҳумҳои консептуалии он бо дақиқӣ муайян гарданд [186, с. 11-12].

Ҳангоми муайян намудани мафҳуми «сифати мол» бояд ҷанбаҳои гуногуни фаҳмиши он ба назар гирифта шаванд. Вобаста, ба ин ба мақсад мувофиқ меҳисобем, ки дар рисолаи диссертатсионии мазкур баъзе аз мафҳумҳои категорияи сифати молро, ки дар илмҳои гуногун (фалсафа, иқтисодиёт, ҳуқуқ) мавҷуданд, бо мақсади таҳлили ҳаматарафаи мафҳуми категорияи сифати мол баррасӣ намоем.

Зикр кардан муҳим аст, ки ҷидду ҷаҳдҳое, ки муҳаққиқон доир ба дақиқ намудани моҳияти истилоҳи «сифати мол» ба харҷ медиҳанд, ба қавли А.В.Гридин «бе дарки фалсафии мафҳуми «сифати мол» дар шарҳи ин категорияи ҳуқуқию иқтисодӣ ногузир ба ғалатфаҳмӣ роҳ медиҳанд» [178, с. 149].

Дар «Философский словарь» (1968) истилоҳи «сифат» бо мафҳуми «яқин будан; дар мавҷудияташ шакку шубҳа набудан; он чи, ки воқеӣ ва ё ҳақиқист» [99, с. 149-150] қаробат дорад ва бо ҳамин ҷиҳаташ аз дигар ашёву рӯйдод тафовут дорад.

Дар баробари ин, дар луғати дигари фалсафӣ «Философский словарь» (1980) қайд карда мешавад, ки сифат ин яқинии ҷиддии предмет аст. Сифати предмет ба хусусиятҳои алоҳидаи он гузаронида намешавад. Сифат бо предмет, умуман алоқаманд аст, онро пурра фаро мегирад ва аз он ҷудо нест. Аз ин рӯ, мафҳум ва моҳияти сифат бо ҳастии предмет алоқамандии зич дорад. Предмет наметавонад сифати худро гум кунад [100, с. 151].

Бо назардошти ин дар адабиёти фалсафӣ сифат чун хусусияти маҷмуъи ва интегралии предмет (ягонагии хосияти он) дар низоми робитаву муносибатҳои он бо предметҳои дигар муқарар карда мешавад [98, с. 138-139]. Масалан, Аристотел мафҳуми сифатро муайян карда, қайд намуда буд, ки «сифат нишонаи аз ҷиҳати намуд фарқкунандае мебошад, ки ин аслро дар хусусияти намудиаш аз дигар асл, ки ба ҳамон намуд мансуб аст, фарқ мекунонад». Дар навбати худ, Гегел навишта буд, ки «сифат ин яқинии

бевоситаи бо ҳастӣ мушобеҳ аст… Як чиз ба шарофати сифати худ чизест, ки ҳастӣ ва сифати худро гум мекунад ва дигар он чизе, ки буд, нест» [115, с. 12-13].

Ҳамин тариқ, сифат ин яқинии предмет аст, ки бо воситаи он чунин аст, на предмети дигар ва аз дигар предметҳо қобилияти фарққунанда дорад. Ба шарофати сифат ҳар як предмет арзи вуҷуд мекунад ва ҳамчун як чизи аз дигар предметҳо ба таври фарққунанда ба назар гирифта мешавад ва дар маҷмуи хусусиятҳои он намоён мегардад [115, с. 12]. Бино ба қавли И.Пичурин (2002) зимни шарҳҳои файласуфон «сифат» василаест, ки барои гузоштани тафовут дар байни ашё ба кор бурда мешавад [149, с. 20]. Дар робита ба моҳияти фалсафии фаҳмиш доир ба «сифат» маълум мешавад, ки ҳама гуна амвол ба сифати муайяне моликанд ва ё ба таври дигар – тамоми молҳо босифат мебошанд [140, с. 80].

Ҳамзамон бояд ба назар гирифт, ки дар адабиёти фалсафӣ мафҳуми сифат аксар вақт ба маънои хосияти аҳамиятнок истифода мешавад [191, с. 25]. Масалан, А. Г. Спиркин қайд мекунад, ки «сифат ин тавсифи ягонагии функсионалии хусусияти муҳимми объект, яқинии дохилӣ ва берунии он, устувории нисбӣ, фарқиятҳои он, инчунин дигар монандиҳо бо объектҳои дигар мебошад» [97, с. 299]. А. С. Фрайман менависад, ки «сифат ин низоми хусусиятҳои муҳимтарин ва зарурии предмет аст» [163, с. 48]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ нуқтаи назари файласуфонро оид ба категорияи сифат баррасӣ намуда истода, хулоса баровардан мумкин аст, ки «арзандагии дарки фалсафии сифат аз фарз кардани дорои ягон хусусияти муҳим доштани ин ё он объект иборат аст» [186, с. 13]. Дар баъзе таҳқиқоти ҳуқуқӣ нишон дода мешавад, ки категорияи фалсафии сифат моҳияти бунёдии ашёро инъикос мекунад. Дар давраи кунуни, моҳияти сифатии ашё ва фарқият байни онҳо асосан тавассути хусусиятҳо баён мегардад. [140, с. 79].

Инчунин, қайд кардан зарур аст, ки мафҳуми сифатро ба маънои хусусияти муҳим баррасӣ намуда, дар адабиёти илмӣ ба он диққат дода

мешавад, ки сифати ашё маҳз тавассути хусусияташ ошкор мегардад [148, с. 20].

Аз ҷумла, А. В. Маслова менависад, ки «сифати ашё тавассути хусусияташ ошкор мегардад ва дар ин ҳол, агар сифат тавсифи комилу асосии ашё бошад, пас хосияти ашёро танҳо аз ягон тараф тавсиф медиҳад» [192, с. 24]. Дар фалсафа зери мафҳуми хусусият он маънӣ фаҳмида мешавад, ки ба ягон предмет хос буда, мавҷудияти дақиқи онро ташкил медиҳад [140, с.79]. А.Г. Спиркин мафҳуми хусусияти ашёро ҳамчун усули зоҳир намудани тарафи муайяни сифати объект нисбат ба объектҳои дигаре, ки бо он робита доранд, муайян мекунад [97, с. 300]. Дар баробари ин, дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд карда мешавад, ки «хусусият он тарафи предметро ифода мекунад, ки ба фарқият умумияти он бо дигар предметҳо асос меёбад» [140, с. 79]. Ё ин ки зери хусусияти мол махсусияти объективии маҳсулот фаҳмида мешавад, ки мумкин аст ҳангоми истеҳсол, истифода ё истеъмол зоҳир гардад [111, с. 82]. Дар ин ҳол, хусусияти ҳама гуна мол дар нишондиҳандаҳои дахлдор тавсиф ва ифода ёфта метавонад. Аммо дар амал «..нишондиҳандаҳои сифат на ҳама вақт таъсифи объективии маҳсулотро саҳеҳ инъикос карда метавонанд ё қисми муайяни он (хусусият), умуман, дар нишондиҳандаҳо нишон дода намешавад» [111, с. 40].

Ҳамин тариқ, Волкова А.А. ба чунини назар аст, ки «....дарки ашё аз зуҳуроти беруна ва бевосита, ки танҳо дар раванди робитаи он бо ашёи дигар ба миён меояд, оғоз мегардад. Берун аз сифат ашё тавассути хусусияташ зоҳир мегардад, ки онро инсон дарк мекунад ва тавассути он худи ашёро маърифат мекунад» [115, с. 13]. Мутаносибан, оиди сифати мол дар ҳуқуқи маданӣ гап зада истода, хусусияти онҳоро муқаррар намудан зарур аст, чунки ин хусусиятҳои дохилӣ имкон медиҳанд, ки ин ё он объект муайян карда шавад [186, с. 13].

Андешаҳои дар фавқ баёншуда далели он мебошанд, ки ба воситаи фаҳмиши фалсафии истилоҳи «сифати мол» равшан сохтани тафовути байни ашёву ҳаводис аз предмету рӯйдодҳои дигар имконпазир мегардад.

Аммо, дар баробари ин, бо ақидаи Волкова А.А. «...дар адабиёти ҳуқуқӣ мавҷудбуда дар бораи он, ки ҳангоми муайян намудани мафҳуми категория сифати мол дар ҳуқуқи маданӣ танҳо мафҳуми фалсафии категорияи сифатро асос гирифтан мумкин нест, розӣ шудан зарур аст, чунки дарки фалсафии сифат асоси ташаккули дигар мафҳумҳои нисбатан маҳдуд, аз ҷумла ҷанбаи ҳуқуқӣ-мадании он ба ҳисоб меравад»[115, с. 13-14].

Қайд намудан зарур аст, ки дар баробари ифодаи фалсафии мафҳуми сифат ифодаи иқтисодии он низ дар тавсифи мафҳуми ҳуқуқии категорияи сифати мол нақши назаррас мебозад.

Қобили зикр аст, ки дар илми иқтисод сифати молро (дар муқоиса бо дарки фалсафӣ) танҳо бо хусусияти мол марбут менамояд, ки талаботи муайяни ҷамъиятӣ ё хусусиро тибқи таъиноти ӯ қонеъ гардонида метавонад [154, с. 13]. Масалан, В. Н. Сергиевский қайд менамояд, ки «...сифати мол тавассути хусусиятҳои табиии ашё зоҳир гардида, манфиати ҷамъиятии мол ва мутаносибан талаботи ҷамъиятиро ба он муайян мекунад» [70, с. 31].

Дар ин бора олимон-иқтисодчиён мафҳуми «сифат» ва «арзиши истеъмолӣ»-ро монанд карда, чунин қайд менамоянд: «Дар адабиёти иқтисодӣ зери мафҳуми арзиши истеъмолӣ фоиданокӣ, неъмат, кобилияти ба шарофати хусусиятҳояш қонеъгардонии талаботи инсон ба сифати воситаҳои истеҳсолот ва предмети истеъмол ё хизматрасонӣ фаҳмида мешавад» [51] ё ки «сифати маҳсулот ин маҷмуи хусусият ва ҳолати мол аст. Дар навбати худ арзиши истеъмолӣ низ маҷмуи хусусиятҳои фоиданок ба шумор меравад» [55, с. 8].

Дар иқтисодшиносӣ низ мафҳуми «сифати мол»-ро ба маънои васеъ ва маҳдуди он фарқ мекунанд. Сифати мол ба маънои васеъ мафҳуми «арзиши истеъмолӣ»-ро ташкил медиҳад, ки дар худ хусусиятҳои функсионалии маҳсулот, сифати хизматрасонии истеъмолкунандагон, муносибати фурӯшанда ва истеъмолкунанда ва воситаҳои маркетингро дар бар мегирад. Мафҳуми «сифати мол» ба маънои маҳдуди он дараҷаи рушди хусусиятҳои

функсионалии онро дар муқоиса бо дигар маҳсулот инъикос менамояд [90, с . 199].

Ю.А. Кузнетсова ақидаи олимон-иқтисодчиёнро «....дар бораи категорияи сифати мол таҳлил намуда менависад, ки сифат ҳамчун категорияи иқтисодӣ муносибати одамонро ба ин ё он маҷмуи хусусияти арзиши истеъмолӣ мефаҳмонад, яъне ин баҳои ҷамъиятӣ аст, ки дараҷаи қаноатмандии истеъмолкунандаи молро тавсиф медиҳад» [158, с. 14]. А. В. Маслова низ ба чунин хулоса омада ва қайд менамояд, ки «вақте ки сухан дар бораи сифат ҳамчун категорияи иқтисодӣ меравад, пас ин аллакай муносибати одамон ба ин ё он маҷмуи хусусиятҳои арзиши истеъмолӣ мебошад» [163, с. 25]. Дар чунин ҳолат сифат ин баҳогузории ҷамъиятиест, ки дараҷаи қаноатмандгардонии талаботро ба шартҳои муайяни истеъмоли ин ё он маҷмуи хусусиятҳо, ки чунин хусусиятҳоро бо назардошти ин шароитҳо истеҳсолкунандагони маҳсулот бахшидаанд, ифода менамояд. Дар ин замина ақидаи А.С. Панова чолиб аст, ки менависад: «сифати мол ин маҷмуи хусусиятҳое мебошад, ки дорои қобилияти қонеъ гардонидани талаботи ҷамъиятӣ буда, он дар лаҳзаи муайяни вақт (масалан, ҳангоми бастани шартнома) дарк карда мешавад (маълум мешавад)» [114, с. 84]. Дар асоси ин гуфтаҳо ӯ тасдиқ мекунад, ки моҳияти категорияи сифат бо хусусиятҳои раванди дарк алоқаманд аст: бо беохир будани раванди дарк, вақте ки он чизе, ки барои мо имрӯз муҳим ба назар мерасад, пагоҳ хусусияти маҳсулӣ ва беназир мегирад, чунки ҳама вақт баъди моҳияти маҳсулӣ моҳияти нисбатан нав ва амиқ кашф мегардад. Ба ин маъно сифат (ҳамчун маҷмуи хусусиятҳо) ҳаракаткунанда аст. Он таҳаввулот мекунад. Талаботи мо низ ба молҳо ҳаракаткунанда ва тағйирёбанда мебошанд [114, с. 84].

Муносибати фалсафӣ ва иқтисодӣ ба дарки сифат имкон медиҳад, ки мафҳуми ҳуқуқии он тасвия карда шавад [158, с.14]. Дар баробари ин В. С. Белих чунин ҳисоб мекунад, ки «ҷанбаи иқтисодии сифат дар байни дигар ҷанбаҳо ҳалкунанда (муайянкунанда) мебошад, чунки ба шакли молии муносибатҳои «истеҳсолкунанда - истеъмолкунанда» вобаста ба хусусияти

мол ишора менамояд» [88, с. 25]. Дар баробари ин ба назар гирифтан зарур аст, ки маҳз тавассути ҳуқуқ муносибатҳои муайяни иқтисодӣ (ва муносибатҳо вобаста ба сифат) барқарор карда мешаванд, яъне гӯё интиқоли категорияҳои иқтисодӣ ба забони мафҳумҳои ҳуқуқӣ бо роҳи муайян намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои дахлдор ба миён меояд [77, с. 23].

Дар бораи зарурати фарқ гузоштан байни мафҳуми сифати мол аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ В. С. Шелестов низ менависад. Аз ҷумла, ӯ қайд мекунад, ки «муайян намудани мафҳуми иқтисодии сифат ба таҳияи хусусиятҳои умумӣ ва махсуси моли истеҳсолшаванда оварда мерасонад, таъиноти ҳуқуқӣ бошад, ба таъмини танзими меъёрии он муқаррароте, ки дар мафҳуми иқтисодӣ ифода гардидаанд, меорад» [79, с.120]. Ҳамин тариқ, тавассути ҳуқуқшиносӣ воситаҳои ҳуқуқиеро таҳия намудан зарур аст, ки талаботи иштирокчиёни иқтисодиро бештар қонеъ мегардонанд, чунки муносибатҳои ҳуқуқӣ-маданӣ маҳсули муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд [103, с.28-31].

Дар баробари ин ба назар гирифтан зарур аст, ки нақши ҳуқуқ аз вазифаҳои зерин иборат аст: якум, мусоидат намудан дуруст ба инъикос намудани сатҳи меъёрии сифат, ки умедҳои истеъмолкунандагонро қонеъ гардонад, майл ба баланд бардоштани сифат дошта бошад, дар амал дастоваранда ва аз ҷиҳати иқтисодӣ қобили қабул бошад: дуюм, бо ёрии амал ва робитаи мутақобилаи меъёрҳои умумиҳатмии ҳуқуқӣ ва воситаҳои ғайримеъёрии ҳуқуқӣ мусоидат намудан ба бадасторӣ ва дастгирии сатҳи мувофиқи сифат [116, с. 246-247].

Дар ҳуқуқшиносӣ мафҳуми «сифати мол» аз ҷониби бисёр олимони ҳуқуқшинос таҳқиқ карда шудааст. Онҳо бештар ба ҷанбаи фалсафию ҳуқуқии ин категория мароқ зоҳир кардаанд. Хулосаву муҳокимаи коршиносонро ба эътибор гирифта, бояд гуфт, ки таҳқиқгарон дар бобати як қатор масоили марбут ба «сифати мол» бо ҳамдигар ҳамрайъанд. Чунончи:

1) сифати мол чигунагии маҷмуи аломатҳои худи мол маҳсуб меёбад;

2) хусусияти мол дар воситаҳои ҳуқуқии таъмини сифати мол, яъне дар стандартҳои давлатӣ ё регламентҳои техникӣ, ё шартнома мустаҳкам (пешбинӣ, муайян) карда мешавад. Дар ин сурат, шарҳи мафҳуми сифати мол, ки В.Ф.Яковлева ифода кардааст, истисно аст. Ӯ чунин меҳисобад, ки «сифати мол ин мувофиқатии хусусиятҳои предмет ба таъиноти мақсади он, инчунин ба сатҳи муайяни талаботи ба ҳолати умумии рушди техника ва дархостҳои истеъмолкунанда асосёфта мебошад» [140, с. 56].

Дар ин замина қайд намудан зарур аст, ки муаллифон ҳангоми шарҳдиҳӣ стандарти давлатӣ, регламенти техникӣ ва шартномаро воситаҳои ҳуқуқии сифати мол меҳисобанд. Масалан, А. М. Запорожетс нишон медиҳад, ки: а) шартҳои шартнома, яъне шартнома; б) санадҳои амалкунандаи меъёриву техникӣ, ё ин ки асноди меъёрии ҳуқуқии аз ҷониби давлат муқарраршуда (стандартҳои давлатӣ) ва риояи регламентҳои техникӣ [150, с.15]. Дар бобати муайян намудани воситаҳои ҳуқуқии таъмин кардани сифати маҳсулот В.С.Белих номгӯйи зеринро пешниҳод месозад: «1) асноди меъёрии ҳуқуқӣ, ё ин ки стандарт давлатӣ ва реҷаи техникӣ; 2) шартҳое, ки дар шартнома дарҷ шудаанд, мухтасар шартнома»[145]. Муҳаққиқи дигар - А.В.Маслова бошад, ба воситаҳои ҳуқуқии таъмин намудани сифати молу маҳсулот аснод ва талаботи зеринро нисбат додааст: а) шартнома; б) талаботи ҳатмии риояи қонунгузории соҳа, ё худ иҷрои нишондодҳои стандарти давлатӣ ва регламентҳои техникӣ [163, с. 27].

Истисно аз ин, як қатор коршиносону таҳқиқгарон ба ғайр аз стандарти давлатӣ, регламентҳои техникӣ ва шартномабандӣ, ҳамчунин намуна (эталон)-ҳоро (Л.И. Брославский [50]), маълумот дар бораи мол (А.Р. Товмасян [198]), қоидаҳои ҳуқуқиро (Ю.А. Кузнетсова [187]) воситаи ҳуқуқии таъмини сифати мол ҳисоб мекунанд.

Гурӯҳи дигари мутахассисони соҳа, гарчанде ки стандарти давлатӣ, регламентҳои техникӣ ва шартномаро ҳамчун воситаи ҳуқуқии таъмини сифати молу маҳсулот арзёбӣ кунанд ҳам, онҳо нисбат ба моҳият ва вазифаҳои шартнома нуктаи назари мухталиф доранд. Чунончи, В.М.

Огризков ба сифати воситаи ҳуқуқии таъмини сифати мол стандарти давлатӣ, регламенти техникӣ ва шартномаро номбар мекунад, лекин муаллиф шартномаро ба воситаи ҳуқуқии таъмини сифати мол мансуб дониста, чунин эзоҳ медиҳад: «дар ҳолатҳои бо қонун пешбинишуда» [79, с. 26]. М.Б. Емелянова низ ба шартнома аҳаммияти дуюмдараҷа медиҳад. Аз ҷумла, муаллиф стандарти давлатӣ ва регламенти техникиро ҳамчун сифати воситаи ҳуқуқии таъмини сифати мол нишон дода, қайд мекунад, ки «дар сурати дар стандарти давлатӣ ва регламентҳои техникӣ набудани тавсифи сифати мол ба шартнома мурољиат намудан даркор аст» [62, с. 71]. Ҳамин ақидаро Л.В. Андреева низ дастгирӣ карда навиштааст: «дар сурати набудани талаботи ҳатмии давлатӣ ба сифати мол танзимкунандаи асосии сифат шартнома ба ҳисоб меравад» [108, с. 8]. Бар хилофи ақидаи В.М. Огризков, М.Б. Емельянова, Л.В. Андреева муҳаққиқи дигар Е.М. Яковлева дар низоми воситаи ҳуқуқии таъмини сифати мол ба шартнома аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳад. Аз ҷумла, ӯ қайд менамояд, ки «нишондиҳандаҳои сифатии мол бояд ба талаботи «дар шартнома нишон додашуда», стандарти давлатӣ ва регламенти техникӣ мувофиқат намоянд» [106].

Дар хусуси мафҳуми истилоҳи шартнома дар низоми воситаҳои ҳуққии таъмин намудани сифати маҳсулот дар шартномаи ҷонибҳо дарҷи нуктаи зерин: ҷонибҳо ба воситаи ҳамин шартномаи ба расмият даромада, аниқтараш бо роҳи ба мувофиқа расидан дар бораи шартҳои сифати мол (нишондиҳандаҳои сифатӣ, тавсифи сифатӣ) дар ҳуҷҷати мазкур танзими шартномавии сифати молро амалӣ месозанд.

Чунон ки қайд карда шуд, нисбат ба танзими меъёрӣ танзими шартномавӣ яке аз воситаҳои муҳимми ҳуқуқии таъмини сифати мол ба ҳисоб меравад, чунки шартнома танзимкунандаи нисбатан тағйирёбанда ва самараноке ба ҳисоб меравад, ки ба тағйироти дар ҷамъият ба амал омада ҳассос аст. Дар баробари ин, чуноне ки М.З. Раҳимов қайд мекунад, ки «танзими шартномавӣ барои мусобиқа, рақобат бо мақсади ба даст овардани натиҷаи ниҳоӣ шароит фароҳам меорад, инчунин ба иштирокчиёни

муносибатҳои хоҷагидорӣ имкон медиҳад, ки ташаббускорӣ зоҳир намоянд, қарорҳое қабул намоянд, ки ба қонунгузорӣ мухолифат накунанд» [166, с. 19-20]. Маҳз тавассути танзими шартномавӣ, аз ҷумла тавассути дар шартнома ба мувофиқа расидан оид ба шартҳои сифати мол мумкин аст нокифоягии дар қонунгузорӣ мавҷудаи танзими ҳуқуқии сифати мол такмил дода шуда, инчунин, камбудиҳои дар қонунгузорӣ дар соҳаи таъмини сифати мол ҷойдошта бартараф карда шаванд. Дар баробари ин, нисбат ба танзими меъёрӣ танзими шартномавӣ бо баробарҳуқуқӣ ва мустақилияти тарафҳои шартнома тавсиф карда мешавад, яъне тарафҳо ихтиёран ба зиммаи худ уҳдадориҳоро мегиранд ва иҷрои онҳоро кафолат медиҳанд. Масалан, тарафҳо тавассути ба мувофиқа расидан оид ба шартҳои сифати мол дар шартнома метавонанд нисбат ба талаботи дар қонунгузорӣ пешбинишуда талаботи баландтарро ба сифати мол пешбинӣ намоянд.

Ю.А. Кузнетсова дуруст қайд мекунад, ки «бо қабули қонуне, ки қоидаҳои бамеъёрдарории техникиро ба танзим медарорад, дар кори ба тартиб даровардани сифат тағйироти ҷиддӣ ба амал омаданд, чунки имрӯз вақте ки бо қатъият танҳо талабот ба амният муқаррар карда мешавад, маҳз моҳияти танзими шартномавии молҳои фурӯхташаванда баланд мегардад» [158, с. 47-48], зеро ки низоми шартномавӣ бар хилофи танзими ҳуқуқӣ ба воситаи асноди меъёрии ҳуқуқӣ ва реҷаҳои техникӣ бо назардошти ҳуқуқи баробар доштан, аз ҷониби ширкаткунандагон нишон додани ташаббусҳои бо ҳуқуқи маданӣ танзимшаванда ва танзими диспозитивӣ тавсиф карда мешавад [100, с. 46].

Илова бар ин, стандартҳои давлатӣ ва регламентҳои техникӣ ҳамаи хусусияти молро ба назар гирифта наметавонанд, чунки онҳо талаботи ҳатмиро танҳо ба хусусияти аз нуқтаи назари қонунгузорӣ нисбатан муҳим муқаррар мекунанд [115, с. 32].

Ҳамин тариқ, шартнома ба ҳайси воситаи муҳимми ғайримеъёрии таъмини ҳуқуқии сифати мол баромад мекунад: имкониятҳои танзимшавандаи шартнома бо универсалияти маълум тавсиф карда

мешаванд. Тарафҳои манфиатдор салоҳият доранд, ки дар шартнома пиромуни масоили мухталифи иқтисодию иҷтимоӣ, ташкилию назоратӣ ва мушкилоти дигар, ки фақат бо фаъолияти мутақобилаи онҳо муносибанд, масъалагузорӣ намоянд. Қисми асосии (то 90%) мундариҷаи шартномаҳоро тарафҳо бояд мустақилона таҳия намоянд [151, с. 12].

Вобаста ба ин шартнома ин аз воситаҳои муҳимми ҳуқуқии таъмини сифати дахлдори мол ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, тибқи шартнома тарафҳо ба таври ихтиёрӣ ба зиммаи худ уҳдадориҳои мутақобила мегиранд ва иҷрои онро ваъда медиҳанд. Масалан, тарафҳо мустақилона дар созишнома оид ба хусусият ва бузургиҳои сифатӣ, ки ба онҳо мол бояд мувофиқат кунад, ба мувофиқа мерасанд [188, с. 98]. Дар ин сурат, онҳо метавонанд, ки ба сифати мол талаботи баланд пешбинӣ намоянд [93, с. 162]. Илова бар ин, тарафҳо метавонанд қоидаҳои хусусии қабули мол, муҳлати кафолати мол, муҳлати бартараф кардани норасоиҳо ва муҷозот барои риоя накардани ин муҳлатҳо ва ғайраро муқаррар кунанд [188, с. 98].

Қайд намудан зарур аст, ки бо розигии дахлдор оид ба шартҳои сифати мол дар шартнома: а) «гузариши» супоришҳои бо ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба стандартикунонӣ пешбинӣ шуда, ба масъалаи муносибатҳои дақиқи молумулкӣ тавассути дар шартнома истинод овардан ба реквизитҳои зарурии ҳуҷҷати меъёрӣ оид ба стандартикунонӣ, ки бо роҳи интихобӣ инъикос шудаанд, роҳандозӣ мешавад; б) критерияҳои асноди меъёрӣ доир ба стандартикунонӣ, ки ба таври интихобӣ баён шудаанд, муайян мегарданд; в) ҳадди муқаррарнамудаи асноди меъёрӣ, ки дар он роҷеъ ба стандартикунонии мавҷуднабудаи сифати мол талабот гузошта шудааст, пур кардан муҳим аст; г) дар муқоиса бо ҳуҷҷати меъёрӣ оид ба стандартонӣ талаботи баланд (паст) ба сифати мол муайян карда мешавад, нуқтаҳои зерин муқаррар карда мешаванд [61, с. 71].

Аз баррасиҳои анҷомдодашуда аён гардид, ки дар бобати муайян намудани масъалаи сифати мол ва хосиятҳои он; тавсифи мол дар асноди ҳуқуқии таъмини сифат, ё ин ки дар стандарти давлатӣ, регламентҳои

техникӣ, инчунин дар шартнома аксарияти муаллифон ва коршиносони соҳа ҳамақидаанд.

Вобаста ба ин, мо муаллифонро ба чор гурӯҳ тақсим кардем. Гурӯҳи якуми муаллифон сифати молро ҳамчун «дараҷаи мувофиқати хусусиятҳои он» ба талаботе, ки дар воситаҳои ҳуқуқии таъмини сифати мол муайян карда шуданд, ифода мекунад. Гурӯҳи дуюми муаллифон сифати молро «...ҳамчун ҳуқуқи субъективии яке аз иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ ба манфиатҳои муайяни молӣ ва уҳдадории иштирокчиёни дигар марбут ба таъмини ин манфиатҳо муайян мекунад». Гурӯҳи сеюм сифати молро ҳамчун «мутобиқати хусусиятҳои дохилӣ ва намуди зоҳирӣ» «...Сифати мол ҳамчун дараҷаи мутобиқати хусусиятҳои он ба талаботе, ки дар воситаҳои ҳуқуқии таъмини сифати мол муқаррар шудаанд, арзёбӣ мегардад. Ҳамзамон, ба гурӯҳи чоруми муаллифон онҳое мансубанд, ки сифати молро ҳамчун маҷмуи хусусиятҳои он, ки дар санадҳои ҳуқуқии марбут ба таъмини сифати мол пешбинӣ гардидаанд, муайян менамоянд». Аз ҷумла, М.Б. Емелянова чунин меҳисобад, ки «..сифати мол ин дараҷаи мутобиқати хусусияти маҳсулот ба маҷмуъ ва сатҳи талаботе мебошад, ки бо стандартҳо, шартҳои техникӣ ё намунаҳо (эталонҳо) ва дар сурати набудани ҳуҷҷатҳои зикргардидаи меъёриву техникӣ ё дар сурати ба мувофиқа расидан оид ба талаботи баланд ва муфассал бо шартнома муқаррар карда шудаанд» [62, с. 71].

Дар луғати тафсирии С.И. Ожегов ва Н.Ю. Шведова калимаи «дараҷа» ҳамчун «ченак, бузургии қиёсии ягон чиз» [80, с. 237] шарҳ дода шудааст. Вобаста ба ин, нуктаи назари М.Н. Семякинро дуруст ҳисобидан мумкин аст. Ӯ менигорад, ки «дар сатҳи мувофиқати хусусиятҳои мол худи маҳсулот не, балки фақат хосиятҳое дар назар дошта мешаванд, ки онҳо бузургии мутлақ ба шумор намераванд, аммо бузургии нисбиро нишон медиҳанд, аз ин лиҳоз, ба воситаи қимати ҳақиқии нишондиҳандаҳои сифати маҳсулотро бо қимати мавҷудаи заминавӣ (ки чун асос қабул гардидааст) қиёс намудан муайян кардани сифат имконпазир мегардад» [93, с. 22].

Қайд намудан зарур аст, ки аз нуқтаи назари Невзгодина, Е.Л «..дараҷаи мувофиқатии хусусияти мол оид ба сифати паст, миёна, баланд, оид ба сифати номатлуб ё дилхоҳи мол, оид ба сифати маъмулӣ (сифати маҳсулот барои истифодаи маъмулӣ пешбинӣ шудааст) ва ғайримаъмулӣ (сифати маҳсулот барои аз истифодаи маъмулӣ фарққунанда пешбинӣ шудааст), гуфтан мумкин аст. [140, с. 84].

Гурӯҳи дуюми муаллифон сифати молро «ҳамчун ҳуқуқи субъективии яке аз иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ ба манфиатҳои муайяни молӣ ва уҳдадории иштирокчиёни дигарро марбут ба таъмини ин манфиатҳо» муайян мекунад. Чунончи, бино ба ақидаи А.В.Гридин «сифат ба ҳайси категорияи ҳуқуқие, ки предмети ҳуқуқи маданиро тавсиф месозад, айни замон ҳуқуқи яке аз иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқиро ба харидан, дар ихтиёри худ нигоҳ доштан, истифода бурдан ва истеъмол намудани молу маҳсулоте, ки ба талаботи оқилона ва табъи истеъмолкунандагон (харидорон, фармоишгарон) созгор омадааст, ҳамчунин уҳдадориҳои дигар ширкаткунандагони муносибатҳои ҳуқуқиро вобаста ба таъминоти мувофиқати манофеи моддӣ нисбат ба талаботи муқарраршуда ва бо назардошти мавҷудияти хавфи расидани зарар, ки аз истифода ва ё истеъмоли маҳсулот ба вуқуъ омадааст, низ таҷассум месозад» [178, с. 7 -8].

М.В. Курепина менависад, ки «сифат ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ ин ҳуқуқи яке аз иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ ба харидорӣ, ихтиёрдорӣ, истифода ва истеъмоли мол, инчунин уҳдадории дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста ба таъмини мувофиқати манфиатҳои моддӣ ба талаботи муқарраргардида ва истисно намудани хавфи расонидани зарар дар сурати истифодаи он мебошад» [188, с.10]. Лекин чунин муносибат ба шарҳи мафҳуми сифати мол аз рӯи эроди дурусти Ю.А. Кузнетсова мафҳуми нисбатан васеъ буда, ба он равшанӣ андохтан зарур аст [187, с. 21-22].

Гурӯҳи сеюми олимони ҳуқуқшинос сифати молро ҳамчун «мутобиқати хусусиятҳои дохилӣ ва намуди зоҳирӣ» ба талаботе, ки дар воситаҳои ҳуқуқии таъмини сифати мол нишон дода шудаанд, ифода мекунад. Ба ин

гурӯҳ муҳаққиқон М.Г.Гуревич, Е.М.Яковлева амсоли инҳоро шомил намудан мумкин аст. Хусусан, М.Г.Гуревич чунин меҳисобад, ки «сифати мол бо ҳам мувофиқат намудани хосиятҳои дохилӣ ва зоҳирие, ки бо тавсифот ва талаботи муқаррарнамудаи стандартҳои давлатӣ, шартҳои техникӣ ва ё намунаҳо созгор мебошанд, муайян карда мешавад» [120, с. 137]. Мафҳуми ба ҳамин монандро Е.М. Яковлева таъкид мекунад: «сифати мол ин мутобиқатии хусусияти дохилӣ ва намуди зоҳирии он ба талаботи дар шартнома қайдгардидаи стандарти давлатӣ, шартҳои техникӣ ё бо созишномаи тарафҳои муқарраргардидаи нишондиҳандаҳои сифатии нисбатан баланд мебошад» [106, с. 3] Мавқеи муаллифони гурӯҳи якумро дуруст меҳисобем, чунки тибқи эроду дурусти А.Е. Сметанников мол ба мисли ҳама гуна падида бо шаклаш (намуди зоҳирӣ) ва мундариҷа (хусусияти дохилӣ) тавсиф меёбад. Чунин падидае вуҷуд надорад, ки мундариҷа дошта бошад, вале шакл надошта бошад ва ё баръакс, шакл дошта бошаду мундариҷа не. Дар он ҷое, ки мундариҷа ҳамчун як омили дохилӣ баромад мекунад, шакл беруна аст. Барои шакл ва мундариҷа робитаи доимии мутақобила хос аст: мундариҷа шаклро ифода мекунад, шакл ба мундариҷа таъсир мерасонад ва дар баробари ин, мустақилияти нисбиро зоҳир менамояд [95, с. 8].

Гурӯҳи чоруми олимон ҳангоми ифода намудани мафҳуми сифати мол диққати асосиро асосан ба «маҷмуи хусусияти мол» равона месозанд, ки дар воситаҳои ҳуқуқии таъмини сифати мол пешбинӣ шудаанд. Масалан, В.М. Огризков чунин меҳисобад, ки сифати мол ин маҷмуи хусусиятҳои он аст (техникӣ, иқтисодӣ, эстетикӣ ва ғайра), ки онҳо бо стандартҳо, шартҳои техникӣ ва мавридҳои дигари дар қонун манзуршудаи шартнома муайян мегарданд [79, с.8]. Ҳуқуқшинос А.М.Запорожетс ба масоили ҳуқуқии таъмини сифати молҳои саноатӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар зери мафҳуми сифати мол маҷмуи хосиятҳои гуногуни молро муқаррар кардааст, ки заминаи онҳо дар ҷараёни меҳнат ниҳода мешаванд. Запорожец А.М «...дар шартҳои шартнома, асноди амалишавандаи меъёрию техникӣ, барои тамоми

марохили давраи зиндагӣ таъин шуда, ризоияти боварибахш ва тулонии дархостҳои ҷудогонаи истифодабарандагонро бо сарфи хароҷоти муносиб ҷиҳати ҳифзи қобилияти корӣ дар давраи истифодаи маҳсулоти тайёр таъмин месозад» [179, с.8]. «..Муҳаққиқ ва коршиноси соҳа Л.И. Брославский итминон дорад, ки сифати мол аз маҷмуи муҳимтарин хусусиятҳои он фароҳам меояд, ки онҳо дар намуди нишондиҳандаҳои сифатӣ дар асноди меъёрии техникӣ (амсоли стандартҳо, шартҳои техникӣ), намунаҳо (эталонҳо, ченаку андозаҳои муқарраршуда) ва ҳуҷҷатҳои тарҳрезишуда муқаррар карда мешаванд. Маҳз дар ҳамин гуна аснод оид ба мутобиқати сифати маҳсулот ба меъёрҳо барои таъмин намудани талаботи истеъмолкунандагон (шаҳрвандон, корхонаву муассисаҳо) таъкид карда мешавад» [50, с.15].

А.В. Маслова сифати молро ҳамчун маҷмуи хусусиятҳои он муайян мекунад, ки тибқи шартнома ё талаботи ҳатмии қонун муайян мегарданд ва имконияти истифодаи онро аз рӯи таъинот пурра бе ягон коркарди назаррас тавсиф менамояд [192, с.27]. Дар таҳқиқоти В.С. Белих низ «...сифати молу маҳсулот чун маҷмуи хосиятҳои судманди техникӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ арзёбӣ мешавад, ки онро барои тамоми марҳили зиндагӣ (ҳалқаи сифат) мегузоранд. Қайд карда мешавад, ки ин хусусиятҳо дар асноди меъёрии техникӣ ва шартҳои шартнома дарҷ карда мешаванд, дар мавриди дар шартнома зикр наёфтани чунин шартҳо тибқи тартиб роҳҳои қонун муқарраргардида қобилияти қонеъ талаботи ҷамъиятро бо хароҷоти мувофиқу ба воҳиди арзиши истеъмолии он муайян мекунанд» [174, с. 63].

А. Р. Товмасян «..сифати молро ҳамчун маҷмуи хусусиятҳои муҳимми он муайян мекунад, ки тибқи шартнома, санадҳои меъёрие, ки талаботи ҳатмиро ба сифати он муқаррар мекунанд, маълумот дар бораи мол, ки аз ҷониби истеҳсолкунанда, иҷрокунанда, фурӯшанда ва рекламакунанда паҳн карда мешавад, инчунин талаботи маъмулии пешниҳодшаванда (қоидаи додугирифти тиҷоратӣ) муқаррар карда мешаванд» [198, с.147-148]. Ба ақидаи А. С. Панова, сифати мол «...ин маҷмуи хусусиятҳои асосии мол аст,

ки арзиши ҷамъиятиву истеъмолии онро тавсиф мекунад ва дар стандартҳо, дигар ҳуҷҷатҳои меъёриву техникӣ, шартҳои шартнома пешбинӣ шудаанд, дар сурати набудани стандартҳо, дигар ҳуҷҷатҳои меъёриву техникӣ, шартҳои шартнома (ё нопурра будани он) бо тартиб ва усули бо қонунҳо, дигар санадҳои ҳуқуқӣ, қоидаҳои додугирифти тиҷоратӣ ё дигар талаботи пешбинишуда муқаррар мегарданд» [81, с. 85]. Дар таҳқиқот, ки ба хусусиятҳои хоси танзими ҳуқуқии муносибатҳои ба шартнома дар бораи харид ва фурӯши байналмилалии мол асосёфта бахшида шудааст, таҳти истилоҳи сифати мол тамоми хосиятҳое дар назар дошта мешаванд, онҳо коршоям будани молро ҷиҳати истифодабарӣ дар асоси муқаррароти таъиншуда тавсия медиҳанд. Чунин молу маҳсулот аз лиҳози техникӣ, тиббию фармасевтӣ, санитарию байторӣ ва экологӣ бояд ба талаботи расмӣ ҷавоб дода тавонанд [181].

А.В. Диденко дар таҳқиқоти худ зикр кардааст, ки сифати мол ҷамъи хусусиёте маҳсуб мешавад, ки онҳо дар матни асноди меъёрии техникӣ (стандартҳо, шартҳои техникӣ) ва шартнома инъикос ёфтаанд [122, с. 83].

Ҳамин тариқ, намояндагони гурӯҳи чорум мафҳуми сифати молро аз худи мол, хусусияти мол ҷудо баррасӣ менамоянд, яъне ба фикри онҳо сифати мол ин маҷмуи (рӯйхат, номгӯйи) хусусиятҳое мебошад, ки дар стандартҳои давлатӣ ё регламентҳои техникӣ ё дар шартнома пешбинӣ шудаанд. Қайд намудан зарур аст, ки худ ба худ маҷмуи хусусиятҳо, ки дар стандартҳои давлатӣ ё регламентҳои техникӣ ё шартнома номбар карда шудаанд, сифати мол шуда наметавонанд. Дар навбати худ бар хилофи дарки фалсафӣ ва иқтисодии сифат, аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ хусусияти мол ба худ сифати мол ба ҳисоб намеравад.

Маҷмуи хусусиятҳо, ки дар стандартҳои давлатӣ ё регламентҳои техникӣ, ё шартнома номбар карда шудаанд, ин гӯё меъёр, талабот, андоза мебошанд, ки ба хусусияти мол бояд мувофиқат кунанд. Дар сурати мутобиқатии хусусияти дохилӣ ва зоҳирии мол ба ин меъёр ва талабот мол босифат ҳисобида мешавад. Мутаносибан, мафҳуми сифати молро бояд аз

нуқтаи назари мутобиқати хусусияти мол ба он хусусиятҳое (нишондиҳандаҳои сифатӣ, тавсифоти сифатӣ), ки дар стандартҳои давлатӣ ё регламентои техникӣ, ё шартнома омадаанд, баррасӣ карда шавад.

Ҳамин тариқ, бо назардошти гуфтаҳои боло, сифати молро ба таври зерин ифода намудан мумкин аст: сифати мол ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ ин мутобиқати хусусиятҳои мол ба талаботе мебошад, ки дар шартнома ё стандарти давлатӣ, ё регламенти техникӣ пешбинӣ шудааст.

Дар замони соҳибистиқлолии кишвар истилоҳи сифати мол дар қонунҳои ҷории ҷумҳурӣ – фақат дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», ки 09.12.2004 қабул гардидааст. Ин мафҳум дар моддаи якум, сархати ҳаштуми қонуни зикршуда чунин тавзеҳ шудааст: «сифати мол маҷмуи хусусиятҳои моле, ки ба талаботи муқарраргардида ва ё эҳтимолии истеъмолкунанда (бехатарӣ, коршоямӣ, хусусиятҳои истифода, камхарҷӣ, талаботи иттилоотии завқӣ ва ғайра)» [23].

Дар баробари мафҳуми сифати мол дар қонунгузории Тоҷикистон инчунин мафҳуми сифати чунин молҳо, аз қабили маводи доруворӣ, ғалла, сӯзишвории муҳаррик ва тухмӣ дода мешавад. Аз ҷумла, дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дору, молҳои тиббӣ ва фаъолияти фарматсевтӣ» [18] аз 19 июли соли 2022 сифати маводи доруворӣ ҳамчун мутобиқати доруворӣ ба стандарти давлатии сифати доруворӣ ифода гардидааст. Дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғалла ва маҳсулоти коркарди он» [17] аз 21 феврали соли 2018 сифати ғалла ҳамчун маҷмуи хосиятҳои истеъмолии ғалла, ки мутобиқати онро ба талаботи стандартҳои давлатӣ, шартҳои техникӣ, меъёрҳои санитарӣ, байторӣ, фитосанитарӣ, гигиенӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ муайян менамояд, муайян карда шудааст. Дар навбати худ моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷиикстон «Дар бораи таъмини амнияти экологии нақлиёти автомобилӣ» [21] аз 8 августи соли 2015 сифати сӯзишвории муҳаррикро ҳамчун маҷмуи хусусиятҳои физикию кимиёвии сӯзишвории муҳаррик, ки дараҷаи мутобиқати онро ба талаботи стандарти давлатӣ ва (ё) шартҳои техникӣ

нишон медиҳанд, муайян менамояд. Тибқи банди 7 Тартиби сертификатсияи тухмӣ, додани сертификатҳо, ки навъ ва сифати тухмиро тасдиқ мекунанд, аз 4 октябри соли 2010 [23] сифати тухмӣ ин маҷмуи аломатҳое мебошад, ки шомил будани тухмиро ба навъи муайяни растанӣ ва киштбоб будани онро тавсиф медиҳад (ба монанди тозагӣ, қобилияти сабзиш ва солимии тухмӣ).

Баъзе санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо муқаррароти алоҳидаро дар бораи сифати ин ё он мол (маҳсулот) дар бар мегиранд. Чунончи, дар бахши аввали моддаи 599–юми Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид карда мешавад, ки «..сифати барқе, ки ташкилоти таъмини барқ таъмин менамояд, бояд ба талаботи муқаррарнамудаи намуна (стандарт)-ҳои давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ оид ба намуна (стандартизатсия) ё сифати пешбининамудаи шартнома мутобиқат намояд». Дар моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии истеҳсолу муомилоти спирти этилӣ ва машрубот» [20] аз 15 майи соли 1997 пешбинӣ шудааст, ки сифати машруботи воридотӣ аз сифати пешбининамудаи стандартҳои давлатӣ ва регламентҳои техникӣ оид ба ҳамин намуд машруботи ватанӣ набояд паст бошад. Дар баробари ин, дар банди 11 Низомномаи намунавӣ дар бораи маҳсулотсупории молу маҳсулотҳои дорои аҳаммияти истеҳсолӣ-техникӣ аз 12 августи моли 1997 [26] муқаррар карда шудааст, ки сифати молу маҳсулоти таҳвилшаванда бояд ба стандартҳо, шартҳои техникӣ ва шартҳои шартнома мутобиқат намояд.

Мафҳумҳои дар боло овардашудаи сифати молро, ки дар қонунҳои Тоҷикистон омадаанд, муфассал баён накарда, барои расидан ба мақсади таҳқиқоти рисолаи мо чунин меҳисобем, ки мафҳуми дар боло қайдгардидаро сифати молро, ки дар сархати 8 моддаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда» омадааст, барраси кардан лозим аст.

Пеш аз ҳама, қайд кардан зарур аст, ки қонунгузор категорияҳои «сифати мол», «сифати кор» ва «сифати хизматрасониро» ҳамшабеҳ меҳисобад, ки ин ба фикри мо, қобили қабул нест, зеро чунон ки мо дар боло баррасӣ намудем, мол бар хилофи кор ва хизматрасонӣ дорои хусусиятҳои

муайяни дохиливу зоҳирӣ аст, аз ин рӯ, дар баъзе ҳолатҳо ин мафҳумро ба кору хизматрасонӣ мансуб донистан имконнопазир аст.

Дар баробари ин, қонунгузор сифати молро ҳамчун «маҷмуи тавсифи мутобиқи мол» меҳисобад. Дар луғати тафсирии С.И. Ожегов ва Н.Ю. Шведова калимаи «тавсиф» ҳамчун тавсифи сифати махсус ва фарққунандаи чизе дода шудааст [60, с. 521]. Ба ибораи дигар тавсифи мол ин раванди ошкор кардан ва тавсифи хусусияти махсус ва фарққунандаи мол аст. Дар ин сурат, қайд кардан зарур аст, ки чунон ки мо маълум кардем, вақте ки сухан дар бораи сифати мол меравад, пас маҷмуи хусусиятҳои мол дар назар дошта мешавад, на хусусиятҳои хос ё фарққунандаи мол.

Бояд афзуд, ки аз нигоҳи ҳуқуқӣ мафҳум ва истилоҳи сифати молро аз лиҳози мутобиқати хусусиятҳои мол ба он хосиятҳое (нишондиҳандаҳои сифатӣ), ки стандартҳои давлатӣ ё регламенти техникӣ ё шартнома дар бар мегиранд, баррасӣ намудан зарур аст. Чунин тасвия дар мафҳуми расмии сифати мол, дар сархати 8 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» вуҷуд надорад.

Ба он нигоҳ накарда, ки моддаи 537 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [3] (КГ ҶТ) «сифати мол» ном дорад, бо вуҷуди он дар он мафҳуми сифати мол дода нашудааст. Дар асоси оне, ки яке аз масъалаҳое, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ба роҳ мемонад, ин робита байни фурӯшанда ва истеъмолкунанда мебошад, ё ба ибораи дигар байни тарафҳои шартномаи хариду фурӯши чакана аст ва ҳамчунин, бо назардошти он, ки қоидаҳои дар моддаи 537 КМ ҶТ вобаста ба сифати мол пешбинишуда нисбати ҳамаи намуди шартномаи хариду фурӯш татбиқ мешаванд, пешниҳод менамоем, ки мафҳуми сифати мол аз сархати 8 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» хориҷ карда шавад ва мутаносибан чунин меҳисобем, ки дар моддаи 537 КМ ҶТ мафҳуми сифати мол шарҳ дода шавад, яъне дар моддаи 537 КМ ҶТ қисми 1 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«1. Сифати мол – мутобиқати маҷмуи хусусияти мол ба талаботҳоест, ки дар шартнома ё стандарти давлатӣ, ё регламенти техникӣ пешбинӣ шудаанд.

Дар бораи мафҳуми истилоҳи «шартномаи сифати мол» қайд кардан лозим аст, ки шартнома як унсури муҳим ё муайянкунандаи асосии сифати мол ба шумор меравад, зеро дар ин ҳуҷҷат дар бораи хусусияту бузургӣ ва нишондодҳои сифатии мол ва мутобиқати маълумотҳо бо худи мол дарҷ карда мешавад.

Илова бар ин, тавассути шартнома талаботи баланд ба сифати мол пешбинӣ шуда метавонад.

Шартнома созиши ду ё якчанд шахс мебошад (қисми 1 моддаи 482 КМ ҶТ). Шартҳои шартнома қисми таркибии шартномае ба ҳисоб мераванд, ки дар он иродаи ба мувофиқарасидаи тарафҳои шартнома ифода мегардад. Мутаносибан, шартҳои шартнома ин натиҷаест, ки оид ба он тарафҳо ба мувофиқа мерасанд. Дар навбати худ, бастани шартнома ин натиҷаи созиши тарафҳо аз рӯи ҳамаи шартҳои асосӣ аст, ки дар шакли дахлдор тартиб дода шудааст ва ба қонунгузории маданӣ асос меёбад [184, с. 67]. Ба ибораи дигар, далели бастани шартнома ба мустаҳкамнамоии шартҳои аз ҷониби тарафҳо ба мувофиқа расида равона гардидаст, то ки ҳар як тараф боварӣ дошта бошад, ки тарафи муқобил маҳз тибқи ҳамин шартҳо рафтор мекунад [64, с. 155].

Шартҳо вобаста ба сифати мол яке аз унсурҳои асосии шартнома ба хисоб мераванд, ки предмети онро нишондиҳандаҳои сифатии ин ё он мол ташкил медиҳанд. Оид ба шартҳои сифати мол ба мувофиқа расида, тарафҳо дар шартнома хусусиятҳоеро, ки моли предмети шартнома буда бояд мувофиқат кунад. Ва ҳамин шарти аз ҷониби тарафҳо ба мувофиқа расидаи шартнома, ки номгӯйи хусусиятҳои ба он молро дар бар мегирад, дастур, раҳнамоест, ки дар асоси он тарафҳои шартнома мутобиқати сифати молро муайян мекунанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло сифати молро дар шартнома чунин ифода кардан мумкин аст: шарт оид ба сифати мол дар шартнома – қисми таркибии

шартнома ба ҳисоб меравад, ки дар он иродаи ба мувофиқарасидаи тарафҳои шартнома дар бораи нишондиҳандаҳои сифатие, ки хусусияти мол ба он бояд мутобиқат намояд, ифода мегардад.

Ба ин тариқа, дар робита ба масоили дар ин фасл баррасишуда зикр кардан бамаврид аст, ки аксарияти муҳаққиқони соҳа дар муайян намудани моҳияти категорияҳои ҳуқуқии сифати мол, хусусиятҳои мол, мутобиқати он ба стандартои муқарраргардидаи миллӣ ва байналмилалӣ, регламентҳои техникӣ ҳамрайъ будаанд.

### 1.2. Таносуби шарти сифати мол бо дигар шартҳои муҳимми шартномаҳои ҳуқуқӣ-маданӣ вобаста ба бегона кардани амвол

Шартҳои созишнома моҳият ва мундариҷаи онро ташкил медиҳанд [153, с. 85]. Таъкид кардан бамаврид аст, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ шартҳои шартномаи хариду фурӯшро ба тартиб медароранд. Онҳо бо низоми муайян ифода гардида, пас аз муқаррар карда шудани шартҳои мушаххаси шартнома (амсоли миқдор, сифат) дар шакли қоидаҳое дарҷ мешаванд, ки барои амалӣ шудани шартҳои мазкур нисбат ба муносибатҳои шартномавии ҷонибҳои муайян дар сурати набудани дигар шартҳо дар матни шартнома имконият фароҳам меоранд.

Бо ҳамин тартиб, пай дар пай қоидаҳое номбар карда мешаванд, ки шартҳои асосии шартнома дар бораи хариду фурӯшро танзим мекунанд: теъдоди мол, навъҳои мол, мукаммалии мол ва маҷмуи мол; зарф ва борпеч; уҳдадории харидор оид ба пардохти нархи мол; қабули мол аз рӯи сифат [47, с. 13-14].

Масъалаи дигаре, ки арзёбии он муҳим мебошад, дар шартҳои пешакӣ самаранокии шартномаро доир ба хариду фурӯш таъмин месозад, мушкилоти вуҷуд доштани иртиботи ба мувофиқаомадаи шартҳои сифати мол бо шартҳои дигари қарордод маҳсуб меёбад, ки дар заминаи он масъалаҳои ба таври мукаммал дар зарфҳо ҷойгир кардан, борпеч намудан, тамғагузорӣ кардан, қабули мол аз рӯйи нишондодҳои сифатӣ, нархи шартномавӣ ва

монанди инҳо тааллуқ доранд. Дар чунин ҳолатҳо маҷмуи муайяни шартҳои ба ҳам иртиботдошта будани шартнома маълум мешавад [143, с. 117].

Барои муайян кардани ҷойи шартҳои сифат дар байни шартҳои дигари шартномаи ҳуқуқӣ-маданӣ имкон пайдо шуда, моҳияти он нишон дода мешавад, инчунин сабабият ва робитаи мутақобилаи онҳо ҳангоми бастан ва иҷрои шартнома ба назар гирифта мешаванд [132, с. 57].

Дар робита ба ин, дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба мақсад мувофиқ меҳисобем, ки робитаи мутақобилаи шарти сифати мол бо дигар шартҳои шартномаи ҳуқуқӣ-маданӣ оид ба бегона кардани амвол баррасӣ карда шавад.

Сифати мол – муқаммалии мол ва маҷмуи мол. Қайд кардан зарур аст, ки «сифати мол ҳамчун шартҳои шартнома бо мукаммалии мол робитаи зич ва бевосита дорад» [101, с. 9]. Дар аксарияти ҳолатҳои таҷрибаи судӣ бо сабаби мазмунан наздик буданашон категорияҳои «сифат» ва «мукаммалӣ» қариб ки ҳамчун синоним истифода мешаванд [143, с. 117].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин нуқтаи назар вуҷуд дорад, ки шарт дар бораи мукаммалӣ ба нишондиҳандаҳои сифатии шартнома тааллуқ доранд [190, с. 14]. Лекин мукаммалӣ ҳеҷ вақт усуле набуд ва намебошад, ки бо кумаки он сифати мол муайян карда шавад [102, с. 9-10]. Илова бар ин, категорияҳои «сифати мол» ва «мукаммалии мол»-ро категорияҳои мувофиқ, монанд ҳисоб кардан мумкин нест [145, с. 119].

Мутобиқи қисми якуми моддаи 546-уми Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон фурӯшанда уҳдадор мебошад, ки ба харидор молеро пешниҳод намояд, ки он ба талаботи шартҳои дар шартномаи хариду фурӯш дар бораи мукаммал будани мол мувофиқат намояд. Агар дар шартномаи хариду фурӯш мукаммал будани мол муайян нагардида бошад, пас фурӯшанда вазифадор аст, ки ба муштарӣ молеро манзур созад, ки мукаммалии он дар асоси анъанаҳои мавҷудаи муомилоти корӣ, ё худ талаботи дигари пешниҳодшаванда муайян гардидааст.

Дар қонунгузории Тоҷикистон мафҳуми «мукаммалии мол» вуҷуд надорад. Дар баробари ин дар адабиёти ҳуқуқӣ зери мафҳуми мол дар он мавҷуд будани ҳамаи қисмҳои таркибӣ (гиреҳ, ҷузъиёт ва ғайра) фаҳмида мешавад. Вобаста ба ин, Ю.А.Кузнетсова мукаммалии молро ҳамчун маҷмуи қисмҳои алоҳидаи молро ташкилкунанда (маҳсулоти пуркунанда) [187]. «ифода мекунад, ки яклухтии ягонаро ташкил дода, аз рӯи таъиноти умумӣ истифода мешавад (масалан, маҳсулот, асбоб, техникаи маишии аз ҷиҳати техникӣ мушкил)» [186, с. 60-61]. Ҳамин тариқ, мукаммалии мол ин шарт дар бораи он аст, ки кадом қисм, ҷузъиёт ва компонентҳо (маҳсулоти пуркунанда) ба таркиби мол дохил мешаванд. Маҳсулоти пуркунанда мансуб ба моли асосӣ мебошад, барои хизматрасонии он таъин шудааст ва бо он бо таъиноти умумӣ алоқаманд аст. Дар баробари ин, мансубият аз пайи таъиноти ашёи асосӣ меравад (яъне, ҳамаи ҷузъиёти пуркунанда бояд якҷоя бо мол дода шаванд). Дар ин замина, ба назар гирифтан зарур аст, ки мукаммалӣ маҳз бо ашё, ки пуррагии маҳсулотро ташкил медиҳад, алоқаманд аст. Воқеан, мафҳуми мукаммалӣ ба худ мансубияти иловагиро (қисмҳои эҳтиётӣ, ҷузъиёт) таҷассум менамояд, ки вобаста ба зарурати таъмин намудани он дар асоси истифодаи боваринок ва тулонию давомнок равшану возеҳ мегардад [141, с. 118].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ фарқи байни «сифат» ва «мукаммалӣ» чунин пешбинӣ шудааст, ки моли сифатан номатлуб маҷмуӣ буда метавонад ва дар навбати худ баръакс моли ғайримаҷмуӣ босифат буда метавонад [42, с. 90-91]. Дар баробари ин қайд карда мешавад, ки дар сурати баррасии моҳияти категорияи «сифат» хусусиятҳои муҳимми мол ҳангоми баррасии моҳияти категорияи «сифат» ба ҷойи аввал хусусиятҳои асосии мол, қарор мегирад, ки онҳо арзиши воқеии истеъмолии молро тавсиф медиҳанд, -ба қавли А.С.Панова (2014), -акси чунин ҳолати категорияи «мукаммалӣ»-ро нисбат ба молу маҳсулоти аз лиҳози техникӣ мураккаб (таҷҳизот, мошинҳо, механизмҳо) мушоҳида менамоем, ки он коршоям будани молро асоснок менамояд [141, с. 118].

Дар баробари ин, робитаи мутақобилаи шартҳо вобаста ба сифати мол ва шартҳо вобаста ба мукаммалии мол аз он иборат аст, ки шартҳои вобаста ба мукаммалии мол ба мисли шартҳои вобаста ба сифати мол бо роҳи истинод дар шартнома ба ҳуҷҷатҳои зарурии нормативӣ-техникӣ ё бо роҳи номбар кардани қисмҳои таркибии маҳсулот муайян карда мешаванд (дар робита ба шарт оид ба сифат бо роҳи дар шартнома номбар кардани нишондиҳанда сифат, ки мол, бояд, ба онҳо мутобиқат намояд). Тибқи анъана сифати маҳсулот ва мукаммал будани молро санадҳои ба он ҳамроҳикунанда (шиносномаи техникӣ, дастури роҳнамо ҷиҳати истифодабарӣ ва ҳоказо) тасдиқ карда метавонанд. Молҳои сифати баланд ё паст дошта дар қиёс ба тақозои асноди меъёрии ҳуқуқӣ бо ризоияти ҷонибҳо барои бегона кардани моле, ки комплектатсияи хуб ё одӣ дорад, иҷозат дода мешавад. Истисно намудани қавоиде, ки дар шартнома оид ба қабули мол, мукаммал будани он, асоснокии сифати он дарҷ шудааст, барои эътироф гардидани далели фурӯши моли ғайримаҷмуӣ (моли сифаташ номатлуб) сабаб мешавад.

Зикр намудан ҷоиз аст, ки дар моддаи 546-и КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғайр аз истилоҳи «мукаммалии мол», ҳамчунин роҷеъ ба мафҳуми «маҷмуи мол» низ маълумоти мушаххас мавҷуд аст. Ба хусус, дар асоси қисми якуми моддаи 547 санади мазкур: «агар дар шартномаи хариду фурӯш масъалаи уҳдадории фурӯшанда дар бобати дар шакли маҷмуӣ ба харидор пешниҳод намудани номгӯи муайяни мол пешбинӣ шуда бошад, пас уҳдадорӣ аз лаҳзаи ба харидор додани тамоми моле, ки ба маҷмуъ (комплект) шомил мешаванд, иҷрошуда маҳсуб меёбанд.

Ба ақидаи «Ю.А.Кузнетсова маҷмуъ (комплект) бар хилофи мукаммалӣ – ин маҷмуи ашёи гуногун аст, ки ягонагии пурраро ташкил намедиҳад. Он танҳо дар шартнома муайян карда мешавад, масалан, дар худ дар бар гирифтани ҳама гуна моле, ки дар ассортименти фурӯшанда мавҷуд аст» [130, с. 61]. Ҳамин тариқ бар хилофи мукаммалии мол маҷмуи (комплекти) мол ин маҷмуи аз ҷониби тарафҳои шартнома муайянгардидаи мол аст, ки аз рӯи вазифа ё таъинот алоҳида аз якдигар истифода шуда, аммо бо хоҳиши

харидор якҷоя харидорӣ шуда метавонанд (масалан, дар шартнома нишон дода шудааст, ки ҳамаи моле, ки харидор барои зинат додани тиреза харидааст (парда, тӯри пардабоб ва ҳатто пардаовезак)) ё маҷмуи моле, ки аз рӯи таъинот мустақилона истифода шуда метавонад, лекин дар баробари ин, маҷмуи ягонаро ташкил медиҳад (мебел барои ошхона, маҷмуи мебели мулоим, маҷмуи зарф). Моҳиятан, ин харидории молҳои номгӯи гуногун мебошад, ки якҷоя пешниҳод карда мешаванд.

Азбаски мақсади сифат ин қонеъгардонии талаботи қарздиҳанда аст, пас як унсури бесифати моли мукаммал ба бесифатии ҳамаи мол оварда мерасонад. Мутаносибан, ғайримукаммалии мол ин норасоии ҷиддии он ба ҳисоб меравад [131, с. 62]. Вобаста ба ин, дар ҳама ҳолатҳо бегона кардани моли маҷмуӣ аз ҷониби фурӯшанда, инчунин, бегона кардани моли бесифат бояд ҳамчун иҷрои номатлуби шартномаи хариду фурӯш арзёбӣ гардад.

Сифати мол – зарф ва борпечкунии мол. Бо мақсади ҳифзи мол аз таъсири механикӣ, боду ҳаво, биологӣ ва дигар ва таъмини нигоҳдории босифати он ҳангоми ҳамлу нақл ва нигаҳдошт намудҳои гуногуни зарф ва борпечкунӣ истифода мешаванд [138, с. 33].

Қайд намудан зарур аст, ки шартҳои шартномавӣ дар бораи зарф ва борпечкунӣ ин кафолати татбиқи дурусти шартҳои шартномавӣ дар бораи сифати мол аст, чунки яке аз таъиноти асосии зарф ва борпечкунӣ ин таъмини нигоҳдории босифати мол ҳангоми ҳамлу нақл ва нигаҳдошт ба ҳисоб меравад.

Борпечкунӣ, ба ақидаи Ю.А.Кузнетсова, «..ин восита ё маҷмуи воситаҳое мебошад, ки мукаммалии молро ҳифз намуда, муҳити атрофро аз баъзе шикасту рехт эмин медорад ва гардиши беосеби молу маҳсулотро таъмин менамояд. Зимни мафҳуми «борпечкунӣ» дар зарфҳо ва ё борҷомаҳои махсус ҷойгир кардани мол дар назар дошта мешавад» [132, с. 263]. Ба ақидаи А.С.Панова зимни ибораи «зарфи мол» маснуоте (объекти моддие) дар назар аст, ки ҳадафи он ба таъмини ҳифзи мол дар ҷараёни нигаҳ доштан ва интиқол додани он равона гардидааст [143, с. 119].

Дар баробари ин, мафҳуми зарф ва борпечкунии молро ГОСТ17527-2003 «Борпечкунӣ. Истилоҳот ва мафҳумҳо» дар бар мегирад. Дар ин ҳуҷҷат зери таърифи борпечкунӣ восита ё маҷмуи воситаҳое дарк карда мешавад, ки ҳимояи маҳсулотро аз шикаст ва талаф, муҳити атрофро бошад, аз ифлосшавӣ таъмин менамояд, инчунин раванди ҳамлу нақл, нигаҳдошт ва фурӯши молро таъмин мекунад. Дар навбати худ зарф ҳамчун ҷузъи асосии борпечкунӣ ифода мегардад, ки барои ҷойгиркунии маҳсулот таъин карда шудааст.

Тибқи ГОСТ 17527-2003 истилоҳоти «борпечкунӣ ва зарф»-ро ҳаммаъно ҳисобидан мумкин нест. Илова бар ин, зарф ва борпечкунӣ ба ҷумлаи маҳсулоти мукаммалкунандаи мол дохил намешаванд ва ҷузъҳои мустақиле ба ҳисоб мераванд, ки аз рӯи таъинот бо мол алоқаманд нестанд [143, с. 119].

Аз моддаи 582 КМ ҶТ чунин бармеояд, ки қонунгузор шартҳоро дар бораи зарф ва борпечкунии мол ба шартҳо дар бораи сифати мол баробар мекунад. Аз ҷумла, дар сархати 2 моддаи 582 КМ ҶТ қонунгузор ба харидор интихоби воситаи ҳифзро дар сурати аз ҷониби фурӯшанда риоя нагардидани уҳдадориҳояш марбут ба берпочкунии мол имконият дода, чунин муқаррар мекунад: бар ивази ба фурӯшанда арз намудани дар зарф ҷой додан ё борпеч кардани мол ё иваз намудани зарф ва (ё) борпечи номатлуби мол харидор ҳуқуқ дорад ба фурӯшанда талаботе пешниҳод намояд, ки аз пешниҳоди моли сифатан номатлуб бармеоянд.

Ҳамин тариқ, гуфтаҳои боло аз робитаи зичи шартҳои шартномавӣ дар бораи сифати мол бо шартҳои шартномавӣ дар бораи зарф ва (ё) борпеч шаҳодат медиҳанд.

Ба муҳим будани зарф ва борпечкнӣ дар таъмини сифати амнияти мол нигоҳ накарда, дар Тоҷикистон нақши саноати зарфу борпечкунӣ дуруст ба эътибор гирифта намешавад. Қайд намудан зарур аст, ки дар баробари он ки мол бояд босифат ва бехавф бошад, зарф ва борпечкунии мол низ бояд босифат ва бехавф бошанд. Барои рушди босамари саноати зарф ва борпечкунӣ бо мақсади таъмин ва ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон мо

пешниҳод мекунем, ки Консепсияи рушди саноати зарфу борпечкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул карда шавад, ки ба он ҳатман бояд масъалаҳои зерин дохил карда шаванд: технологияи истеҳсоли зарф ва борпечкунии мол; маълумот дар бораи сифат ва амнияти зарфу борпечкунӣ; масъулияти истеҳсолкунандагони зарфу борпеч.

**Сифати мол – тамғагузории мол.** Актуалӣ будан ва моҳияти амалии маълумот, махсусан, дар фаъолияти соҳибкорӣ равшан зоҳир мегардад [195, с. 27]. Дар баробари ин, дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ нақши маълумот дар бораи мол меафзояд, чунки барои харидор ба гуногунрангӣ ва навъҳои нави молҳо сарфаҳм рафтан ва интихоби дуруст кардан мушкил аст [174]. Вобаста ба ин, тибқи назарияи Семякин М.Н. «...барои муайян кардании моли босифат маълумот дар бораи худи мол муҳим аст, ки аз ҷониби истеҳсолкунанда (иҷрокунанда), фурӯшанда ва рекламадиҳандагон паҳн карда мешавад» [197, с.115], чунки дар асоси маълумоти боэътимод ва пурра харидор метавонад моле интихоб намояд, ки дорои сифати дахлдор аст [153, с. 57]. Мутаносибан, пешниҳод накардани маълумот, аз ҷумла маълумоти дар ҳуҷҷатҳо пешбинишуда имкон намедиҳад, ки ҳамаи хусусиятҳои босифати мол ба таври самаранок истифода шаванд (харидор оид ба баъзе таъиноти махсус ё иловагии мол маълумот дошта наметавонад) ё ба пайдо шудани камбудиҳо оварда мерасонад (дар сурати доштани маълумоти нопурра дар бораи мол, харидор метавонад молро нодуруст истифода барад, ки он, дар навбати худ, ба корношоямии он боис мегардад) [130, с. 65-66].

Моддаи 562-и Кодекси маданӣ фурӯшандагонро уҳдадор месозад, ки ба харидорон доир ба молу маҳсулоти фурӯшӣ иттилооти лозимӣ ва дурустро манзур созанд, ки он ба меъёрҳои қонун, санад ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ дар савдои маҳсулоти чакана вобаста ба моҳият ва роҳу тарзи ироаи он  он муносиб бошад. Дар ҳолати ба муштариён шароиту имкониятҳои бетаъхир ва дар маҳали фурӯш манзур нанамудани маълумотҳои зарурӣ дар хусуси ин ё он мол фароҳам наовардан вай ҳуқуқ дорад, ки иҷрои шартномаи тарафайнро

қатъ созад, баргардонидани маблағи пардохтшударо талаб намуда, доир ба ҷуброни хисороти расида ба мақомоти судӣ муроҷиат созад.

Барои мисол, суди н. Исмоили Сомонии ш. Душанбе даъвои истеъмолкунанда К.Р. нисбати маркази савдои «Сумаё»-ро доир ба бекор кардани шартномаи хариду фурӯш ва баргардонидани маблағи пулӣ баррасӣ намуда, муайян намуд, ки истеъмолкунанда К.Р. бо ҳамроҳии шавҳараш М.Ш. аз маркази савдои «Сумаё» ба маблағи 13720 сомонӣ маҷмуи ҷевон ва кати хобро харидорӣ намудааст. Ҳангоми харидорӣ намудани мебел, кормандони маркази савдои «Сумаё» ба онҳо ҳуҷҷати заруриро бо кафолати моли фурухташуда пешниҳод накарда, танҳо чиптаи хариди молро пешниҳод карда буданд. Бо дастрасии талаботи моддаи 530, КГ ҶТ (562 КМ ҶТ) суд муайян кард, ки талаби истеъмолкунандагон К. Р. ва М.Ш. оид ба пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ риоя нагардида, ҳамин тавр, яке аз шартҳои асосии шартномаи хариду фурӯш аз ҷониби кормандони маркази савдои «Сумаё» иҷро нагардидааст. Ҳамин тариқ, ҷавобгар маркази савдои «Сумаё» уҳдадориҳои худро оиди пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои дахлдор дар бораи сифати маҷмуи ҷевон ва кати хоб, тамғаи он ва дигар ҳуҷҷатҳои заруриро иҷро накарда, бо ин ҳаракатҳои худ ҳуқуқи истеъмолкунандагонро вайрон намудааст. Суд бо дарназардошти риоя нагардидани яке аз шартҳои асосии шартномаи хариду фурӯш ба хулоса омад, ки даъворо дар қисмати бекор кардани шартномаи хариду фурӯш ва баргардонидани маблағи пулии барои маҷмуи ҷевон ва кати хоб пардохтгардидаро конеъ намояд [202].

Аз мафҳуми сифати мол, ки сархати 8 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» дар бар мегирад, маълум мегардад, ки яке аз меъёрҳои сифати мол ин маълумот дар бораи мол аст. Ҳамчунин, бар ин дар моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» дар баробари ҳуқуқи истеъмолкунанда ба моли босифат инчунин, ҳуқуқи истеъмолкунанда ба маълумот дар бораи мол пешбинӣ шудааст. Мутаносибан тибқи моддаи 9

Қонуни мазкур истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад дар бораи мол маълумоти зарурӣ ва боэътимодро талаб намояд.

Қайд намудан зарур аст, ки қонунгузор фурӯши молро, аз ҷумла моли воридотиро бидуни маълумоти сертификати ҳатмӣ, инчунин бидуни маълумоти алифбои рақамӣ ва хатҳои рамзӣ манъ мекунад (қисми 8 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»).

Хусусияти расонидани маълумот одатан, дар қоидаҳои савдои намудҳои алоҳидаи мол (намудҳои шартномаи хариду фурӯш) ифода мегардад [153, с. 58].

Дар аксарияти ҳолатҳо маълумот дар бораи мол тавассути тамғагузорӣ ба харидор расонида мешавад. Илова бар ин, худи қонунгузорӣ дастур дар бораи уҳдадории фурӯшанда (истеҳсолкунанда) марбут ба пешниҳод намудани маълумот дар бораи молро тавассути тамғагузорӣ дар бар мегирад.

Хусусан, аз мазмуну муҳтавои моддаи 9-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» бармеояд, ки дар тамғақоғазҳои муаррификунандаи мол бояд иттилооти зайл дарҷ карда шавад, ки дар поён муҳимтарин бандҳои онро ба таври фишурда дарҷ месозем:

-сертификатсияи мол: баёни стандартҳое, ки мол, нишони он, ё ин ки нишони хизматии ба қайд гирифташуда (патент) бояд ба муқаррароти стандартҳо мувофиқат кунад ва ҷавобгӯ бошад;

-маълумот доир ба хусусиятҳои асосии истеъмоли мол;

- дар мавриди маҳсулоти озуқа: маълумот дар бораи таркиб (аз ҷумла, номгӯи дигар унсурҳои ғизоӣ ва иловаҳои биологӣ, ки ба мавод ҳамроҳ карда шудаанд), вазн ва ҳаҷми маҳсулот, каллориянокии он, мавҷуд будан унсурҳои барои сиҳатии инсон зиёновар дар муқоиса ба меъёрҳои дар стандартҳо муқарраргардида, ҳамчун қобили истифода набудан зимни баъзе номгӯи бемориҳо;

-арзиши маҳсулот: нарх ва шартҳои ба даст овардани он;

-муҳлати кафолат, агар он муқаррар шуда бошад;

-қоида, тартиб ва шартҳои истифодаи судманд ва бехатарии мол;

-муҳлати хизмат ва муҳлати коршоямии мол, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд

-номи фирмаи истеҳсолкунанда ва маҳали ҷойгиршавии ташкилоту корхона, ки барои қабули шикояти истеъмолкунандагон ваколатдор шадаанд.

Мафҳум ва истилоҳи «тамғагузорӣ» фақат дар қисми якуми моддаи 526-и Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар матни зерин: «тибқи он мол ҳангоми ба ӯҳдаи харидор ё шахси зикрнамудаи ӯ вобаст карда мешавад, ки агар он бо мақсадҳои ҳамин шартнома бо роҳи тамғагузорӣ, огоҳ намудан, ба харидор интиқол додан ё усули дигар ба таври дақиқ ҳаммонанд (идентификатсия) карда шуда бошад».

Дар сархати 14-уми моддаи якуми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ», ки аз 19-уми майи соли 2009 қабул гардидааст, гузоштани нишони мутобиқат ба объектҳои бамеъёрдарории техникӣ ин гузоштани акси нишони мутобиқат ба регламентҳои техникӣ бевосита ба маҳсулоте мебошад, ки тартиботи тасдиқи мутобиқатро гузаштааст ё дар ҳуҷҷатҳои техникии маҳсулоти мазкур зикр шудааст. Ба замми ин, дар Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон «тамғагузории маҳсулоти хӯрока» аз 3 январи соли 2014 мафҳуми тамғагузорӣ тариқи зайл ифода шудааст: «тамғагузории маҳсулоти хӯрока – маълумот дар бораи маҳсулоти хӯрока, ки дар шакли навиштаҷот, расм, аломат, рамз, дигар аломат ё комбинатсияи онҳо дар борпечи истеъмолӣ, нақлиётӣ ё дар намуди дигари ҳомили иттилоотӣ, ки ба борпечи техникӣ ё нақлиётӣ мустаҳкам ё замима карда шудаанд, гузошта мешавад» [35]. Дар баробари ин, тибқи сархати 4 банди 9 Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амнияти борпечкунӣ» аз 1 августи соли 2016 [34] тамғагузории борпеч ин маълумот дар шакли аломат, навиштаҷот, пиктограмма, рамз аст, ки дар борпеч (воситаҳои печониш) ва (ё) ҳуҷҷатҳои ҳамроҳишаванда барои таъмини идентификатсияи хабардории харидорон гузошта мешавад.

Аз мафҳумҳои овардашуда бармеояд, ки тамғагузории мол ин аломат, навиштаҷоте мебошад, ки ба борпечи мол ё болои мол, ки маълумотро дар бораи мол дар бар мегирад, гузошта мешавад [145, с. 121].

Аз алоқамандии шартҳои шартнома дар бораи тамғагузории мол бо шартҳои шартнома дар бораи сифати мол он далел шаҳодат медиҳад, ки тамғагузорӣ тавассути аломатҳои огоҳикунанда ва маълумоти дигари тамғагузорӣ ба таъмини нигоҳдории мол дар раванди ҳамлу накл, нигаҳдошт ва фурӯши он мусоидат мекунад [146, с. 121-123].

Сифати мол – нархи мол. «Сифати баланд, нархи қобили қабул, маҳаки асосие мебошанд, ки рақобатпазирӣ ва некуаҳволии мардуми моро таъмин менамоянд» [36].

Дар рисолаҳое, ки ба масъалаи шарту шароит ва шартномаи хариду фурӯш тазаккур дода мешавад, ки ҳеҷ гуна шартномаҳои пулакӣ бе назардошти муайян намудани шартҳо доир ба нархи мол ба имзо расонида намешаванд, зеро ки нарх ё арзиши воқеии маҳсулот шарти муҳим ба ҳисоб рафта, барои бастани чунин шартномаҳо нақши муҳимро мебозанд. Ба вижа, дар асоси талаботи банди якуми моддаи 521 КМ ҶТ мутобиқи шартномаи хариду фурӯш фурӯшанда вазифадор мебошад, ки молро қабул карда, бар ивази он маблағи муайяни пулӣ (вобаста ба арзиши маҳсулот) пардохт намояд.

Дар қонунгузории Тоҷикистон мафҳуми «нархи мол» вуҷуд надорад. Дар баробари ин, дар адабиёти иқтисодӣ нархи мол ҳамчун маблағи пулие ифода мегардад, ки онро харидор омода аст ба фурӯшанда барои воҳиди муайяни манфиати иқтисодӣ ва сифати муайян дар рафти анҷом додани аҳд супорад. Нархи бо чунин тарз даркшаванда маблағи пулеро ифода мекунад, ки бояд аз ҷониби харидор супорида шавад. Асоси ин мафҳумро ҷуброни зараре ташкил медиҳад, ки фурӯшанда дидааст [114, с. 200].

Тибқи қисми 1 моддаи 486 КМ ҶТ иҷрои шартнома мутобиқи нархи дар созишномаи байни тарафҳо муайянгардида пардохта мешавад. Дар баробари ин, қисми 1 моддаи 553 КМ ҶТ уҳдадории харидорро оид ба пардохти мол аз

рӯи нарх, инчунин аз ҳисоби худ анҷом додани амалҳоеро, ки тибқи қоннугузорӣ, шартнома ё талаботи одатан пешниҳодшаванда барои анҷом додани пардохт зарур мебошанд, муқаррар мекунад. Дар ин замина, қайд кардан зарур аст, ки қисми 1 моддаи 543 КМ ҶТ ба харидоре, ки ба ӯ моли сифатан номатлуб дода шудааст, ҳуқуқ медиҳад бо интихоби хеш аз фурӯшанда талаб намояд, ки ба андозаи муносиб нархи фурӯшро паст кунад. Тарафҳои шартномаи хариду фурӯш, ки ҳуқуқи мустақилона муайян кардани сатҳи сифати молро доранд, метавонанд дар бораи додани моли сифати баланд/паст бо нархи мутаносибан баланд/пасттар ба мувофиқа расанд [131, с. 59]. Ин нукта бо он шарҳ дода мешавад, ки баробарарзишии мубодила дар шартномаи хариду фурӯш, ки дар он нархи мол бо ризоияти тарафҳо муқаррар карда мешавад, маънои мутобиқати нархро ба сифати муайяни мол, ки дар натиҷаи мубодила дода шудааст, дорад. Дар навбати худ, агар минбаъд ошкор гардад, ки сифати мол аз сифати эҳтимолие, ки аз рӯи он сатҳи нарх муайян карда шуда буд, паст аст, пас аз нуқтаи назари иқтисодиёт ва ҳуқуқ чунин мубодиларо баробарарзиш ҳисобидан мумкин нест. Мутаносибан, нархи мол бевосита ба сатҳи сифати мол вобаста аст [115, с. 146].

Натиҷаҳои таҳқиқот гувоҳи онанд, ки истеъмолкунандагон нарх ё арзиши молро ба ҳайси нишондиҳандаи сифати он мефаҳманд. Бинобар ин, мушоҳидаҳо собит месозанд, ки муштариён дар вақти бастани шартнома оид ба сифати мол маълумоти кофӣ надоранд, аз ин рӯ, ҷиҳати паст кардани хавфи харидории амволи пастсифат бештар ба нарх чун нишондиҳандаи асосии сифати мол муроҷиат менамоянд.

Ҷустуҷӯи маълумоти объективӣ дар бораи сифати мол харҷи калони вақту молро талаб карда метавонад. Аз ин рӯ, харидорон дар асоси таҷрибаи пешина ҳисоб мекунанд, ки нарх ҳар қадар баланд бошад, сифат ҳамон қадар баланд аст [90, с. 200]. Ҳамин тариқ, нархи мол «инъикоскунандаи» хусусиятҳои сифатии мол аст. Мутаносибан, мавҷудияти алоқаи зичи байни

нархи мол ва сифати он дар шартномаи ҳуқуқӣ-маданӣ баҳснопазир аст [141, с. 125].

Сифати мол – теъдоди мол. Тамоми ашёи муҳити моро иҳотакунанда яқинии сифатӣ доранд: бузургӣ, теъдоди аниқ ва ғайра. Категорияи «теъдод» дар илм ҳамчун тавсифи падида, ашё, равандҳо вобаста ба дараҷаи рушд ё сермаҳсулии хусусиятҳои ба онҳо хос, ки дар бузургиҳо ва теъдодҳо инъикос мегарданд, ифода мегардад [94, с. 301]. «Теъдоди моли ба харидор пешниҳодашаванда дар қарордоди хариду фурӯш бояд бо воҳидҳои ченаки муайян ё дар намуди пулӣ нишон дода шавад» (КМ ҶТ, қисми 1, моддаи 533). Ё ин ки меъёри барқи ба муштари додашуда аз тарафи муассисаи таъминоти барқ ва қувваи барқи қабулкардаи муштарӣ мутобиқи нишондоди ҳисобкунакҳои электронии сарфи қувваи барқ ва дар мавриди вуҷуд надоштани онтавассути ҳисобу китоб муқаррар карда мешавад (мазмунан аз: КМ ҶТ, қисми 1, моддаи 597).

Қайд намудан зарур аст, ки категорияи «теъдод» ва «сифат» бо ҳам алоқаи зич доранд ва ба ҳам вобастаанд [115, с. 40]. Робитаи тарафайни категорияҳои теъдод, миқдор ва сифат, қабл аз ҳама, дар қонуни интиқол ёфтани теъдод ба сифат мунъакис шудааст. Чунончи, ҳеҷ чизе (предмете) танҳо соҳиби сифат ё теъдод буда наметавонад, зеро ки ҳар кадом предметро аз ягонагии теъдод ва сифати он мешиносанд ва эътироф мекунанд [95, с. 304].

Дар баробари ин дар адабиёти ҳуқуқӣ «қайд гардидааст, ки робитаи байни хусусиятҳои сифатӣ ва миқдории мол шартӣ аст. Аз ҷумла, қайд мегардад, ки бе хусусияти сифатӣ хусусияти миқдорӣ дар «ҳаво» муаллақ мемонад, чунки маълум нест, ки ин миқдор ба чӣ бояд замима шавад. Хусусияти сифатӣ ҳадди ақал мансубияти зотии молро ифода мекунад» [127, с. 30-31].

Крашенинников М.П пешниҳод менамояд, ки «...шартҳое, ки дар шартномаи хариду фурӯш меоянд, муҳим буда, ба шарт дар бораи ашё таалluқ доранд. Бар хилофи масалан теъдоди мол сифат ба шартҳои асосии

шартнома тааллуқ надорад. Лекин, агар ақаллан яке аз тарафҳо дар бораи зарурати созишнома дар бораи сифат сухан кунад, дар ин сурат, ин шарт низ муҳим ҳисобида мешавад. Дар ҳар сурат фурӯшанда уҳдадор аст ба харидор молеро диҳад, ки сифати он ба шартҳои шартнома мутобиқат мекунад» [186, с. 113].

М. И. Брагинский ва В. В. Витрянский қайд мекунанд, ки «..шарти асосии шартномаи сарфаҷӯии барқ ин шарт дар бораи сифати барқ мебошад» [48, с. 145]. Лекин И.А.Лукянтсева қайд мекунад, ки «шарт дар бораи сифати барқ шарти муҳимми шартнома ба ҳисоб намеравад, агар ҳангоми бастани шартнома дар бораи сарфаҷӯии барқ яке аз тарафҳо мувофиққунии сифати барқро талаб намояд» [189, с. 32].

Дар ин замина, қайд намудан зарур аст, ки махсусияти барқ аз алоқаи зичи хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии он иборат аст. Аз ин рӯ, ҳама гуна вайронкуниҳои шартҳои шартнома дар бораи сифат боиси тағйирёбии сифат (дар баробари шароитҳои дигари баробар) мегардад. Ҳамин тариқ, аз ҷониби ташкилоти сарфаҷӯии барқ додани теъдоди барқи аз теъдоди бо шартномаи тарафҳо ба мувофиқарасида камтар маънои танаффус дар интиқоли барқ ё бадшавии сифати онро дорад [115, с. 90].

Ба назар гирифтан зарур аст, ки «…дар уҳдадориҳои шартномаҳои ҳуқуқӣ-маданӣ робитаи байни шартҳо оид ба теъдоди мол бо шарт дар бораи сифат танҳо дар баъзе ҳолатҳо ба мушоҳида мерасад: якум, онҳо нисбати таҳвили якчанд объектҳо ё навъи барқ муттаҳид мешаванд; дуюм, аксар вақт сифати барқ чӣ қадар паст бошад, миқдори зиёдтари барқ талаб карда мешавад; сеюм, бо зиёдшавии миқдор усулҳои тафтиши сифат тағйир меёбад. Дар дигар ҳолатҳо, сифат ва миқдор ҳамчун шартҳои шартномаи мустақил баромад мекунанд ва дар сурати риоя нагардидани талабот дар бораи сифат ё теъдод қарздиҳанда дорои салоҳиятҳои гуногуни ҳимоя мегардад, ҳол он ки салоҳияти харидор дар сурати риоя нагардидани талабот ба мукаммалӣ бо салоҳиятҳо ҳангоми фурӯши моли сифатан номатлуб монанд аст» [107, с. 57-59].

Сифати мол – қабули мол аз рӯи сифат: «Қабули мол» яке аз истилоҳоти ба таври кофӣ паҳнгардида ба ҳисоб меравад. Лекин мафҳуми ҳуқуқии «қабули мол» дар қонунгузории амалкунанда вуҷуд надорад.

Тибқи қисми 1 моддаи 521 мутобиқи шартномаи хариду фурӯш фурӯшанда уҳдадор мешавад, ки молро ба харидор диҳад ва харидор уҳдадор мешавад ин молро қабул кунад. Дар ин замина, қайд намудан зарур аст, ки маҳз дар раванди қабули мол далели аз як тараф, иҷрои уҳдадории фурӯшанда марбут ба фурӯши мол, аз тарафи дигар, уҳдадории харидор марбут ба қабули мол тасдиқ мегардад [160, с. 387].

Лекин қабули мол бо тасдиқи иҷрои фақат уҳдадорӣ марбут ба додан ё қабули мол маҳдуд намешавад. Қабули мол расмиёти санҷиш ва тасдиқи далели уҳдадориҳои ҳуқуқӣ-маданӣ мебошад, ки бо шартномаи хариду фурӯш асос меёбад [66, с. 155]. Масалан, ҳангоми қабули мол санҷиш ва тасдиқи чунин уҳдадориҳо амалӣ мешавад: 1) додани мол бо теъдоди муайян; 2) додани мол ба мукаммалии муайян; 3) додани мол бо миқдори муайян; 4) додани мол дар зарф ё борпечи босифат ва ғайра.

Азбаски қабули мол ин санҷиши мутобиқати мол ба шартҳои шартнома (уҳдадориҳо) дар бораи сифат, теъдод, мукаммалӣ, ассортимент ва ғайра [192, с. 6] аст, аз ин рӯ, шартҳои шартнома дар бораи қабули мол ин шарти шартномавӣ дар бораи санҷиш ва тасдиқи мутобиқатии мол ба шартҳои шартномавӣ мебошад: дар бораи сифат, мукаммалӣ, зарф, борпечкунӣ, тамғагузорӣ ва ғайра мебошад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки яке аз мақсадҳои асосии қабули мол ин ошкор намудани камбудиҳои моли қабулгардида мебошад [160, с. 387], дар доктринаи ҳуқуқӣ қабули мол аз рӯи сифат фарқ карда мешавад [119, с.9]. Дар раванди қабули мол аз рӯи сифат он чиз ошкор мегардад, ки то кадом андоза фурӯшанда уҳдадории худро марбут ба додани моли босифат дуруст иҷро кардааст.

Қайд кардан зарур аст, ки робита ва вобастагии мутақобилаи шартҳо марбут ба сифати мол бо шартҳо марбут ба қабули мол аз рӯи сифат аз он

иборат аст, ки ба амалҳои зерин мусоидат менамояд ба: 1) муқарраркунии саривақтии мутобиқати хусусиятҳои сифатии мол ба шартҳои шартнома дар бораи мол; 2) иҷрои дурусти уҳдадориҳои фурӯшанда марбут ба додани моли босифат [141, с. 123]; 3) таъмини манфиатҳои харидорон дар кори бадастории моли босифат, чунки ҳамаи моли дорои сифати паст ҳатман дар раванди қабули мол аз рӯи сифат ошкор карда мешавад [118, с. 5].

Сифати мол – навъи (ассортименти) мол. Уҳдадорӣ марбут ба супоридани мол тибқи навъ, яъне бо таносуби муайян вобаста ба навъ, намуна, андоза, ранг ва дигар аломатҳо (ассортимент) дар моддаи 535 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст.

Навъ «(ассортимент) ҳамчун шарти шартнома мустаҳкамкунии номгӯи молҳоеро пешгӯӣ менамояд, ки аз рӯи номгӯи муайян, аз рӯи нишонаҳои алоҳида бо нишон додани теъдоди моли барои фурӯш пешбинишудаи аломати гуногун фарқ мекунанд» [186, с. 60]. Ба ибораи дигар, навъи (ассортименти) мол моли аллакай ороиш додашударо мефаҳмонад, яъне молҳое, ки нишондиҳандаи он дар қоидаҳои муайян ба таври қатъӣ ба танзим даровaрда ва мустаҳкам карда шудаанд [101, с. 9-10].

Мутаносибан, дар бораи навъи (ассортименти) мол дар сурате сухан рафта метавонад, ки агар объекти шартнома теъдоди муайяни мол бошад [133, с.60]. Вобаста ба ин, робитаи мутақобилаи шартҳои шартномавӣ дар бораи навъи (ассортименти) мол ва шартҳо марбут ба сифати мол қариб ки ба шартҳои марбут ба теъдоди мол монанд аст.

Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки маҳз ба шарофати шарти қабули мол иҷрои дурусти шартҳои шартнома, ки дар боло баррасӣ гардиданд, дар бораи мукаммалӣ, тамғагузорӣ, зарф ва борпечкунӣ санҷида ва тасдиқ карда мешаванд, ки иҷрои муназзами онҳо то ин ё он дараҷа ба додани моли босифат ба харидор мусоидат мекунанд.\

Ҳамин тариқ, дар асоси масъалаҳои баррасишудаи фаслҳои боби мазкур ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

1. Баррасии адабиёти соҳаи ҳуқуқ гувоҳи он аст, ки сифат ҳамчун категорияи фалсафӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ таърихи тулонии пайдоиш дошта, аксарияти тадқиқгарон зимни маънидод намудан ва таъриф додан ба истилоҳи сифати мол дар самтҳои зерин: а) сифати мол «хусусияти» онро ифода мекунад; б) хусусияти мол дар воситаҳои ҳуқуқии таъмини сифати мол, яъне дар стандартҳои давлатӣ ё регламентҳои техникӣ, ё шартнома пешбинӣ (муқаррар) карда шудааст, ҳамфикр мебошанд.

Дар заминаи муҳимтарин нуктаҳои коршиносони соҳа доир ба муайян намудани мафҳуми сифати мол чунин пешниҳод тавсия дода мешавад: «***сифати мол ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ ин мутобиқатии маҷмуи хусусияти мол ба талаботест, ки дар шартнома ё стандарти давлатӣ, ё регламенти техникӣ пешбинӣ шудааст***».

2. Дар қонунгузории миллии амалкунанда бо баъзе ҳолатҳои ихтилофнок рӯ ба рӯ шудан мумкин аст. Чунончи, моддаи 537-уми Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «Сифати мол» унвон гирифтааст, аммо дар матни моддаи мазкур мафҳуми ***сифати мол*** боре ҳам ифода нашудааст.

Дар сархати 8-и моддаи 1-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» мафҳуми ***сифати мол*** расман зикр гардидааст. Вале дар натиҷаи таҳлил тазодҳои зерин ошкор карда шуданд:

а) қонунгузор категорияҳои «сифати мол», «сифати кор» ва «сифати хизматрасонӣ»-ро бо ҳамдигар шабеҳ меҳисобад, ки ин, ба фикри мо, қобили қабул нест, чунки мол бар хилофи кор ва хизматрасонӣ дорои хусусиятҳои муайяни дохиливу зоҳирӣ мебошад, ҳарчанд ки дар баъзе ҳолатҳо ин мафҳумро ба кору хизматрасонӣ низ мансуб дониста мешаванд;

б) қонунгузор сифати молро ҳамчун «маҷмуи тавсифи мутобиқи мол» меҳисобад. Лекин тавсифи мол ин раванди ошкор кардан ва тавсифи хусусияти махсус ва фарқкунандаи мол аст. Вақте ки сухан дар бораи сифати мол меравад, маҷмуи хусусиятҳои мол дар назар дошта мешавад, на хусусиятҳои хос ё фарқкунандаи он;

в) зимни тафсири моҳияти сифати мол аён гардид, ки тасвия оид ба мувофиқ омадани хусусияти мол бо он хосиятҳое (нишондиҳандаҳои сифатие), ки дар стандартҳои давлатӣ ё регламентҳои техникӣ ва ё дар шартнома фароҳам омадаанд, мавҷуд нест.

3. Азбаски муносибати байни фурӯшанда ва истифодабаранда дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ҳамчун як соҳаи муайяни амалкунандаи санади мазкур маҳсуб мешавад, аз ин лиҳоз дар миёни ҷонибҳои шартномаи хариду фурӯши молҳои чакана, инчунин бо назардошти талаботи моддаи 537-уми Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сифати мол он нисбат ба ҳамаи шаклҳои шартномаи хариду фурӯш татбиқ мешаванд. Аз ин лиҳоз, пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми ***сифати мол*** аз сархати 8-и моддаи 1-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» хориҷ карда шуда, мутаносибан мафҳуми ***сифати мол*** дар моддаи 537 КМ ҶТ ҷой дода шавад. Пешниҳоди мазкур ворид намудани иловаи зеринро дар моддаи 537-уми Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми 1 бо мазмуни зайл тақозо менамояд: «***1. Сифати мол – мутобиқати хусусиятҳои мол ба талаботест, ки дар шартнома ё стандарти давлатӣ, ё регламенти техникӣ пешбинӣ шудаанд».*** Ворид намудани чунин дигаргунӣ барои мушаххас ва фаҳмо гардидани мафҳуми сифати мол, маънои истилоҳии ҳуқуқӣ ва иқтисодии он мусоидат мекунад.

4. Шартҳо вобаста ба сифати мол яке аз унсурҳои асосии шартнома ба ҳисоб мераванд, ки предмети онро нишондиҳандаҳои сифатии ин ё он мол ташкил медиҳанд. Оид ба шартҳои сифати мол ба мувофиқа расида истода, ба тарафҳо тавсия дода мешавад, ки дар шартнома хусусиятҳоеро, ки ба он моли предмети шартнома буда, бояд мувофиқат кунад, нишон диҳанд. Ва ҳамин шарти аз ҷониби тарафҳо ба мувофиқа расидаи шартнома, ки номгӯйи хусусиятҳои ба он мол мутобиқкунандаро дар бар мегирад, дастур, раҳнамоест, ки дар асоси он тарафҳои шартнома мутобиқати сифати молро муайян мекунанд.

Дар ин маврид, дар фасли дуюми ин рисола ифодаи зерини мафҳуми сифати мол дар шартнома пешниҳод карда мешавад: ***шарт дар бораи сифати мол дар шартнома қисми таркибии шартнома ба ҳисоб меравад, ки дар он иродаи ба мувофиқарасидаи тарафҳои шартнома дар бораи нишондиҳандаҳои сифатие, ки хусусияти мол ба он бояд мутобиқат намояд, ифода мегардад***.

5. Робитаи мутақобилаи шартҳои сифати мол бо шартҳои мукаммалии мол аз он иборат аст, ки шартҳои мукаммалии мол ба мисли шартҳои сифати мол бо роҳи дар шартнома истинод кардан ба ҳуҷҷатҳои зарурии меъёриву техникӣ ё тавассути номбар кардани қисмҳои таркибии маснуот (дар сурати сифати мол тавассути дар шартнома номбар кардани нишондиҳандаҳои сифат, ки мол ба он бояд мутобиқат кунад) муайян карда мешавад. Оид ба сифати маҳсулот ва мукаммал будани мол харидор маълумотҳои заруриро аз ҳуҷҷатҳои ба он ҳамроҳшуда (шиносномаи техникӣ, дастурамал доир ба истифодабарии мол ва амсоли инҳо) пайдо кардан мумкин аст. Таҳлили асноди ҳуққӣ собит намуд, ки мол сифатнокияш баланд ва ё паст дар қиёс бо талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрию техникӣ дар асоси ризоияти ҷонибҳо барои бегона кардани моли маҷмуии сифаташ беҳтар ва ё содакардашуда иҷозат дода мешавад. Истисно шудани чунин қоидаҳо, ки дар шартнома таъкид шудаанд, дар бобати қабули мол вобаста ба мукаммал будани он ва аз рӯйи сифати маҳсулоти манзуршуда ҷиҳати эътироф нагардидани далели фурӯхтани моли ғайри маҷмуӣ (моли сифатан номатлуб) шуда метавонад.

6. Робитаи мутақобилаи шартҳои сифати мол бо шартҳои зарф ва (ё) борпечи мол аз он иборат аст, ки шартҳои шартномавӣ дар бораи зарф ва борпечкунӣ ин кафили татбиқи дурусти шартҳои шартномавӣ дар бораи сифати мол аст, чунки яке аз таъиноти асосии зарф ва борпечкунӣ ин таъмини нигоҳдории босифати мол ҳангоми ҳамлу нақл ва нигаҳдорӣ ба ҳисоб меравад.

7. Дар самти равобити байни шарти сифати мол ва шарти тамғагузории мол зикр кардан ҷоиз аст, ки нишонагузорӣ ба воситаи аломатҳои махсуси

огоҳкунанда ва дигар иттилооти бо тамға марбут ҷиҳати таъмини ҳифзи мол дар ҷараёни кашондан ва интиқол додан, нигоҳ доштан ва фурӯхтани он мусоидат менамояд. Агар ба таври мухтасар ифода намоем: ***арзиши молу маҳсулот хусусиятҳои сифатии молро таҷассум месозад.***

8. Робитаи мутақобилаи шарти сифати мол бо миқдори мол аз он иборат аст, ки ягон ашё дорои фақат сифат ё фақат теъдод нест, чунки ҳар як ашё ин ягонагии теъдод ва сифати мушаххас аст. Дар уҳдадориҳои шартномаҳои ҳуқуқӣ-маданӣ робитаи байни шартҳо оид ба миқдори мол бо шарт дар бораи сифат танҳо дар баъзе ҳолатҳо ба мушоҳида мерасад: а) онҳо нисбати таҳвили якчанд объект ё навъи барқ наздик мешаванд; б) аксар вақт сифат чӣ қадар заиф бошад, миқдори зиёдтари энергия талаб карда мешавад; в) бо зиёдшавии миқдор усулҳои тафтиши сифат иваз мегардад.

Дар дигар ҳолатҳо сифат ва миқдор ҳамчун шартҳои шартномавии мустақил баромад мекунанд ва дар сурати риоя нагардидани талабот ба сифат ё миқдор кредитор дорои салоҳиятҳои гуногуни ҳимоя мегардад, ҳол он ки салоҳияти харидорӣ дар сурати риоя нагардидани талабот ба мукаммалӣ бо салоҳиятҳо ҳангоми фурӯши моли дорои сифати номатлуб монанд аст.

9. Робитаи мутақобилаи шартҳои сифати мол бо шартҳои қабули мол аз рӯи сифат аз он иборат аст, ки он ба шартҳои зерин мусоидат менамояд: а) муқарраркунии саривақтии мутобиқатии хусусиятҳои сифатии мол ба шартҳои шартномавӣ дар бораи мол; б) иҷрои дурусти уҳдадориҳои фурӯшанда марбут ба додани моли босифат; в) таъмини манфиатҳои харидорон ҳангоми бадастории моли босифат, чунки ҳамаи моли дорои сифати паст ҳатман дар раванди қабули мол аз рӯи сифат ошкор карда мешавад.

10. Ба муҳим будани зарф ва борпечкунӣ дар таъмини сифати бехатарии мол нигоҳ накарда, дар Тоҷикистон ба нақши саноати зарфу борпечкунӣ баҳои дуруст ва ҳаққонӣ дода намешавад. Қайд намудан зарур аст, ки дар баробари он ки мол бояд босифат ва бехавф бошад, зарф ва борпечкунии мол

низ бояд босифат ва бехавф бошанд. Бар асоси қисми 2-юми моддаи 549-уми КМ ҶТ ҷиҳати рушди босамари саноати зарф ва борпечкунӣ бо мақсади таъмин ва ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон пешниҳод мекунем, ки ***Консепсияи рушди саноати зарфу борпечкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул карда шавад, ки ба он ба таври ҳатмӣ бояд масъалаҳои зерин дохил карда шаванд: технологияи истеҳсоли зарф ва борпечкунии мол; маълумот дар бораи сифат ва амнияти зарфу борпечкунӣ; масъулияти истеҳсолкунандагони зарфу борпеч.***

# БОБИ II. ХУСУСИЯТҲОИ ҲУҚУҚИИ ШАРТҲО ОИД БА СИФАТИ МОЛ ДАР МАРҲИЛАҲОИ БАСТАН, ИҶРО ВА ҚАТЪИ ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШ

## 2.1. Паҳлуҳои асосии таъмини сифати мол дар марҳилаи бастани шартномаи хариду фурӯш

Шартҳое, ки дар шартнома вобаста ба сифати мол арзёби мегардад, ки дорои хусусиятҳои фарқкунандае мебошанд, ки дар асоси ҳамин шартнома ҷонибҳо бевосита иҷрои як қатор уҳдадориҳоро ба зимма мегиранд [153, с.98]. Илова бар ин, уҳдадориҳои тарафайн, ки онҳо дар шартнома инъикос мешаванд, дар ҷараёни рушдёбӣ чун анъана ду марҳалаи муҳимро паси сар мекунанд: а) бастани шартнома; б) иҷрои шартнома [84, с. 91]. Бо ин мақсад ба харидор манзур намудани моли хушсифат бо роҳи бастани шартномаҳо, ки он якчанд марҳалаи инкишофро аз сар мегузаронад, муносибати байни ҷонибҳоро тавассути уҳдадориҳои шартномавӣ ба танзим медарорад ва муҳим будани бастани шартнома ва иҷрои шартҳоро тақозо мекунад.

Шартномабандӣ ба созиш омадани ҷонибҳоро вобаста ба шартҳои манзуршуда натиҷагирӣ мекунад, ки он дар асоси қолабҳои махсус таҳия шуда, бо назардошти риояи муқаррароти қонунгузорӣ ба амал бароварда мешавад [84, с. 91]. Бояд афзуд, ки далели шартнома бастан бо мақсади таҳкими шартҳои аз тарафи субъектҳо мувофиқашуда нигаронида мешаванд, ки дар он ҷонибҳо боварӣ доранд, ки тарафҳо фаъолияти худро танҳо дар асоси шартҳои ҳуҷҷати ба имзо расида роҳандозӣ мекунанд ва ба иҷрои ҳадафи шартнома муваффақ мегарданд [64, с. 155].

Омили дигари муҳим дар ин ҷода он аст, ки сифати мол аз мутаносибии мувофиқ афтодани шартҳои шартнома низ вобастагӣ дорад [64, с. 155]. Хосатан дар марҳалаи шартномабандӣ ҷонибҳо бояд мувофиқати шартҳои сифати мол ва шароитҳои дигареро, ки дар шартнома дарҷ шуда, ба масъалаи таъмини сифати мол ва кафолати ба даст овардани он нигаронида шудаанд, баррасӣ созанд [186, с. 109].

Зимни шартномабандӣ ҷонибҳои хариду фурӯшкунанда бояд дар шартнома нисбат ба сифати мол ва шартҳое, ки ба таъмини иҷрои он равона гардидаанд, ба таври муфассал дарҷ намоянд. Ба вижа, дар шартномаи доду гирифт ворид намудани чунин талабот: сифати мол, нархи мол, қабули мол вобаста ба сифати он, тамғагузорӣ шудани мол муҳим мебошад.

Сифати мол. Дар асноди меъёрии ҳуқуқии дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба хусус дар Кодекси маданӣ нисбат ба сифати мол талаботи мушаххас гузошта шудааст, ки дар ҷараёни ба имзо расонидани шартномаи хариду фурӯш ҷонибҳо метавонанд онҳоро ба сифати роҳнамои фаъолият ба кор баранд. Ба вижа, дар моддаи 537-уми ҳуҷҷати мазкур, дар қисмати якуми он талабот доир ба сифати мол зимни бастани шартномаи хариду фурӯш дарҷ ёфтааст. Масалан, таъкид карда мешавад, ки фурӯшанда бояд ба харидор молеро, ки сифати он ба талаботи шартнома мутобиқ мебошад, пешниҳод намояд.

Ҷонибҳоро лозим аст, ки ҳангоми имзо намудани шартномаи хариду фурӯш ва ба мувофиқа расидан ба супориши техникӣ эътибори ҷиддӣ диҳанд. Ин ҷиҳат хусусан барои харидор бештар муҳим мебошад, зеро ӯ талаботҳои барояш муҳими молро дар шартнома дарҷ месозад. Дар ин хусус В.С. Шелестов изҳори назар карда менависад, ки «ифодаи талабот ба сифати мол реквезити ҳатмии созишномаҳои басташаванда ба шумор меравад ва бе онҳо вуҷуд доштани ухдадориҳо маънои худро гум мекунанд» [102, с. 67]. Ва бояд афзуд, ки дар илми ҳуқуқ дар робита ба масъалаи мазкур таъкид мешавад, ки «вақте ки талабот ба сифати мол дар шартнома ба таври мушаххас дақиқ нашуда бошад, беҳтараш чунин шартномаро беэътибор донистан муҳимтар мебошад» [196, с. 166].

Маврид ба зикр аст, ки муайян намудани талабот ба хусусиятҳои сифатии мол барои ба вуҷуд омадани ҳолатҳои зерин замина муҳайё мекунад: а) зимни бастани шартнома объекти асосии он дар бахши сифати мол муқаррар карда мешавад, ки он маънои ифодаи ҳадафҳои зарурии ҳуқуқии ҷонибҳоро ифода мекунад; б) дар ҷараёни амалинамоии шартнома

мутобиқат доштани сифати мол бо сифати маҳсулоте, ки дар шартнома нишон дода шудааст, тафтиш карда мешавад [131, с. 116]; в) дар раванди татбиқи шартнома – иҷрои уҳдадориҳо бо вожаҳои «матлуб» ва ё «номатлуб» арёбӣ кардан мумкин аст [186, с. 109]; Илова бар ин, ризоияти ҷонибҳо дар пешниҳоди шартҳои сифати мол аз манофеи ҳар ҷониб пуштибонӣ месозад. Дар заминаи ин тасаввуроти онҳоро оид ба сифати мол дақиқ месозад, барои пешгирӣ аз сар задани низоъҳои эҳтимолӣ имконият фароҳам меорад. Инчунин дар шартнома ба таври муфассал ва фаҳмо зикр сохтани бузургиҳои сифати мол барои дар оянда ба вуқуъ наомадани мубоҳисаҳо доир ба хусусият ва бузургииҳои мол шароити мусоид фароҳам меорад [153, с. 100];

Роҳу усулҳои ҳуқуқии расидан ба мувофиқа ва дарҷ намудани сифати мол дар шартномаи хариду фурӯш яксон намебошад. Дар ин росто, бо роҳҳои гуногун таъин намудани талабот ба сифати мол пешбинӣ шудааст. Чунончи, А.В. Маслова «…роҳу усулҳои ифода намудани талаботро нисбат ба сифати мол дар шартнома ба тариқи зайл муқаррар намудааст: а) тавсифи мол ва хосиятҳои асосии он; б) истинод ба асноди зарурӣ роҷеъ ба стандартикунонӣ ва ё регламенти техникӣ; в) истинод ба санади техникӣ, дастурамал доир ба истифодабарии мол; г) истинод ба моли шабоҳатдошта, ки ба муштарӣ аз тарафи ҳамон як фурӯшанда дар асоси шартномаи қаблан ба имзорасидаи байни онҳо фурӯхта шудааст; ғ) корбурди намуна» [191, с. 19].

Зимни бастани шартномаи хариду фурӯш ҷонибҳо имконият доранд, ки талабот ба сифати молро бар василаи истинод ба стандартҳои давлатӣ ва регламентҳои техникӣ пешбинӣ созанд. Зикр намудан ҷоиз аст, ки истинод ба стандарт ва ё асноди дигари меъёрӣ, ки ба фурӯшанда ва муштарӣ дастрас мебошанд, усули хеле эътимодбахши муқаррар намудани талабот ба сифати мол маҳсуб меёбад [158, с. 21].

Ҳуқуқшиносон, барҳақ, нигоштаанд, ки «ифодаи сифати мол бо роҳи истинод ба стандартӣ лозимӣ усули то андозае паҳнгардида дар муомилоти савдои миллӣ ва низ тиҷорати байналхалқӣ ба шумор меравад. Стандартикунонии мол барои дар сатҳи баланди тахассусӣ муайян намудани

сифати он шароитҳои мусоид фароҳам меорад ва ҳамчунин зуҳуроти аз ҳад зиёд тавсиф намудани молро пешгирӣ менамояд» [56, с. 23].

Дар асоси мулоҳизаҳои дар боло баёншуда зикр кардан муҳим аст, ки мутобиқи моддаи якуми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «...Дар бораи стандартонӣ» (аз 29.12.2010) «...Стандарти давлатӣ стандартест, ки мақомоти ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба стандартонӣ қабул намудааст» [19]. Стандарт асноди меъёриест, ки он қоидаҳо, дастур ё тавсифҳои барои истифодаи умумӣ ва ё бисёркарата таъиншударо нисбат ба мол ё раванду усулҳои ба он марбути истеҳсолримуқаррар мекунад, ки интихоби онҳо бо мақсади истифода ва истеъмол ихтиёрӣ меошад. Стандарт метавонад талаботро ба истилоҳот, аломат, борпечкунӣ ва тамғагузорӣ ва тамғакоғаз то ҳадде, ки нисбат ба ҳамин мол раванд ё усули истеҳсолот амалӣ мегардад, дар бар гирад.

Дар сархати панҷуми моддаи якуми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ (аз 19.05.2009)» гуфта мешавад, ки «регламенти техникӣ санади меъёрии техникиест, ки дар раванди ба меъёрдарории техникӣ таҳия шуда, талаботи техникиеро муқаррар менамояд, ки риояи ҳатмии он вобаста ба бехатарии маҳсулот, ҷараёни коркард, истеҳсол, истифодабарӣ, нигаҳдошт, интиқол, фурӯш, коркарди партовҳои он, иҷрои кор ва хизматрасонӣ дар қисми бехатарӣ муқаррар мекунад» [15].

Бояд таъкид намуд, ки регламенти техникӣ бар хилофи стандарти техникӣ бештар ҷиҳати риоя намудани талаботи техникӣ нигаронида шуда, аз рӯйи моҳияташ бо бехатарии мол иртиботи зич дорад. «..Таҳлилҳо собит намуданд, ки ҳар кадоми моли барои фурӯш таъингардида дорои хусусиятҳое буда метавонад, ки барои зиндагии мардум, саломатии одамон, амволи муштариён ва умуман барои муҳити зист хавфи муайянеро ба миён меоранд» [140, с. 85]. Баррасии афкори ҳуқуқии соҳа далели он аст, ки ба бехатарии мол чун ба як хусусияти арзишманди он муносибат кардан авлотар دониста мешавад, чунки бехатарӣ дар таркиби мафҳуми ҳуқуқии сифат мақоми намоён дорад. Дар баробари ин ҳуқуқшиносон бехатарии молро як хосияти

муҳим ва ҷудонопазири ҳама гуна молу маҳсулот ва ҷузъи таркибии сифатмаънидод кардаанд. Надоштани ин гуна хосиятҳо, махсусан, бехатарӣ гувоҳи бусифат будани мол шуда метавонад [198, с. 78]. Ҳамчунин мавҷудияти ақидаи зерин: ҳама гуна моли босифате, ки аз тарафи муштарӣ харидорӣ мешавад, дар айни замон бехатар мебошад, моро ба чунин фикр водор месозад, ҳамон тавре ки М.В.Курепина (2012) таъкид кардааст: «..на ҳама моли бехатари харидоришударо босифат гуфтан мумкин аст» [188, с. 14].

Истилоҳ ва мафҳуми «бехатарӣ» дар низоми қонунгузории байналмилалӣ ҳамчун маҷмуи ягонаи бо мафҳуми сифат алоқаманд [188, с. 14] тавзеҳ ёфтааст. Чунончи, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мафҳумҳо дар асноди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғалла ва маҳсулоти коркарди он» (2018), «Дар бораи таъмини бехатарии экологии нақлиёти бехатарӣ» (2015), «Дар бораи танзими давлатии истеҳсолу муомилоти спирти этилӣ ва машрубот» (1997) инъикос гардида, бехатарӣ ҳамчун як ҷузъи ногусастании категорияи сифат дар таркиби маҷмуи хусусиятҳое ифода мешавад, ки ба ғайр аз риояи талаботи стандартҳои давлатӣ онҳо бояд ба талаботи регламентҳои техникӣ низ мувофиқат намоянд.

Ҳуқуқшиносон масъалаи инъикоси муносибат ва таносуби категорияҳои «сифати мол», «бехатарии мол» ва мафҳумҳои ба онҳо алоқамандро дар қонунгузорӣ ба се марҳала тасниф кардаанд:

Марҳалаи 1. Ташкили заминаи қонунгузорӣ оид ба таъмини сифат ва бехатарӣ, ки он солҳои 1923 – 1990, ё худ давраи шуравиро дар бар мегирад. Мафҳуми «бехатарӣ» дар ин давра бо он тавсиф мешавад, ки он ҳамчун категорияи ҷудогонаи мустақил эътироф нашуда, онро ҳамчун як ҷузъи мафҳуми ягонаю маҷмуии сифат донистаанд. Дар ин марҳала ҳанӯз талаботро нисбат ба сифати мол танҳо аз рӯйи стандартҳои давлатӣ муқаррар менамуданд. Таваҷҷуҳи бештаре ба таъмин намудан ва баланд бардоштани сифати мол равона мегардид, ки танзими ин ҷиҳатҳо дар асноди меъёрии ҳуқуқӣ инъикос меёфтанд ва сифат ҳамчун категорияи комплексӣ (маҷмуӣ)

арзёбӣ мешуд. «Бехатарӣ» бошад, чун мафҳуми ҳатмии кафоладиҳанда як ҳиссаи таркибии сифати маҳсулотро ташкил менамуд. Бинобар ин, истилоҳи «бехатарии мол» чи дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ва чи дар марҳалаи оғози муносибатҳои бозаргонӣ дар асноди меъёрии ҳуқуқӣ ва меъёрии техникӣ мавриди корбаст қарор надоштааст ва онро чун меъёри муайян ва зарури танзимкунанда ба кор намебурданд. Баръакс, дар стандартҳои давлатӣ, ки асноди асосии меъёрӣ маҳсуб мешуданд, нисбат ба сифати мол талаботи ҳатмию истеъмолӣ муқаррар шуда буд, ки он талаботи бехатариро низ дар худ таҷассум менамуд. Тамоми талаботҳои зикршуда дар шакли маҷмуӣ сифати молро муайян месохтанд. Ин вазъро ба таври мухтасар чунин шарҳ додан мумкин аст: афзун намудани сифати маҳсулот яке аз унсурщои асосии аломатҳои тараққиёти иқтисодиёт ба ба ҳисоб меравад, бехатарии молу маҳсулоте, ки дар аҳди Давлати шуравӣ истеҳсол ва ворид мешуд, пешгӯшаванда буд, чунки асоси рушди иқтисодиёти мамлакат бо иҷрои нақшаҳои панҷсола иртибот дошт.

Марҳалаи 2. Ин марҳалаи инкишофи қонунгузорӣ дар соҳаи бехатарии сифат ва бехатарии мол ба солҳои 90-уми асри XX рост меояд, ки он аз соли 1990 шуруъ мешавад. Дар ин давра ҳодисаҳои муҳими таърихию сиёсӣ ва иқтисодие ба вуқуъ пайвастааст, ки он бо таназзули сохти коммунистии давлатдорӣ, барҳам хӯрдани монополияи давлатӣ дар иқтисодиёт, моликият, савдои дохилӣ ва беруна, тараққиёти босуръати соҳибкорӣ дар бозори истеъмолӣ аз марҳалаи гузашта фарқ мекард. Ин ҳолат боиси ба бозор роҳ ёфтани молу маҳсулоти пастсифат ва то ҳатто маҳсулоти хатарнок ва ба саломатӣ зиёновар гардид. Пеши роҳи чунин бесарусомонӣ ва вазъияти ногувори иқтисодиро танҳо тавассути таҳия, тасдиқ ва мавриди амал қарор додани асноди меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи бехатарии мол гирифта метавонист. Бо вуҷуди ин, дар қонуну низомномаҳои роиҷи давр дар зери мафҳуми истилоҳи «бехатарии мол» фаҳмиш дар бораи меъёр ё категорияи мустақил (талаботи бехатарӣ дар ин марҳала ҳоло ҳам қисми таркибии

мафҳуми «сифат»-ро ташкил намедод, он тадриҷан ба мустақилияти ҳуқуқӣ соҳиб мешавад) пайдо мешавад.

Марҳилаи 3. Ин давраро марҳалаи ташаккули заминаи қонунгузорӣ дар ҷодаи таъмини сифат ва бехатарии мол, танзими меъёрҳои техникӣ, ки бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ» (аз 19-уми майи соли 2009) иртибот дошт, номидан мумкин аст. Бояд таъкид намуд, ки бо қабул гардидан ва мавриди амал қарор гирифтани қонуни мазкур раванди гузариш аз «сифат» ҳамчун предмети муҳими ба меъёр даровардани истеҳсол ва фурӯши мол ва назорати давлатӣ ба «бехатарии мол» анҷом меёбад. Акнун талабот ба бехатарии мол дар миёни ҳамаи хусусиятҳои фарогири сифати мол мавқеи меҳимро ишғол мекунад, ки ин ҷиҳатҳо дар қонунгузории ҷорӣ асоснок гардидааст.

Рушди мазмун ва мундариҷаи қонунгузорӣ ва асноди меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар онҳо мушкилоти сифати мол баррасӣ мешавад, ба бехатарии мол ҳамчун ба як хусусияти махсуси сифат муносибат карданро ба миён мегузорад. Ин ҳолат ҳуқуқӣ, яъне мақом пайдо кардани талабот ба бехатарии молҳои истеҳсолшаванда, ки барои фурӯш таъин шудааст, тадриҷан ба яке аз талаботҳои асосии сифат ва хусусиятҳои мол мубаддал мегардад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар замони ҳозира торафт нақши регламентҳои техникӣ – ҳамчун воситаи ҳуқуқии муайянкунандаи сифати мол низ тамоили рӯ ба афзоишдошта ба шумор меравад.

Масъалаи дигаре, ки дар маърази таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор дорад, мушкилоти мувофиқати шартҳои сифати мол дар шартномаи хариду фурӯши ба воситаи истинод ба стандартҳои давлатӣ ва асноди меъёрии ҳуқуқии аз рӯйи мақом ва моҳият ба онҳо баробар ба ҳисоб меравад, ки ташкили амалиётҳои тиҷоратиро дар бозори дохилӣ осон мекунанд [59, с. 21]. Истисно аз ин бояд қайд кард, ки дар ҳалли масоили мазкур талаботи қисми якуми моддаи 13-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «...Дар бораи стандартонӣ»: ихтиёрӣ будани интихоби стандартҳоро бештар истифода мебаранд, ҳол он ки моддаи 11-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

бамеъёрдарории техникӣ», ки ҳуҷҷати меъёрии техникии муҳим ҳисобида мешавад, «регламентҳои техникӣ санадҳои меъёрии техникие мебошанд, ки иҷрои талаботашон ҳатмӣ мебошад» [112, с. 134].

Инъикоси чунин падидаҳо дар қонунгузории амалкунандаи ҷумҳурӣ далели таҳаввулоти ҷиддӣ дар ин соҳа маҳсуб ёфта, як навъ ҳамоҳанг сохтани ҷанбаи ҳуқуқии асноди меъёрии хусусӣ бо қонунгузорӣ ва афкори назариявии ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Масалан, моҳияти андешаҳои В.В.Богдан бо мазмуни банду моддаҳои дахлдори Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ» (моддаи 13, қисми 1) мувофиқат дорад: «шарти шартномавӣ доир ба сифати молҳуқуқи харидорро ба сифат ва бехатарии мол таҷассум мекунад, ки мутаносибан асоси онро иҷрои ҳатмии талаботи қонунгузорӣ дар бобати ба меъёрдарории техникӣ аз тарафи соҳибкор, қабл аз ҳама, истеҳсолкунанда ташкил медиҳад» [112]. Маълум аст, ки регламенти техникӣ ба стантарт ишора ва истинод мекунад ва дар ин ҷода муҳимтарин роҳи таъмини мутобиқат ба регламенти техникӣ ба ҷо овардани талаботи стандарт аст, зеро стандарт дар чунин мавридҳо ҳамчун регламенти техникӣ ба кор бурда мешавад.

Дар вақти шартнома бастан мутахассисон хусусиятҳои сифатии молро бо истифода аз истинод ба стандартҳои ташкилотҳои байналхалқӣ муайян карда метавонанд [177, с. 80]. «...Истинод ба стандартҳои муқаррарнамудаи байналмилалӣ (ИСО, МЭК, ЕН ва монанди инҳо) зимни фурӯши мол ба хориҷи мамлакат, яъне дар мавриди содирот ва интиқоли мол авлавият касб мекунад» [153, с. 21]. Дар ин ҷода бояд зикр намуд, ки низоми стандартонӣ дар заминаи стандартҳои байналмилалӣ барои муттаҳид намудани фаъолияти бозорҳои миллӣ ва, мамолики мутараққӣ ва кишварҳои рӯ ба тараққӣ нақши муҳим мебозад. Бо истифода аз истеъдодҳои технологияи нав боиси тавсеаи ҳамкориҳо дар майдони тиҷорати ҷаҳонӣ ва болоравии ҳаҷми молу маҳсулоти содиротӣ, боиси рақобатпазир гардидани мол мегардад. Волков А.В пешниҳод намуддааст, ки «...роҳ ёфтан ба бозорҳои ҷаҳонӣ на танҳо кафили асосии беҳтар шудани сифат ва бехатарии мол, балки барои такмили

раванди қонунгузорӣ, таҳия ва қабули стандартҳои ҷавобгӯ ба талаботи асноди меъёрии байналмилалӣ, соҳиб шудан ба даромади молиявӣ, беҳтар гардидани равобити иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар миёни халқҳо мусоидат мекунад» [177, с. 116].

Шартномаҳое, ки бо назардошти ҷузъиёти лоиҳасозӣ, истеҳсол, коркард ва фурӯши молу маҳсулоти инфиродӣ баста мешаванд, нисбатан ҷаззобу ҷолибтар мебошанд, зеро ки барои онҳо имконияти истифодаи истинод ба тамоми асноди меъёрию техникӣ домани фарохтар дорад [158, с. 100-101]. Амали дигаре, ки дар вақти хариду фурӯши мушкилоти тиҷоратро осон мекунад, ба миён омадани муомилоти ғайристандартӣ мебошад, ки дар ин гуна мавридҳо талабот ба ба сифати мол бояд дар замимаи махсус, ки ба шартнома бо нишон додани номгӯйи нишондиҳандаҳои сифат ва арзиши молу маҳсулот ҳамроҳ карда мешавад [153, с. 22].

Дар қонунгузорӣ оид ба масъалаи ба харидор пешниҳод намудани моли хушсифат эътибори ҷиддӣ дода шудааст. Масалан, дар қисми 4-уми моддаи 537-уми КМ ҶТ дар ин хусус чунин гуфта шудааст: «...агар тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун нисбат ба сифати моли фурӯхташаванда талаботи ҳатмӣ пешниҳод гардида бошад, дар ин сурат фурӯшандае, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад, уҳдадор аст ба харидор моли ба ин талабот мувофиқро супорад» [6, қ.4 м. 537].Пас равшан аст, ки ҷонибҳои шартнома баста ҳуқуқ дадоранд, ки моли нишондиҳандаҳои сифатияш аз меъёрҳои муқаррарнамудаи стандарти давлатӣ пастро ба фурӯшанда манзур созад.

Ҷонибҳо зимни шартномаи хариду фурӯш бастан дар ин ҳуҷҷат шартҳои сифати молро озодона баён карда метавонанд, илова бар ин, тарафайн ҳуқуқи даст кашидан аз иҷрои талаботи ҳатмӣ ба сифати моли фурӯхташаванда, ки он дар қонун ва тартиби ба расмиятдаромада асоснок гардидааст, надоранд [61, с. 69]. Умуман, ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи муносибати байни фурӯшандаву харидор, хусусан, маҳсулоте, ки ба талаботи ҳатмии стандартҳои давлатӣ созгор нест, новобаста аз ризоияти ҷонибҳо пешниҳоди ҳама гуна моли пастсифатро иҷозат намедиҳад. Дар ҷараёни шартнома

бастан ба таври расмӣ дар ҳуҷҷат дарҷ намудани моле, ки сифати он аз талаботи ҳатмии дар стандартҳо зикр шуда паст мебошад, низ тибқи моддаи 183-и КМ ҶТ манъ аст. Мисли ҳамин дар асоси сархати дувуми қисми чоруми моддаи 537-и санади мазкур дар заминаи созишномаи байни фурӯшандаву муштарӣ моле, ки ба талаботи муқаррарнамудаи қонунҳо ва асноди расмии соҳа ҷавогӯ мебошад, талаботи нисбатан баландро манзур кардан мумкин аст. Ҳамин тавр, дар вақти шартнома бастан ҷонибҳо ҳуқуқ доранд, ки оид ба талабот ба сифати моли нисбат ба талаботи стандарту регламенти техникӣ ва дигар меъёрҳо баландтар ба мувофиқат оянд. Дар хусуси дархости моле, ки сифати он аз талаботи расмӣ бадандтар ҷонибҳо бояд қаблан ба мувофиқа омада бошанд, зеро ки имконияти аз тарафи харидор напазируфтани чунин молҳо ҷой дорад. Масалан, баланд будани нархи мол боиси иҷро нагардидани шартнома шуда метавонад [158, с. 101].

Ё ин ки мутобиқи қисми сеюми моддаи 537-уми КМ ҶТ ба эътибор гирифтани талаботи намуна ва ё тавсифи мол фурӯшанда уҳдадор мебошад, ки ба харидор молеро пешниҳод намояд, ки он ба талаботи намуна ва ё тавсифномаи он мутобиқат намояд. Зикр кардан муҳим аст, ки ин масъаларо мавриди таҳлил қарор дода, В.А.Маслова қайд мекунад, ки «дар вақти бастани шартнома як василаи хуби ҳуқуқии ба мувофиқа расидани ҷонибҳо ва муқаррар намудани талабот ба сифати мол тавсияи талабот ба сифат дар асоси намуна ё тавсифи мол низ маҳсуб меёбад» [192, с. 100].

Муҳаққиқон чунин меҳисобанд, ки «..моли дар намуна тавсифёфта маҳсулоти намунавие бояд бошад, ки хосиятҳои истеъмолии он фарогири талаботе, ки нисбат ба сифати моли ба харидор пешниҳодшаванда муайян шудааст, мебошад. Ба харидор тавсия намудани мол маънои ба ӯ манзур намудани хусусиятҳои муайяни истифодабарии мол низ дорад. Расмҳо, тасвирҳои графикӣ ҳамчун воситаи тавсифи мол ба эътибор гирифта мешаванд, ки ба номгӯйи аснод ва моли борпешуда ҳамроҳ карда мешаванд» [40, с. 248].

Ба ин тариқа, зимни аз рӯйи намуна ва ё тавсиф таҳия намудани талабот ба сифати мол хусусиятҳои сифатии он бояд дар шартнома бо такя ба матни меъёрҳо, тасвирҳои графикӣ, хосиятҳои химиявию физикӣ ва монанди инҳо дарҷ ёбанд [192, с. 100]. Илова бар ин, намунаи молу маҳсулотеро, ки ба фурӯш бароварда мешавад, ки бояд дар шартнома тавсиф ёбанд, тартиб ва ҷойи нигаҳдории онҳо нишон дода шаванд, то ки имконияти тағйир додани намунаҳо маҳдуд гардад.

Дар назар доштан муҳим аст, ки зимни аз рӯйи намуна ба фурӯш баровардани мол муқаррар намудани талаботи сифати мол бо нишон додани аломати марбут ба навъи онро низ татбиқ кардан зарур аст [177, с. 81]. Агар дар асоси тартиби муқаррарнамудаи қонун нисбат ба сифати моли ба фурӯш баровардашуда талаботи ҳатмӣ пешниҳод шуда бошад, он гоҳ соҳибкор ё фурӯшандаи мол уҳдадор мебошанд, ки ба харидор моли ба ҳамин талабот мувофиқро манзур намоянд [КМ ҶТ, сархати дуюм, қисми дуюми моддаи 537. Масъалаи мазкурро ҳуқуқшиносон чунин тавзеҳ додаанд: «ҳадафи ба таври дақиқ ифодагардидаи харидор истифодаи мол мебошад, ки он як усули муҳими дар шартномаи хариду фурӯш дақиқ намудани талабот нисбат ба сифати мол маҳсуб мешавад» [177, с. 76].

Ба ҳамин минвол, бо бастани шартномаи хариду фурӯш харидор ҳуқуқ дорад, ки дар ин ҳуҷҷат ҳадафҳои худро ҷиҳати дастрас намудани мол бояд дарҷ созад, фурӯшанда бошад, вазифадор аст, ки ба вай молеро пешниҳод намояд, ки сифати он ба шартҳои дар шартнома инъикос намудаи ӯ мувофиқ бошад.

Агар дар шартномаи хариду фурӯш доир ба сифати мол шартҳои муайян дарҷ нашуда бошад, пас фурӯшанда уҳдадор аст, ки ба харидор молеро пешниҳод намояд, ки ба мақсадҳои ӯ мувофиқ мебошад ва ӯ ҳамин молро ҷиҳати таъмини мақсади худ ба кор мебарад [қисми дуюми моддаи 537-уми КМ ҶТ]. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки дар ҷараёни бастани шартнома ҷонибҳо бояд дар он талаботи муайянеро нисбат ба сифат дарҷ кунанд, дар сурати набудани чунин талабот фурӯшанда уҳдадор аст, ки ба харидор молу

маҳсулотеро пешниҳод созад, ки сифати он ба талаботи мақсади истифодабарии харидор мувофиқ бошад. Истисно аз ин ҳуқуқшиносон бар он назаранд, ки қонунгузор чунин меъёри ифодаи сифати молро, ба мисли «мақсадҳое, ки барои чунин мол истифода мешаванд»-ро дуруст интихоб намудааст, зеро ки то имрӯз на хосияти мол, балки он чиз муҳим аст, ки мол ҳангоми истифода ба харидор чӣ дода метавонад? [177, с. 23].

Дар муомилоти истесолкунандаву фурӯшанда ва истеъмолкунандагон баъзе моле маҳсулоте дучор мешаванд, ки онҳо дорои хусусияти махсус буда, дар қонунгузории ҷумҳурӣ барои онҳо истилоҳу мафҳумҳои хос ба кор бурда мешавад. Масалан, истифодаи қувваи барқ ва энергияи гармӣ бо касб намудани хусусияти махсус дар моддаи 599-юми КМ ҶТ бо мафҳуми «сифати барқ» корбарӣ шудааст, ки дар асоси он мушкилоти марбут бо «сифати барқ» ба низом даровард мешавад. Мутобиқи қисми аввали моддаи мазкур сифати барқро муассисаи таъминкунандаи қувваи барқ таъмин менамояд, ки он бояд ба муқаррароти намуна (стандарт)-ҳои давлатӣ ва дигар асноди меъёрии ҳуқуқӣ доир ба намуна (стантартизатсия) ё сифати таъиннамудаи шартнома мувофиқат кунад. Пас, маълум мешавад, ки ҷонибҳои шартномаи таъминот бо барқ дар вақти бастани шартнома ҳуқуқ доранд, ки талаботро нисбат ба сифати қувваи барқ ва хизматрасонии шабакаи гармидиҳӣ манзур созанд ё худ ба стандарти давлатӣ истинод намоянд, чунки дар он нишондиҳандаҳои сифати барқ муайян гардидаанд.

Дар масъалаи истифодаи барқ бояд иқрор шуд, ки бо назардошти мавҷуд будани душвориҳо дар бобати амалан муайян намудани сифати барқ бо тартиби ҳатмӣ бо корбурди стандартҳои давлатӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ бо роҳи созишномаи ҷонибҳо истеъмоли қувваи барқ ба танзим дароварда мешавад [199, с. 95].

Дар заминаи мубодилаи афкори суратгирифта дар марҳалаи имзо намудани шартномаи хариду фурӯш шартҳои он доир ба сифати мол ҷонибҳоро бар василаи амалӣ намудани омилҳои зерин қаноатманд карда тавонад: а) хусусиятҳо ва тавсифи мол бояд муфассал номбар карда шаванд,

ба ҷонибҳо фаҳмо бошанд; б) ба стандарти давлатии дахлдор ва регламенти техникии муайян истинод кардан лозим аст; в) ба регламенти техникӣ бояд муроҷиат карда шавад.

Қабули мол аз рӯи сифат: дар шартнома вуҷуд доштани тавсифи пешакии сифати мол ба харидор имкон медиҳад, ки дар марҳилаи иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ (додани мол) мутобиқати мол ба сифати пешакӣ шартгузошташуда санҷида шавад [167, с. 67]. Лекин сифати мол дар марҳилаи бастани шартнома бояд на танҳо бо мафҳуми дурусти шартҳои шартномавӣ дар бораи сифати мол, балки бо шартҳои дигаре, ки воситаҳои иловагии ҳуқуқиро пешбинӣ менамоянд, таъмин шавад. Масалан, шарт дар бораи тартиби қабули мол аз рӯи сифат мисоли гуфтаҳои мо шуда метавонад [190, с. 113-113].

Азбаски ба иҷрои дурусти уҳдадориҳои фурӯшанда оид ба додани моли босифат «маҳз шарти шартномавӣ дар бораи қабули мол аз рӯи сифат мусоидат мекунад, аз ин рӯ, аксарияти харидорон ба лоиҳаи шартномаҳо дар баробари шарт дар бораи сифати мол, инчунин, дохил кардани шартҳо дар бораи қабули мол аз рӯи сифатро афзалтар медонанд» [123, с. 149].

Тибқи қисми 1 моддаи 542 КМ ҶТ ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯш тарафҳо дар он шартҳоро марбут ба тартиби қабули мол аз рӯи сифат пешбинӣ карда метавонанд.

Фурӯшанда ва харидор ҳуқуқ доранд, ки дар шартнома тартиби «хусусии» қабули мол аз рӯи сифатро пешбинӣ намоянд [141, с. 124]. Лекин дар баробари ин, тарафҳо ҳангоми бастани шартнома бояд он шартро, ки аз сархати 2 қисми 1 моддаи 542 КМ ҶТ бармеояд, ба назар гиранд, яъне бо стандартҳои давлатӣ ё шартҳои техникӣ талабот ба тартиби қабули мол аз рӯи сифат пешбинӣ шуда метавонанд. Дар чунин ҳолат тафтиши сифати мол бояд тибқи шартҳову нишондодҳои дар стандартҳои давлатӣ ё шартҳои техникӣ пешбинишуда анҷом дода шавад. Мутаносибан, тарафҳо ҳангоми бастани шартнома, инчунин ҳангоми иҷрои шартнома бояд муқаррароти стандартҳои давлатӣ ё шартҳои техникиро ба назар гиранд.

Қонунгузорӣ дар қисми 4 моддаи 542 КМ ҶТ муқаррар кардааст, ки «...тафтиши сифати мол аз ҷониби фурӯшанда ва харидор бояд таҳти ҳамон як шартҳо анҷом дода шавад. Дар ин ҳолат, мувофиқи мақсад меҳисобем, ки агар бо стандарти давлатӣ ё шарти техникӣ якчанд вариант ё усулҳои тафтиши сифати ҳамон як мол иҷозат дода шавад, пас тарафҳо дар шартнома бояд аниқ муайян кунанд, ки кадоме аз онҳоро дастури худ қарор медиҳанд» [186, с. 129]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ усулҳои зерини муайян кардани сифати мол ҷудо карда мешаванд: 1) усули тафтиши пешакӣ (тафтиш карда шуд – тасдиқ карда шуд); 2) усул аз рӯи намуна; 3) усул аз рӯи сифати қабулкардашуда; 4) усули бароришӣ моли тайёр; 5) усул дар асоси шартҳои Телл-Келл; 6) усул аз рӯи таркиби моддаҳои алоҳида дар мол [115, с. 99].

Муҳиммият ва хусусиятҳои махсуси қабули молро маҳз ҳангоми иҷрои шартномаи таҳвил ба инобат гирифта, қонунгузор дастур дар бораи тартиби қабули маҳсулоту мол аз рӯи сифат ва миқдорро аз 12 августи соли 1997 таҳия ва қабул кард [108, с. 8].

Тарафҳои шартнома ҳангоми ифодаи талабот ба қабули мол аз рӯи сифат метавонанд Дастур дар бораи тартиби қабули маҳсулоту мол аз рӯи сифат ва миқдор аз 12 августи соли 1997-ро истифода баранд. Дар ин замина, ҳаминро ба назар гирифтан зарур аст, ки муқарраротӣ дастури мазкур барои иштирокчиёни раванди шартномавӣ хусусияти тавсиявӣ доранд, агар бо шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашавад [141, с. 124]. Тарафҳо ҳангоми ифодаи талабот ба қабули мол аз рӯи сифат масъалаҳои зеринро бояд пешбинӣ намоянд: «макон ва замони қабули бор (қабл аз фиристодан, дар вақти қабул, қабл аз фаровардани бор, дар вақти фаровардани бор, пас аз фаровардани бор, дар вақти сохтмони бино, пас аз анҷоми сохтмон ва амсоли инҳо); методи санҷиш, ченкуниҳо, таҳлил, ташхис, санҷиши органолептикӣ ва ҳоказо; ҳаҷми қабул (яклухт, интихобӣ, аз рӯйи намуна); мутасаддии қабул; мазмуни ҳуҷҷате, санадҳое, ки дар заминаи натиҷаи тафтиш мутобиқати маҳсулотро бо талаботи шартнома тасдиқ менамоянд» [153, с. 22]. Қайд кардан зарур аст, ки дар шартномаи хариду фурӯш ҳатман бояд

ҷойи қабули мол ба таври дақиқ нишон дода шавад (масалан, корхона, анбор, бандар, стансия ва ғайра) [115, с. 49]. Ба ғайр аз ин, азбаски усули тафтиши мол аз рӯи сифат то дараҷаи муайяне ба хусусиятҳои махсуси мол вобаста аст [177, с. 84], тарафҳо ҳангоми бастани шартнома метавонанд тартиби гузаронидани тафтиши интихобии сифати ин ё он молро аз рӯи нишондиҳандаҳои муайян шарт гузоранд [74, с. 69-70].

Ҳангоми муайян кардани шартҳои марбут ба расмиёти қабули мол аз рӯи сифат тарафҳо инчунин метавонанд дар шартнома мушаххас намоянд, ки кадом тараф тафтиши сифати молро анҷом медиҳад: фурӯшанда ё харидор [131, с. 127].

Тибқи банди 14 Дастур дар бораи тартиби қабули маҳсулоту мол аз рӯи сифат ва миқдор аз 12 августи соли 1997 қабули мол аз рӯи сифат аз ҷониби комиссияи иборат аз на камтар аз се шахси салоҳиятнок, ки аз ҷониби роҳбар ё муовини роҳбари корхона - харидор ваколатдор карда шудаанд, гузаронида мешавад. Дар баробари, ин ҳангоми бастани шартнома тарафҳо дар он ҳайати дигари комиссияро барои анҷом додани қабули мол аз рӯи сифат пешбинӣ намуда метавонанд.

Дар санад дар бораи қабул натиҷаи қабули мол аз рӯи сифат нишон дода шуда метавонад. Талабот ба тартиби санади қабули мол аз рӯи сифат бо бандҳои 34-45 Дастур дар бораи тартиби қабули маҳсулоту мол аз рӯи сифат ва миқдор аз 12 августи соли 1997 пешбинӣ шудаанд, ки барои ифодаи талабот ба тартиб додани санади қабули мол ва мундариҷаи он истифода шуда метавонанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин нуқтаи назар вуҷуд дорад, ки шартҳои қабули мол аз рӯи сифат мумкин аст дар шартнома, умуман, муқаррар карда нашаванд. Аз ҷумла, А. В. Гридин қайд мекунад, ки «дар шартнома фурӯшанда ва харидор аксар вақт чунин ҳисоб мекунанд, ки агар дар шартнома ҳамаи тарафҳои қабули мол аз рӯи сифат нишон дода шавад, пас ин ҳолат шартномаро «вазнинтар» мегардонад, аз ин рӯ, ҳангоми бастани шартнома тарафҳо аксар вақт ба санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ, ки

қоидаҳои қабули мол аз рӯи сифатро пешбинӣ менамоянд, истинод менамоянд» [178, с. 83]. Масалан, Дастур дар бораи тартиби қабули маҳсулот ва мол аз рӯи миқдор ва сифат.

Дар чунин ҳолат, саволе пеш меояд: агар тарафҳо дар шартнома роҷеъ ба тартиби қабули мол аз ҷиҳати сифат ба мувофиқа нарасанд ва дар қонунгузорӣ низ тартиби муайяне пешбини нашуда бошад, чи гуна амал бояд кард?

Дар асоси қисми 2 моддаи 542 КМ ҶТ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, «..ки қонунгузор ба ҷой доштани ҳолатҳои аз ҷониби тарафҳои шартнома ба мувофиқа нарасидан оид ба сифати мол роҳ дода метавонад, лекин бо вуҷуди ин, чунин ҳолатҳо дар қонунгузорӣ ба танзим дароварда нашудаанд. Дар чунин мавридҳо қонунгузор муқаррар мекунад, ки тафтиши сифати мол бояд тибқи қоидаҳои муомилоти корӣ ё дигар шартҳои одатан истифодашавандаи қабули мол, ки тибқи шартномаи хариду фурӯш дода мешаванд, бояд анҷом дода шавад» [6, қ2. м542].

Тибқи моддаи 5 КМ ҶТ анъанаи муомилоти корӣ, сарфи назар аз сабт ёфтани он дар ягон ҳуҷҷат, қоидаи рафтори дар қонунҳо пешбининашудае эътироф мегардад, ки дар ягон соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ба миён омада, васеъ истифода бурда мешавад.

Азбаски субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар раванди тафтиши сифати мол дар бораи қоида ва анҷом додани ин ё он амал тасаввуроти гуногун дошта метавонанд, аз ин рӯ, дар амал ҳолатҳое рӯй дода метавонанд, ки дар натиҷаи он амалҳои харидорон, ки қабули мол аз рӯи сифатро анҷом медиҳанд, мумкин аст ба анъанаи муомилоти корӣ мухолифат дошта бошанд. Дар натиҷа амалҳои харидорон, ки қабули мол аз рӯи сифатро анҷом додаанд, мумкин аст ҳамчун вайрон кардани тартиби қабули мол аз рӯи сифат арзёбӣ карда шавад. Дар баробари ин, ҳуҷҷатҳои рекламавии харидор, ки тибқи анъанаи муомилоти корӣ амал накардааст, беэътибор дониста мешаванд [124; с. 125].

Қобили зикр аст, ки агар анъанаи муомилоти корие, ки тартиби қабули мол аз рӯи сифатро мураттаб месозад, вуҷуд надошта бошад, пас тафтиши сифати мол аз рӯи сифат бояд тибқи шартҳои дигари маъмулан истифодашавандаи тафтиши мол анҷом диҳад. Ба ибораи дигар, чунин гуфтан мумкин аст, ки «ҳар кас сифати молро месанҷад ва чӣ тавре ки тавонад, номувофиқатии молро исбот менамояд». Аммо дар амал чунин тафтишот аксар вақт ба он оварда мерасонад, ки аллакай дар марҳилаи танзими тосудии баҳс харидор бо номураттабии ин раванд рӯ ба рӯ шуда истода, ноилоҷ мемонад ва аз талаботи худ даст мекашад, ё судҳо далелҳои аз ҷониби харидор пешниҳодшударо нокифоя ҳисобида, шикояти онҳоро қонеъ намегардонанд. Дар натиҷа истеҳсолкунандагон ва фурӯшандагон бе ҷазо мондани худро ҳис карда, кӯшиши беҳтар намудани молҳои худро намекунанд [158, с. 68].

Ҳамин тариқ, қобили қабул меҳисобем, ки агар талабот ва тартиби қабули мол аз рӯи сифат бо қонунгузорӣ пешбинӣ нашуда бошад, пас тарафҳо ҳатман бояд дар шартномаи аз ҷониби онҳо басташаванда тартиби қабули молро аз рӯи сифат муайян намоянд. Вобаста ба ин, пешниҳод менамоем, ки қисми 2 моддаи 542 КМ ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «Агар бо тартиби муқаррааргардидаи қисми 1 моддаи мазкур шартҳои тафтиши сифати мол пешбинӣ нашуда бошанд, пас тартиби сифати мол бояд бо шартномаи хариду фурӯш пешбинӣ шавад.

Нархи мол, «..дар баробари ин, чуноне ки дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд гардидааст, ягон шартномаи пулакӣ бе шартҳо дар бораи нарх анҷом ёфта наметавонад, чунки нарх шарти зарурист, ки барои чунин намуди шартнома аҳаммияти калон дорад» [110, с. 112]. Дар баробари ин, ба назар гирифтан зарур аст, ки нархи мол бевосита ба сифати он вобаста аст, чунки инъикосгари хусусиятҳои сифатии мол ба ҳисоб меравад. Мутаносибан, тарафҳои шартнома ҳангоми бастани шартнома ин алоқамандиро бояд ба назар гиранд.

Азбаски ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯш тарафҳо ҳуқуқи мустақилона муқаррар кардани талабот ба сифати молро доранд, аз ин рӯ, онҳо оид ба додани моли дорои сатҳи муайяни сифат бо нархи дахлдор ба мувофиқа расида метавонанд.

Қайд намудан зарур аст, ки мувофиқатии оқилонаи нарх ва сифати мол ҳангоми бастани шартнома муҳим аст. Аммо дар амал на ҳама вақт ин меъёр риоя мегардад. Монеаҳо бо нарх ва сифати мол алоқаманд аксар вақт дар раванди бастани шартнома дар бораи таҳвили мол барои эҳтиёҷоти давлатӣ зоҳир мегардад.

Тибқи қонунгузории амалкунанда ғолиби тендер шахсе ба ҳисоб меравад, ки нархномаи дорои арзиши камтаринро пешниҳод намуда бошад. Аз ҷумла тибқи қисми 4 моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» аз 3 марти соли 2006 қарор дар хусуси бастани қарордоди харид ба манфиати он молрасоне (пудратчие) қабул карда мешавад, ки нархномаи дорои арзиши камтаринро пешниҳод кардааст ва эҳтиёҷи ташкилоти харидорро қонеъ мегардонад. Тибқи сархати 2 банди «а» қисми 7 моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» дархости тендерӣ ё нархнома бо нархи пасттарин ҳамчун дархости тендерии ғолиб ҳисобида мешавад.

Ҳамин тариқ, тибқи қонунгузории амалкунанда савдо, дархости нархмонӣ ва усулҳои дигаре, ки ба бастани шартномаи таҳвили мол барои эҳтиёҷоти давлатӣ оварда мерасонанд, он таҳвилгаронеро ошкор мекунанд, ки бояд нархномаи дорои арзиши камтаринро пешниҳод кунанд. Мутаносибан Л. В. Андреева дуруст эрод гирифтааст, ки ҳангоми интихоби таҳвилгарони мол барои эҳтиёҷоти давлатӣ ба онҳо талабот дар бораи таҳвили моли дорои сифати зарурӣ мумкин аст ҳатто пешниҳод карда нашавад [108, с. 8].

Қайд намудан зарур аст, ки таҳвилгарони дар тендер ғолибомада уҳдадориҳои ба зимма гирифтаи худро ба таври номатлуб иҷро мекунанд, махсусан, дар масъалаи таҳвили моли босифат. Мушкилот аз он иборат аст,

ки ташкилотҳои харидор маҷбур ҳастанд, ки бо чунин ғолибон шартнома банданд.

Ҳамин тариқ, меъёри аз ҷониби қонунгузор пешбинишудаи эътирофи ғолиби тендер иштирокчие, ки нархи аз ҳама пастро пешниҳод намудааст, ин як камбудии назаррас дар қонунгузорӣ, махсусан, дар соҳаи таъмини сифати мол ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, мувофиқи мақсад меҳисобем, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» тағйирот ворид карда шаванд. Аз ҷумла, пешниҳод менамоем:

1) қисми 4 моддаи 27 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

4. «Қарор дар хусуси бастани қарордоди харид ба манфиати он молрасоне (пудратчие) қабул карда мешавад, ки нархномаи дорои арзиши камтарин ва моли босифатеро, ки эҳтиёҷоти ташкилоти харидорро қонеъ менамояд, пешниҳод кардааст»;

2) сархати дуюми банди «а» қисми 7 моддаи 42 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

« - дархости тендерӣ ё нархнома бо нархи пасттарин ва моли босифат;».

Зарф ва борпеч. Азбаски яке аз таъиноти асосии зарф ва борпеч ин таъмини нигоҳдории босифати мол ҳангоми ҳамлу нақл ва нигаҳдошт ба ҳисоб меравад, аз ин рӯ, маҳз ба шарофати зарф ва борпеч нигоҳдории сифати мол дар раванди ҳамлу нақл, нигаҳдошт ва фурӯш таъмин карда мешавад.

Чунон ки Е. И. Тавер қайд мекунад, «дар шартнома ақаллан бо роҳи истинод ба стандартҳо муқаррар кардани талабот ба зарф, борпеч, пеш аз ҳама барои таъмини нигоҳдории сифати мол зарур аст» [160, с. 22].

Ҳамин тариқ, ҳангоми бастани шартнома дар он муайян намудани шарти зарф ва (ё) борпечкунӣ ин кафолати иҷрои дурусти шарти шартномавӣ дар бораи сифати мол хоҳад буд, ки имкон медиҳад сифати мол нигоҳ дошта шавад.

Бояд тазаккур диҳем, қонунгузорӣ тибқи дархости муштарӣ уҳдадориҳои соҳиби молро оид ба дар борқуттӣ ё дар шакли борпеч манзур

намудани мол, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки мол дар асоси хусусиятҳои худ дар зарф ё борпеч карданро талаб намекунад, пешбинӣ кардааст [КМ ҶТ, 517]. Агар бо шартнома далабот дар бобати дар зарф ва ё борпеч манзур намудани мол муқаррар нагаша бошад, пас молро ба тарзи маъмулии дар зарф ё борпч кардан ба харидор пешниҳод кардан лозим аст. Дар мавриди набудани чунин шарт ҷонибҳо доир ба усули нигоҳ доштани мол дар муҳити маъмулӣ ва боркашонӣ ба мувофиқа меоянд. Таъкид кардан муҳим аст, ки фурӯшандаи соҳибкор бояд талаботи ҳатмиро (дар сурати мавҷуд будан) молро дар зарф ва ё дар шакли борпеч дар заминаи талаботи қонунгузорӣ бояд ба харидор пешниҳод намояд. Ҳамон тавр, ки  дар стандартҳои давлатӣ талаботи ҳатмӣ ба зарф ё борпеч, ки ба таъмини бехатарии ҳаёт, беҳдошти сиҳати шаҳрвандон ва ҳифзи муҳити зист нигаронида шудаанд, қобили фаро гирифтан аст.

Қайд намудан зарур аст, ки ҳар ду тарафи шартномаи хариду фурӯш ба борпечкунии дуруст манфиатдор ҳастанд [133, с. 264]. Дар аксарияти ҳолатҳо тарафҳои шартномаи хариду фурӯш талабот ба зарф ва борпечкуниро бо кумаки стандартҳои байнидавлатӣ ва миллӣ ва шартҳои техникӣ бо истинод ба онҳо дар шартнома муқаррар мекунанд. Илова бар ин, дар мавриди ба талаботи шартҳои ба шартномаи бамувофиқарасида ҷавбгӯ будани сифати зарф ё борпеч, номувофиқатии ба миён омада тибқи талаботи стандарти давлатӣ барои номатлуб ҳисобидани зарф ё борпеч асос шуда наметавонад [141, с. 120].

Тамғагузории мол. Чунон ки қайд намуда будем, дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ нақши маълумот дар бораи мол меафзояд, чунки барои харидор бо сабаби гуногунрангӣ ва нав будани мол ба он сарфаҳм рафтан ва интихоби дуруст кардан мушкил аст. Дар робита ба ин, дар асоси маълумоти боэътимод ва пурра харидор метавонад молеро интихоб намояд, ки дорои сифатҳои дахлдор аст.

Дар аксар ҳолатҳо маълумот дар бораи мол ба харидор бо кумаки тамғагузорӣ расонида мешавад [112]. Мутаносибан, дохил кардани шартҳои

тамғагузории мол дар шартномаи хариду фурӯш аҳаммияти калони амалӣ дорад [34, с. 121-123].

Қайд намудан зарур аст, ки маълумот дар бораи мол аз ҷониби истеҳсолкунанда (фурӯшанда) бевосита ба мол, зарф, ҳуҷҷатҳои моли ҳамроҳшаванда, тамғакоғаз, варақаи замима, нархнома, чекҳои мол ва касса ва ғайра тамғагузорӣ мешавад [114]. Азбаски тамғагузории хуб фикркардашуда ва пурмазмун боварирo ба сифати мол аз ҷониби харидорон баланд мебардорад [141, с. 121-123], тарафҳои шартнома имкон доранд, ки дар шартнома оид ба тартиб, усули тамғагузорӣ ва мундариҷаи он ба мувофиқа расонанд. Инчунин, бо сабаби он ки мундариҷа ва усулҳои тамғагузорӣ барои ҳар як намуди мол дар стандартҳои давлатӣ ё регламентҳои техникӣ нишон дода мешаванд [112], аз ин рӯ, дар раванди бамувофиқарасии шартҳои тамғагузорӣ тарафҳои шартномаи хариду фурӯш стандартҳои давлатӣ ва регламентҳои техникиро истифода бурда метавонанд [141, с. 122-123]. Масалан, дар бандҳои 52-57 Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Бехатарии бозичаҳо» аз 23 августи соли 2016 [30] тартиби тамғагузории бозичаҳо танзим карда мешавад: боби 7 Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Бехатарии борпеч» аз 1 августи соли 2016 талабот ба тамғагузории борпечро дар бар мегирад; боби 12 Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Бехатарии гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ» аз 30 апрели соли 2016 [34] ба тартиби тамғагузории маҳсулоти қассобӣ ва маҳсулоти гӯштӣ, дахл мекунад: талабот ба тамғагузории зарф, ки газҳои моеи карбогидрад дорад, дар Замимаи Д ба Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд: Бехатарии амнияти газҳои карбогидрад аз 4 марти соли 2015 [32], боби 4 Регламенти техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Бехатарии мавод ва маснуоти сохтмонӣ» аз 30 майи соли 2014 [34] талабот ба тамғагузории маводу маснуоти сохтмониро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегиранд.

Дар баробари ин, азбаски аз рӯи шартномаи хариду фурӯш дар муқоиса бо талаботи ҳатмӣ қоидаҳои баланди тамғагузорӣ муқаррар шуда

метавонанд, тарафҳои шартномаи хариду фурӯш метавонанд илова ба стандартҳои давлатӣ ва регламенти техникӣ талаботи тамғагузории иловагӣ муқаррар кунанд. Дар баробари ин, ҳангоми бастани шартнома тарафҳо бояд тартиби хароҷоти бо тамғагузории мол алоқамандаро байни худ тақсим намоянд. Дар марҳилаи тамғагузорӣ чунин хароҷотро одатан, фурӯшанда ба зиммаи худ мегирад. Лекин баъдан ин хароҷот ба нархи шартнома дохил карда мешаванд [141, с. 122-123].

Оқибатҳои ҳуқуқӣ барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадории фурӯшанда марбут ба бегона кардани моли босифат. Азбаски ҷавобгарии шартномавӣ бо сабаби иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо аз рӯи шартнома оғоз мегардад, ҳангоми бастани шартнома тарафҳо ҳуқуқ доранд, ки на танҳо ҷавобгариро нисбат ба ҷавобгарии бо қонун муқаррар кардашуда баланд бардоранд ё ҳаҷми онро паст кунанд (агар масъулият бо меъёри диспозитивӣ муайян карда шуда бошад), балки чораҳои ҷавобгариро барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои шартномавӣ илова бар уҳдадориҳои бо қонун муқарраргардида муқаррар намоянд [47, с. 628].

Тибқи қисми 5 моддаи 543 КМ ҶТ харидор метавонад аз фурӯшанда бартараф намудани норасоиҳои молро ройгон, дар мухлатҳои мувофиқ талаб намояд. Лекин дар КМ ҶТ мафҳуми «мухлати мувофиқ» вуҷуд надорад. Дар робита ба ин, ҳангоми ба фурӯшанда пешниҳод кардани талабот ба ройгон бартараф намудани норасоиҳои мол дар мухлатҳои мувофиқ дарки давомнокии мухлатҳои мувофиқ аз ҷониби тарафҳои шартнома фарқ мекунад. Ҳамин тариқ, барои пешгирии ба миён омадани вазъияти эҳтимолии баҳснок дар марҳилаи бастани шартнома тарафҳо бояд мухлати мушаххаси ба таври ройгон бартараф намудани норасоиҳои молро мувофиқа кунанд.

Ба ғайр аз ин, тибқи талаботи қисми якуми моддаи 543 КМ ҶТ харидор метавонад аз фурӯшанда доир ба ҷуброни хисорот ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо даъво пешниҳод намояд. Ба ин тариқа, дар ҳолати муайян гардидани нуқсонҳои дар мол мавҷуда харидор ҳуқуқ дорад ба таври

мустақилона камбудиҳоро бартараф созад ва ва аз фурӯшанда ҷуброни хароҷотро вобаста ба рафъи норасоиҳои мол талаб кунад. Лекин дар ин замина ба назар гирифтан зарур аст, ки дар баъзе ҳолатҳо истеҳсолкунандагони мол дар шартнома, қоидаҳои истифодаи мол ё ҳуҷҷати дигари техникии мол ба сифати яке аз шартҳои кафолати мол муайян менамоянд, ки ворид намудани ҳама гуна тағйироти техникӣ ба мол, такмил, таъмир ва амалҳои дигареро, ки харидор дар давраи кафолат бе розигии таҳвилгар анҷом медиҳанд, кафолати амалкунандаро бекор мекунад. Аз ин рӯ, ҳангоми бастани шартнома дуруст мебуд, агар дар матни шартнома чунин шарт нишон дода шавад, ки агар фурӯшанда бо дархости харидор дар муҳлати дар шартнома пешбинишуда норасоиҳои молро бартараф накунад, пас харидор ҳуқуқ дорад, ки мустақилона ё бо ҷалби тарафи сеюм аз ҳисоби фурӯшанда бе зарар расонидан ба ҳуқуқҳои худ ба кафолат норасоиҳои ошкоргардидаро бартараф намояд.

Дар баробари ин, қонунгузорӣ муҳлати махсуси аз ҷониби фурӯшанда иҷро гардидани талаботи харидор ба ҷуброни хароҷот барои бартараф кардани норасоиҳои молро пешбинӣ намекунад. Дар робита ба ин, нишон додани ин муҳлат дар шартнома мувофиқи мақсад ҳисобида мешавад.

## 2.2. Шартҳо оид ба сифати мол дар раванди иҷрои шартномаи хариду фурӯш

Шартнома бо мақсади он баста мешавад, то ин ки иҷро гардад. Дар навбати худ, дар марҳилаи иҷрои шартнома тарафҳо ҳуқуқу уҳудадориҳои худро, ки дар марҳилаи бастани шартнома ифода мегарданд, иҷро мекунанд. Аз ин рӯ, иҷрои шартнома марҳилаи асосии ҷараёни рушди муносибатҳои ҳатмӣ ба ҳисоб меравад ва ба натиҷаи ҳуқуқӣ, яъне қатъи уҳдадориҳо аз рӯи шартнома равона гардидааст [108, с. 60].

Иҷрои дурусти шарти сифати мол дар марҳилаи иҷрои шартнома бо роҳҳои зерин таъмин карда мешавад: 1) санҷиши дурусти мутобиқатии

сифати мол ба талаботи дар шартнома муқарраргардида; 2) кафолати сифати мол; 3) амалисозии дурусти қабули мол аз рӯи сифат.

Ҳар яке аз онҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ менамоем.

Тасдиқи мутобиқат. Ҳангоми иҷрои шартнома мутобиқати сифати мол ба талаботи аз ҷониби тарафҳои шартнома муқарраргардида бояд санҷида шавад.

Барои баҳогузории мутобиқати сифати мол чунин воситаҳои ҳуқуқӣ, аз қабили тасдиқи мутобиқат истифода мешавад [191, с. 103]. «Тасдиқи мутобиқат – ин воситаи иқтисодиёти бозоргонӣ аст. Мавҷудияти истеҳсолкунанда (фурӯшанда) ва харидори аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ мустақил ба миён омадани шахси сеюмро имконпазир мегардонад, ки ҳангоми баҳогузории сифати мол вазифаи миёнаравро ба зиммаи худ мегирад» [80, с. 58].

Мафҳуми тасдиқи мутобиқатро сархати 11 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ» [18] аз 19 майи соли 2009 дар бар мегирад, ки тибқи он тасдиқи мутобиқат ин гувоҳии далелноке мебошад, ки ба қарори пас аз санҷиш қабулшуда дар хусуси он, ки иҷрои талаботи додашуда исбот гардидаанд, асос меёбад.

Истилоҳи «тасдиқи мутобиқат» истилоҳи барои илми ҳуқуқшиносӣ нисбатан нав аст [80, с. 57]. Панова, А.С  чунин андеша намудааст, ки «...тасдиқи мутобиқат ҳамчун шакли махсуси фаъолияти техникӣ-иқтисодӣ, идоракунӣ ин маҷмуи амал ва амалиётҳои ба ҳам алоқаманд ва мақсадноке мебошад, ки бо муқарраркунииии мутобиқати объект (мол) ба талаботи санҷидашаванда алоқаманд аст» [145, с. 125]. Мазуркевич Г.К ба чунин назар аст, ки  «...тасдиқи мутобиқат дар ниҳояти кор мақсади ягона дорад – бовар кунонидани харидорон, ки нишондиҳандаҳои онҳо ба ҳуҷҷатҳои аз ҷониби истеҳсолкунанда, фурӯшанда ё иҷрокунанда нишондодашуда мутобиқат мекунанд» [191, с. 19]. «.Ба ибораи дигар, тасдиқи мутобиқат ин фаъолиятест, ки дар натиҷаи он ариза ба миён омадааст, ки дар асоси он ба талаботи муқарраршуда мутобиқ будани мол боварӣ пайдо мешавад» [80, с.

8]. Волков А.В. чунин мешуморад, ки «...ҳамин тарик, тасдиқи мутобиқат ин тасдиқи бо ҳуҷҷат асоснокшудаи мутобиқати мол ба талаботи регламенти техникӣ, муқаррароти стандартҳо ё шартҳои шартнома мебошад» [177, с. 117-118].

Аз тарафи ҷонибҳо тасдиқ гардидани мувофиқати мол ба сифати муқарраршуда аз ҷумлаи шартҳои муҳими арзёбӣ маҳсуб меёбад [186, с. 122]. Ин ҷиҳат дар сархати аввали моддаи якуми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «...Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» (аз 02.08.2011) [16] баҳодиҳии мутобиқат ҳамчун шакли фаъолият ҷиҳати муайян сохтани мутобиқати объектҳои баҳодиҳӣ ба талаботи регламенти техникӣ ва асноди марбут ба стандартонӣ, ки санҷиш, назорат, сертификатсия ва аккредитатсия фарогир аст, инъикос гардидааст.

Тибқи қисми 1 моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат ҳадафҳои асосии арзёбии мутобиқат инҳо маҳсуб мешаванд: 1) таъмини ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон, молу мулк ва ҳифзи муҳити зист; 2) тавсеаи рақобатпазирии маҳсулот, коркард ва хизматрасониҳо; 3) ба вуҷуд овардани шароитҳои мусоид доир ба таъмини ҳаракати озоди молу маҳсулот, коркард ва хизматрасонӣ барои пешниҳод ба бозорҳои дохилӣ ва ҷиҳати ширкат дар ҳамкориҳои судманди байналмилалии иқтисодӣ, илмию техникӣ ва савдои байналмилалӣ» [191, с. 103].

Тасдиқи мутобиқат дар шакли сертификатсия ва декларатсия оид ба мутобиқат амалӣ мешавад. Дар асоси қонуни мазкур сертификатсия шакли тасдиқшудаи мутобиқат ба талаботи регламентҳои техингӣ ва дигар асноди меъёрии соҳаи стандартонӣ мебошад, ки он аз ҷониби мақомоти аккредитатсияшуда дар самти сертификатсия амалӣ карда мешавад (сархати 13-ум, моддаи якум) [16] Дар навбати худ, низоми сертификатсияи ҳатмӣ ва ихтиёриро фарқ кардан зарур аст [193, с. 18]. Аз ҷумла, тибқи қисми 3 моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳогузории мутобиқат» сертификатсия метавонад ҳатмӣ ё ихтиёрӣ бошад.

Тибқи қисми 1 моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» сертификатсияи ҳатмӣ нисбат ба объектҳои баҳодиҳии мутобиқат, ки ба номгӯи маҳсулот, кор ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатман сертификатсияшаванда ворид карда шудаанд, инчунин нисбат ба дигар объектҳои баҳодиҳии мутобиқат амалӣ карда мешавад. Айни замон номгӯи молҳо, ки мутобиқати сифати онҳо ба таври ҳатмӣ бояд тасдиқ карда шавад (сертификатсия) дар Номгӯи молҳо (кор, хизматрасонӣ), ки бояд ба таври ҳатмӣ сертификатсия шаванд, муайян карда шудаанд [16].

Қисми 2 моддаи 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» чунин маъно дорад, ки фурӯшанда (истеҳсолкунанда) молеро, ки бояд ҳатман сертификатсия намояд, дар сурати набудани сертификати мутобиқат ба чунин мол фурӯхта наметавонад

Қайд намудан зарур аст, ки аз қисми 2 моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» чунин бармеояд, ки сертификатсияи ихтиёриро мақомоти аккредитатсияшуда оид ба сертификатсия бо ташаббуси дархосткунандагони сертификатсия дар асоси шартнома ё дархост амалӣ менамояд. Дар баробари ин, сертификатсияи ихтиёрии мол, ки бояд ҳатман сертификатсия карда шаванд, сертификатсияи ҳатмии чунин намуди молро иваз карда наметавонад. Лекин моле, ки аз сертификатсияи ҳатмӣ гузаштааст, дар доираи сертификатсияи ихтиёрӣ мумкин аст санҷида шавад [191, с. 133].

Ба ғайр аз сертификатсия шакли нави тасдиқи мутобиқат – декларатсиякунонии мол низ мавҷуд мебошад [186]. Қайд намудан зарур аст, ки сертификатсия ба мисли декларатсиякунонии мутобиқат дар бобати ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунанда аз молу маҳсулоти пастсифат нигаронида шудааст [191, с. 106]. Ҳамчунин бар хилофи сертификатсия декларатсияи мутобиқат намуди тасдиқгардидаи мутобиқат маҳсуб мшавад, ки он аз тарафи истеҳсолкунанда (соҳибкор ё фурӯшанда) татбиқ карда мешавад [16].

Якҷоя бо мол фурӯшанда уҳдадор аст, ки ҳуҷҷатҳои дахлдорро низ супорад [133, с. 46]. Ҳуҷҷате, ки дар он истеҳсолкунанда ё фурӯшанда мутобиқати маҳсулоти истеҳсолшаванда ё фурӯхташавандаи худро ба талаботи регламентҳои техникӣ ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартонӣ тасдиқ мекунад ва ҳуҷҷатҳои соҳаи стандартонӣ декларатсия оид ба мутобиқат номида мешаванд (сархати 19 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат») [131, с. 18]. Дар ин замина, қайд намудан зарур аст, ки бе рақами бақайдгирӣ ҳуҷҷатҳое, ки мутобиқати сифати молро тасдиқ мекунанд, беэътибор дониста мешаванд. Дар робита ба ин, ба амалигардонии декларатсиякунонии мутобиқат бевосита, аз ҷониби худи истеҳсолкунанда ё фурӯшанда нигоҳ накарда, қонунгузор дар қисми 2 моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «...дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» муқаррар намудааст, ки декларатсия оид ба мутобиқат дар мақомоти аккредитатсияшуда оид ба сертификатсия дар асоси талаботи системаи сертификатсия ба қайд гирифта мешавад. Айни замон, бақайдгирии декларатсияҳо оид ба мутобиқат дар ҳудуди Тоҷикистон тибқи Тартиби бақайдгирии декларатсия оид ба мутобиқат, инчунин номгӯи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда барои бақайдгирии декларатсия аз 16 марти соли 2015» [39] анҷом дода мешавад.

Кафолати сифати мол. «Ҳуқуқи харидор ба сифат на танҳо ба харидор додани моли босифат, балки кафолати нигоҳдории мол дар ҳолати кориро пешгӯӣ менамояд» [131, с. 151].

Кафолати сифати мол «..яке аз усулҳои аз ҷониби фурӯшанда (истеҳсолкунанда) гирифтани уҳдадорӣ оид ба бартараф кардани норасоиҳои мол бо сабаби бесифатии он ё оқибатҳои дигари манфии бо он алоқаманд мебошад. Азбаски кафолати сифати мол ба сифати уҳдадории кафолатӣ дар марҳилаи иҷрои шартномаи хариду фурӯш ба миён меояд – одатан, ҳангоми додани мол» [177, с. 41-43], аз ин рӯ, дар заминаи таҳқиқоти гузаронидашаванда масъалаи кафолати сифати мол аҳаммияти махсус дорад. Кафолати сифати мол яке аз намудҳои таъмини уҳдадории фурӯшанда оид ба

пешниҳоди моли босифати бо шартномаи хариду фурӯш пешбинишуда мебошад [82, с. 111]. Дар баробари ин, кафолати сифати мол ин уҳдадориест, ки аз рӯи он фурӯшанда уҳдадор мешавад, ки камбудиҳои дар маснуот ошкоршударо бартараф намояд ё моли бесифатро иваз кунад [186, с. 133-134].

Дар қонунгузорӣ ду навъи кафолатро фарқ мекунанд: а) кафолати шартномавӣ; б) кафолати қонунии сифати мол. Масалан, дар КМ ҶТ роҳҳои муайян намудани сифати мол ба тарзи зайл сурат мегирад: 1) тавссути кафолати шартномавӣ, ки он дар шакли муҳлати кафолат дар ин ҳуҷҷат пешниҳод шудааст; 2) кафолати қонунӣ, ки дар намуди муҳлати мувофиқ таъин шуда, дар давоми он мол бояд ҷиҳати таъмини ҳадафҳое, ки он мол истифода мешавад, коршоям буданаш ҳатмист [5].

Моҳияти кафолати шартномавии сифати мол аз он иборат аст, ки фурӯшанда уҳдадор аст ба харидор моли ба талабот нисбат ба сифати он ҷавобгӯро дар давоми муҳлати дар шартнома муқарраргардида (муҳлати кафолат) диҳад. Дар навбати худ, кафолати қонунии сифати мол ин зарурати мутобиқати мол ба талабот нисбат ба сифати он дар лаҳзаи додани он ба фурӯшанда пешниҳодшуда ва дар муҳлатҳои мувофиқ мебошад (яъне, он бояд барои мақсадҳое, ки барои он ин намуди мол истифода мешавад, коршоям бошад) [186, с. 135].

Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки «агар дар шартномаи хариду фурӯш фурӯшанда ба харидор пешниҳод намудани кафолати сифати молро муайян карда бошад, пас фурӯшанда уҳдадор мебошад, ки ба харидор молеро диҳад, ки он ба талаботи шартномаи басташуда оид ба муҳлати кафолат низ мувофиқат намояд (қисми 2-юми моддаи 540)» [6].

Қайд намудан зарур аст, ки қисми таркибии кафолати сифати мол ин муҳлати кафолат ба ҳисоб меравад. Дар ҳуқуқшиносӣ муносибатҳои гуногуни ифодаи мафҳуми муҳлати кафолат мавҷуд аст.

Баъзе олимон мухлати кафолатро бо хусусияти техникии мол шабоҳат медиҳанд. Масалан, Н. А. Яхнина чунин меҳисобад, ки «…ҳангоми муайян кардани мафҳуми муҳлати кафолат ҳамчун институти ҳуқуқӣ ҳаминро ба асос гирифтан зарур аст, ки муҳлати кафолат ифодаи ҳуқуқии мушкилоти калони техникӣ – мушкилоти боэътимодӣ ва дарозумрии маҳсулоти саноатии баровардашаванда мебошад ва моҳиятан кафолати истеҳсолкунандаро ба кори боэътимод, устувории сифати он ифода мекунад. Муҳлати кафолат бояд бо боэътимодии маснуот, ки яке аз хусусиятҳои техникии он ба ҳисоб меравад, алоқаманд боша» [171, с. 94].

Гурӯҳи муайяни олимон муҳлати кафолатро ба сифати шароите, ки босифатии мол ба он вобаста аст, баррасӣ менамоянд. Масалан, О. С. Иоффе муайян мекунад, ки «…муҳлати кафолат ин муҳлатест, ки дар давоми он ба харидор кори муътадили маснуоти додашуда дар сурати нигаҳдошт ва истифодаи дурусти он кафолат дода мешавад» [67, с. 51]. В. С. Шелестов чунин меҳисобад, ки «..муҳлати кафолат ин давраи вақтест, ки дар давоми он истеҳсолкунанда дар сурати низому шароити муайяни истифода кори боэътимоди маснуоти техникиро таъмин менамояд» [167, с. 44]. Л.Г. Куклин муайян мекунад, ки «…муҳлати кафолат ин муҳлатест, ки дар давоми он маҳсулот бояд хусусиятҳои дар ҳуҷҷатҳои меъёриву техникӣ пешбинишударо нигоҳ дорад» [135, с. 278]. И.Н. Петров муносибатҳои гуногунро ба ифодаи муҳлати кафолат таҳлил намуда, қайд мекунад, ки кафолати босифатии маснуот дар давоми муҳлати кафолат уҳдадории таҳвилгар аст. Ҳуқуқи харидор ба муқаррар кардани норасоиҳои мол дар ҳамон давраи муайян ба уҳдадории фурӯшанда оид ба муҳлати кафолат мутобиқ мекунад. Зимнан, ба фикри муаллиф, уҳдадории истеҳсолкунанда аввалия, ҳуқуқҳои харидор дуюмдараҷа ва аз уҳдадориҳо ҳосилшуда мебошанд. «…Ба сифати асос варианти ифодаи мафҳуми муҳлати кафолат ба сифати шарти сифати маснуот, ки аз рӯи он истеҳсолкунанда (таҳвилгар) мутобиқати сифати молро ба талаботи ГОСТ, шартҳои техникӣ ё шартнома

дар давоми вақти муайян кафолат медиҳад, пешниҳод карда мешавад» [83, с. 80-81].

Як қатор олимон муҳлати кафолатро ҳамчун навъи муҳлатҳои пешгирикунанда ифода мекунанд. Масалан, ба фикри М. А. Гурвич муҳлати кафолат ин қисми таркибии уҳдадорист, ки хусусияти равшан ифодагардидаи моддиву ҳуқуқӣ дорад. Яке аз шартҳои уҳдадории кафолатро муайянкунанда ба ҳисоб рафта, он ба талаботи муайяни устувору амалӣ ва имконияти таъмини манфиати хоҷагидорӣ мутобиқат мекунад. Дар баробари ин, муаллиф мувофиқи мақсад будани муқарраркунини ду муҳлати гуногунро дар доираи муҳлати кафолат қайд мекунад: яке пешгирикунанда, ки имконияти хабар кардан дар бораи ошкор шудани камбудиҳои моли ба харидор фурӯхташударо аз ҷиҳати вақт маҳдуд месозад ва дигар – куҳна ё дер будан барои пешниҳоди талабот ба камбудиҳо [121, с. 53-56]. Ба фикри М. Я. Кириллова, муҳлати кафолат сифати баланди мол, дурустии он ва муътадилии кори онро дар раванди истифода мефаҳмонад. Ҳамзамон, ин чунин маъно дорад, ки харидор ҳангоми ошкор кардани камбудиҳо дар ашёи харидашуда ҳуқуқ дорад дуруст кардани онро ройгон ё иваз намудани онро ба моли босифат ё баргардони мол ва гирифтани нархи онро талаб намояд [71, с. 155].

Дар илми ҳуқуқ баъзе олимон муҳлати кафолатро бо муҳлатҳое алоқаманд мекунанд, ки дар давоми он харидор ҳуқуқ дорад оид ба камбудиҳои мол арз намояд. Масалан, Е. Шешенин қайд мекунад, ки «..агар барои ашёе, ки тавассути ташкилотҳои чакана фурӯхта мешаванд, муҳлати кафолат муқаррар карда шуда бошад, харидор дар давоми муҳлати кафолат метавонад оид ба камбудии моли фурӯхташуда арз намояд ва рафъ намудан ё иваз кардан ё баргардонидани он ва гирифтани пулро талаб намояд» [168, с. 20]. В.Ф. Яковлева муҳлати кафолатро ҳамчун муҳлат барои муқаррар кардани камбудиҳои маҳсулоти интиқолдодашуда муайян мекунад [105, с. 162]. Х.Э. Бахчисарайтсев муҳлати кафолатро ҳамчун муҳлати муайянкардашуда (тамдидкардашуда) барои ошкор кардани камбудиҳои

пӯшидаи моли харидашуда, ки ба оқибати ҳуқуқӣ боис мешаванд, баррасӣ менамояд [110, с. 114].

Ба фикри мо, муҳлати кафолат аз рӯи хосияти худ якранг нест. Чунон ки М.Н. Семякин дуруст мушоҳида намудааст, муҳлати кафолат аз як тараф боэътимодӣ, муътадилии кори молро дар давоми вақти муайян ва хусусиятҳои дигаре, ки сифати молро инъикос менамоянд, ифода менамояд, аз тарафи дигар, маҳз ба таъмини (кафолати) сифати мол равона гардидааст, ки бо омили ба истеҳсолкунанда вогузор намудани оқибатҳои номусоид дар сурати вайрон кардани он алоқаманд аст [93, с. 77].

Қайд намудан зарур аст, ки дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон мафҳуми муҳлати кафолат фақат дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «..Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» муқаррар гардидааст. Чунончи, дар ин санад омадааст, ки муҳлати кафолат муҳлати тақвимӣ (ба ҳисоби моҳ) ё кор (ба ҳисоби соат, давраи хизматрасонӣ, километраж ва амсоли инҳо) мебошад, ки дар ин вақти таъиншуда (натиҷаи кор, хизматрасонӣ) бояд ба тамоми талаботи дар қонунгузорӣ таъиншуда мувофиқат намояд (сархати 9, моддаи 1)» [23].

Бояд зикр кард, ки кафолатҳои сифати мол, ки дар шартнома дарҷ ёфтаанд, муқаррарот оид ба хусусияти муайяни сифати мол ба воситаи тавсифи мол, намунаи замимашудаи мол ва ё ваъдаи доро будан ба чунин сифатро дар бар мегирад. Дар ҳолати дарҷ нашудани чунин шарт дар созишномаи ҷонибҳо кафолати коршоямии мол ҷиҳати фурӯхтан ва кафолати мутобиқати моли бо нияти муайян дастрасшаванда бо ифода наёфтани он дар шартнома воридкардашуда маҳсуб меёбад, бо шарте ки харидор ба фурӯшанда дар бораи таъини махсуси мол иттилоъ диҳад ё ба таҷрибаи фурӯшанда ҳангоми интихоби мол такя намояд. Дар навбати худ, муҳлати кафолат ҳудудҳои вақтии мавҷудияти кафолати сифати молро муайян мекунад. Мутаносибан, муҳлати кафолат ин вақти амал кардани уҳдадории кафолат оид ба таъмини сифати мол аст [177, с. 49]. Дар давоми муҳлати кафолат истеҳсолкунанда (фурӯшанда) истифодаи молро аз ҷониби харидор

бе ягон арз кафолат медиҳад [164, с. 215], инчунин, хизматрасонии махсус ва имтиёзноки техникиро анҷом медиҳад [177, с. 49].

Дар сурати ошкор кардани камбудиҳои моли фурӯхташуда дар давоми муҳлати кафолат қонеъгардонии шикояти асосноккардашудаи харидор бо чораҳои давлатии маҷбурӣ, пеш аз ҳама, муҷозоти ҳуқуқӣ-маданӣ таъмин карда мешавад [164, с. 215]. Мутаносибан, дар давоми муҳлати кафолат камбудиҳое муқаррар карда мешаванд, ки ҷавобгарии кафолатро тавлид мекунанд.

Азбаски қонунгузорӣ муҳлати амали кафолатҳои шартномавиро пешбинӣ намекунад, тарафҳо дар муқаррар кардани ҳама гуна муҳлат, ки бо созишномаи онҳо мувофиқ аст, озод мебошанд. Дар робита ба ин, давра, вақт ё муҳлати кафолат метавонад бо рӯз, моҳ, сол ва дигар воҳидҳои ченак ифода гардад [156, с. 77]. Лекин дар шартномаҳои хариду фурӯши чакана муҳлати кафолат танҳо дар шакли муҳлати тақвимӣ (моҳ) ё кор (соат, гардиши кор, километри гашт ва ғайра) ифода шуда метавонад.

Тартиби ҳисоби муҳлати кафолати шартномавӣ бо қисми 1 моддаи 539 КМ ҶТ пешбинӣ гардидааст, ки тибқи он муҳлати кафолат, агар дар шартномаи хариду фурӯш тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, аз лаҳзаи ба харидор супурдани мол ба ҳисоб гирифта мешавад. Ҳамин тариқ, дар сурати аз ҷониби фурӯшанда ба харидор пешниҳод намудани кафолати шартномавӣ муҳлати кафолат бояд аз лаҳзаи додани мол ба харидор ҳисоб карда шавад, агар бо шартнома лаҳзаи ибтидоии оғози муҳлати кафолат пешбинӣ нашуда бошад. Дар баробари ин, тарафҳои шартнома шартҳои зеринро пешбинӣ карда метавонанд, ки ҳангоми ба миён омадани онҳо ҳисоби муҳлати кафолат оғоз мегардад: аз лаҳзаи таҳвили мол, аз лаҳзаи истеҳсоли мол; аз санаи додани мол ба харидори аввал; аз лаҳзаи аз фурӯшанда гирифтани огоҳиномаи хаттӣ дар бораи омода будани мол барои фиристонидан; аз санаи ба кор андохтани таҷҳизот (мол) барои истифода [164, с. 47-48].

Дар баробари тартиби ҳисоби муҳлати кафолати шартномавӣ дар моддаи 539 КМ ҶТ инчунин, тартиби тамдиди муҳлати кафолат пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, тибқи қисми 2 моддаи 539 КМ ҶТ харидор ба шарте аз ҳуқуқи истифодаи моли дар асоси шартнома ба он муҳлати кафолат муайян шудааст, вобаста ба ҳолатҳои марбут ба фурӯшанда маҳрум гашта бошад, муҳлати кафолат то вақти аз тарафи соҳибмол бартараф нашудани норасоиҳо ҷараён намеёбад, ба он шарт, ки фурӯшанда дар хусуси нуқсонҳои мол бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 153 (қисми якум)-и Кодекси маданӣ огоҳ карда шуда бошад. Ҳамчунин мутобиқи муқаррароти моддаи 551-и (қисми якуми) ҳамин Кодекс харидор низ уҳдадор мебошад, ки тибқи муҳлатҳои таъиннамудаи қонунҳо ё шартномаи хариду фурӯш агар он дар шартнома дарҷ нашуда бошад, дар муҳлатҳои мувофиқи минбаъда, ки чунин ҳолатҳои вайрон кардани ягон шарти шартнома аз рӯйи хусусият ва таъиноти мол бояд ошкор гардад, фурӯшандаро доир ба вазъи ба вуқуъомада дар хусуси теъдод, навъ, сифат, мукаммал будан, дар зарф гирифтан ё борпеч намудан огоҳ намояд.

Ҳамин тариқ, муҳлати кафолат дар сурате тамдид карда мешавад, ки агар харидор бо гуноҳи фурӯшанда имконияти истифода бурдани молро надошта бошад ва ба шарте ки харидор фурӯшандаро оид ба он хабардор карда бошад.

Ба назар гирифтан зарур аст, ки кафолати сифати мол ба мисли уҳдадории кафолат аз рӯи қоидаҳои умумии ҳуқуқи ҳатмӣ, аз ҷумла иҷрои он қатъ мегардад. Уҳдадории кафолат ба таври бояду шояд иҷрогардида ҳисобида мешавад, агар дар давраи муҳлати кафолат дар мол ягон норасоиҳое, ки набудани онҳоро истеҳсолкунанда (фурӯшанда) кафолат дода буд, ошкор нагардад [164, с. 54].

Муҳлати кафолатро аз муҳлати хизмат ва муҳлати коршоямии мол фарқ кардан зарур аст. Дар ин замина, қайд кардан зарур аст, ки азбаски мол якумр истифода шуда наметавонад, дер ё зуд он корношоям мегардад, мутаносибан муқаррар кардани муҳлати хизмат ва коршоямӣ муҳим аст [186, с. 151].

Муҳлати хизмат ва коршоямӣ вазифаи муҳимро иҷро мекунад, ки « ..фурӯши мол баъди гузаштани муҳлати он манъ аст, чунки дар ин сурат, мол барои таъинот корношоям ҳисобида мешавад» [186, с. 152].

Аз ҷумла, санадњои меъёрии њуќуќї пешбинӣ намудааст, ки фурӯхтани мол баъди гузаштани муҳлати муайян намудааст, коршоямиаш ва ҳамчунин моле, ки бояд ба он муҳлати хизмат ё муҳлати коршоямӣ муқаррар карда шавад, вале муқаррар нагардидааст, манъ аст (моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон») [23]. Бояд афзуд, ки «..муҳлати хизматрасонӣ дар асоси сархати 11-и моддаи 1-уми қонуни зикёфта ҳамчун даврае маҳсуб мешавад, ки дар раванди он соҳибкор (фурӯшанда) уҳдадор мешавад, ки ба истеъмолкунанда (харидор) шароити аз рӯйи таъинот ба кор бурдани мол (натиҷаи кор)-ро муҳайё созад ва бехатарии молро барои ҳаёт ва саломатии харидор, инчунин ҷиҳати риояи муҳити зист кафолат медиҳад» [23]. Тоҷикистон «..Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»). Истеҳсолкунанда (иҷрокунанда) уҳдадор аст муҳлати хизмати моли (кори) истифодааш дарозмуддат, аз ҷумла, маснуоти комплектӣ (ҷузъу қисмҳо, агрегатҳо)–ро, ки бо мурури замон барои ҳаёт, саломатии истеъмолкунанда хавфнок шуда, ба амволи ӯ ё ба муҳити зист зарар расонда метавонад, муқаррар намояд. Муҳлати хизмати мол (кор) бо воҳиди вақт ва ҳамчунин, бо воҳидҳои дигари ченак (километр, метр ва ғайра) вобаста ба таъинот ва хусусияти мол ҳисоб карда мешавад (моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»).

Дар заминаи қонуну асноди меъёрии ҳуқуқӣ муҳлате таъин кардан мумкин аст, ки бо гузаштани он мол баро мутобиқи таъиноташ истифода кардан корношоям шинохта шудааст (моддаи 508-и КМ ҶТ). Дар такя ба маълумоти санадҳои меъёрӣ муҳлати коршоямӣ марҳалаест, ки баъди гузаштанаш мол барои истифода бурдан аз рӯйи таъиноти муқараргашта корношоям ҳисобида мешавад (сархати 10, моддаи 1-уми Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон)».

Дар моддаи 7-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» қонунгузор номгӯи молҳоеро, ки ба онҳо ҳатман муҳлати коршоямӣ гузоштан зарур аст, номбар мекунад. Ба чунин молҳо маҳсулоти озуқа, ороишиву атриёт, доруворӣ, молҳои кимиёвӣ, рӯзгор ва ба дигар молҳои ҳаммонанд дохил мешаванд.

Чунон ки қайд гардида буд, ки «..қонунгузор кафолати шартномавӣ ва қонунии сифати молро фарқ мекунад. Кафолати қонунӣ дар шакли муҳлати мувофиқ пешбинӣ шудааст, ки дар давоми он мол бояд барои мақсадҳое, ки одатан чунин мол истифода мешавад, коршоям бошад. Аз ҷумла, тибқи қисми 1 моддаи 540 КМ ҶТ моле, ки фурӯшанда уҳдадор аст ба харидор диҳад, дар лаҳзаи супоридан ба харидор, агар дар шартномаи хариду фурӯш лаҳзаи дигари муайян кардани мутобиқати молҳо ба ин талабот пешбинӣ нагардида бошад, бояд ба талаботи пешбининамудаи моддаи 537 ҳамин Кодекс мутобиқ бошад. Дар ин замина, кайд намудан зарур аст, ки «муҳлати мувофиқ» аналоги ё шабеҳи муҳлати кафолат аст, чунки бо мурури он қонун оқибатҳои муҳлати кафолатро алоқаманд мекунад» [94, с. 120]. Дар баробари ин, муҳлати мувофиқ ба хусусият ва таъиноти худи мол вобаста аст [94, с. 136].

Барои харидорон кафолатҳои муҳими истифодаи мол дар қисми дуюми моддаи 545-и Кодекси маданӣ муқаррар гардидааст. Аммо дар асоси қисми дуюми ҳамин модда агар барои мол муҳлати кафолат ё муҳлати коршоямӣ муайян нашуда бошад, даъвои харидор нисбат ба нуқсонҳшо танҳо дар ҳолате мавриди арзёбӣ қарор мегирад, ки камбудиҳои ҷойдоштаро дар муҳлати мувофиқ, вале ҳатман дар давоми ду сол  аз рӯзи фӯруш ошкор карда бошанд.Ин шароит то тзамоне амал мекунад, ки қонун ё шартномаи хариду фуруш муҳлати дигаре, ки бештар мебошад, пешбини накарда бошад. Қисми панҷуми моддаи дахлдори КМ  таъкид мекунад, ки агар харидор баъд аз гузаштани мӯҳлати кафолатӣ ё муҳлати  коршоямӣ камбудиҳои молро ошкор намояд ва исбот кунад, ки мол аллакай бо нуқсон ба ӯ пешниҳод

шудааст, ки масъулияти комили ҷуброн ба ӯҳдаи фурушанда вогузор карда мешавад.

Қабули мол аз рӯи сифат. «..азбаски дар раванди иҷрои шартнома, пеш аз ҳама, хусусиятҳои сифатии мол санҷида мешаванд, дар марҳилаи иҷрои шартнома ба масъалаи ташкили дурусти қабули мол аз рӯи сифат аҳаммияти калон дода мешавад» [53, с. 5].

Ташкили дурусти қабули мол аз рӯи сифат дар марҳилаи иҷрои шартнома ба муқарраркунии саривақтии мутобиқати хусусияти сифатии мол ба шарти сифат, инчунин иҷрои дурусти уҳдадории фурӯшанда оид ба додани моли босифат ба харидор мусоидат мекунад [144, с. 123] ва бо ин, манфиати харидор ба харидорӣ намудани моли босифат таъмин карда мешавад [53, с. 5].

Дар баробари харидорон, масъалаи усулҳои нисбатан самаранок ва дурусти қабули мол аз рӯи сифат то ба имрӯз фурӯшандаҳоро ба ташвиш меорад [158, с. 67], чунки иҷрои дурусти уҳдадориҳои фурӯшанда марбут ба додани мол то дараҷаи муайян ба он вобаста аст, ки то кадом андоза харидор амалиётҳои зарурирo марбут ба қабули мол аз рӯи сифат сари вақт, пурра ва дуруст амалӣ месозад [53, с. 6].

Қайд намудан зарур аст, ки азбаски додани мол бо роҳи додани он ба харидор дар мағоза ё анбор ё тавассути супоридани он ба ташкилоти нақлиётӣ сурат мегирад, аз ин рӯ, расмиёти қабули мол аз рӯи сифат хусусиятҳои хоси худро дорад ва вобаста ба намуди шартномаи хариду фурӯш фарқ карда метавонад.

Масалан, аз қисми 3 моддаи 542 КМ ҶТ бармеояд, ки фурӯшанда уҳдадор аст, тибқи талаботи ҳатмии стандартҳои давлатӣ, дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба стандартонӣ ё шартнома сифати молро тафтиш намояд. Моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» бошад, фурӯшандаро уҳдадор месозад, ки молро санҷад. Лекин ба назар гирифтан зарур аст, ки ҳангоми иҷрои шартномаи

хариду фурӯши чакана қабули мол аз рӯи сифат танҳо дар сурати зарурӣ анҷом дода мешавад.

Тибқи шартномаи таҳвили мол ҳам харидор (молгиранда) уҳдадор аст сифати молро санҷад. Аз ҷумла, тибқи қисми 2 моддаи 582 КМ ҶТ моле, ки харидор (молгиранда) гирифтааст, бояд аз ҷониби ӯ дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунҳо, шартнома ё анъанаҳои муомилоти корӣ аз назар гузаронида шавад. Дар баробари ин, тибқи қисми 3 моддаи 582 КМ ҶТ дар сурати аз ташкилоти нақлиётӣ гирифтани молҳои расонидашуда харидор (молгиранда) уҳдадор аст мутобиқати молро бо маълумоти дар ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ ва ҳамроҳикунанда зикргардида тафтиш намояд.

Бо назардошти муҳим будан ва хусусиятҳои хоси қабули мол ҳангоми иҷрои шартномаи таҳвил қонунгузор Дастурро дар бораи тартиби қабули маҳсулоту мол аз рӯи миқдор ва сифат аз 12 августи соли 1997 (минбаъд - Дастур) таҳия ва қабул намудааст.

Тарафҳои шартномаи таҳвил ҳангоми қабули мол аз рӯи сифат муқаррароти Дастури мазкурро дар бораи тартиби қабули маҳсулоту мол аз рӯи миқдор ва сифат сармашқи кори худ қарор дода метавонанд.

Аз ҷумла, банди 6 Дастур пешбинӣ менамояд, ки қабули мол аз рӯи сифат мумкин аст дар чунин ҷойҳо анҷом дода шавад: а) дар анбори харидор; б) дар анбори фурӯшанда; в) дар ҷойи кушодани воситаҳои нақлиётӣ ва контейнерҳои пломба задашуда ё дар ҷойи фаровардани воситаҳои нақлиётӣ ва контейнерҳои пломба задашуда; г) дар анбори ташкилоти нақлиётӣ. Лекин дар баробари ин, дар банди 7 Дастур пешбиниӣ шудааст, ки одатан, мол аз рӯи сифат бояд дар анбори харидор қабул карда шавад.

Қабули мол аз рӯи сифат бояд дар муҳлати муайян сурат гирад. Дастури умумӣ дар бораи муҳлати ошкор намудани норасоиҳои моли додашуда дар моддаи 545 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст. Аз моддаи мазкур чунин бармеояд: 1) мол бояд дар муҳлати мувофиқ, аммо дар давоми ду сол аз санаи додани мол ба харидор қабул карда шавад, агар бо қонун ё шартномаи хариду фурӯш муҳлати нисбатан дароз пешбинӣ нашуда бошад; 2) моле, ки муҳлати

кафолат ё муҳлати коршоямӣ дорад, бояд дар давоми ҳамин муҳлатҳо қабул карда шавад.

Санади хеле муҳиме, ки дар он барои гузаронидани қабули мол муҳлати муайян таъин гардидааст, «Дастур дар бораи тартиби қабули маҳсулот ва мол аз рӯи миқдор ва сифат» (бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 12.08.1997 тасдиқ шудааст) мебошад. Дар банди 9, зербанди дуюми ин Дастур чунин муқаррарот дарҷ ёфтааст: 1) дар мавриди таҳвили дохилишаҳрӣ ё беруназшаҳрии мол на дертар аз 10 рӯз, моли зуд вайроншаванда на дертар аз 24 соат баъди ба харидор супоридани мол аз тарафи муассисаи нақлиётӣ ва ё расидани мол ба анбори харидор, агар дар шартнома қарорҳои дигар ҷой надошта бошад; 2) санҷидани сифати моли дар зарф қарордошта бо кушадани он муяссар мегардад, вале санҷиш бояд на дертар аз муҳлати дар боло нишондода баргузор гардад, агар муҳлати дигар мушаххасан нишон дода нашуда бошад; 3) мошин, таҷҳизоту дастгоҳ ва молу маҳсулоте, ки дар зарф интиқол дода шудаанд ва муҳлати кафолати хизмат ва нигоҳдории он ҳанӯз боқист, дар вақти кушодани зарф аз рӯйи сифатнокӣ арзёбӣ мешаванд, вале санҷиш бояд дар доираи муҳлати муқарраргардидаи кафолат доир гардад.

Ба назар гирифтан зарур аст, ки иҷрои дурусти шартнома асосан, ба он вобаста аст, ки дар қабули мол кӣ иштирок мекунад, дар сурати муайян гардидани норасоӣ ё сифати номатлуб санад дар бораи қабули молро кӣ тартиб медиҳад, иштирокчиёни қабули мол кадом қоидаҳоро дастури худ қарор медиҳанд [53, с. 58]. Бо назардошти ин вазъият, қонунгузор дар банди 14 Дастур муқаррар намудаст, ки қабули мол аз рӯи сифат бояд аз ҷониби комиссияи иборат аз на камтар се шахси салоҳиятнок, ки аз ҷониби роҳбар ё муовини роҳбари корхона – харидор ваколатдор карда шудаанд, гузаронида шавад. Дар ин сурат, қонунгузор пешбинӣ менамояд, ки салоҳиятнокӣ шарти ҳалкунандаи имконияти иштирок дар қабули мол аз рӯи сифат ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла, тибқи банди 24 Дастур барои иштирок дар қабули мол бояд шахсони босалоҳият (аз рӯи вазифа, маълумот, таҷрибаи корӣ) барои

муайян кардани сифати моли қабулшаванда ҷалб карда шаванд. Дар ин асос қайд намудан мумкин аст, ки амалӣ накардани талабот дар бораи салоҳиятнокӣ ё бесалоҳиятии шахсоне, ки бо сабаби бесалоҳиятнокиашон дурустии раванди қабули мол, ба таври дуруст муайян кардани сифати моли санҷидашударо баҳогузорӣ карда наметавонанд, дар асл санади аз ду ҷониб имзогардидаро ба санади яктарафа табдил медиҳад, чунки имзои онҳо фақат расман қабули яктарафаи молро, ки аз ҷониби кормандони корхона-молқабулкунанда анҷом дода шудааст, мепӯшонад [138, с. 55-59]. Дар навбати худ, салоҳиятнокӣ бояд ба намуди кор, маълумот, таҷрибаи корӣ асос ёбад ва дар бонуфузии шахсоне, ки молро қабул мекунанд, бохабарии кофии онҳо аз роҳу усули қабул, тартиби он ва тартиби натиҷаҳо, ки батартибандозии онҳо тибқи стандартҳо, қоидаҳо, дастурҳо, ичунин шартномаҳои басташудаи тарафҳо амалӣ шудааст, ифода гардад [119, с. 58].

Дар баробари ин дар банди 24 Дастур шахсоне номбар карда шудаанд, ки ба ҳайати комиссия оид ба қабули мол дохил шуда наметавонанд, аз ҷумла: роҳбарони корхона, муовинони роҳбари корхона; шахсони бо бақайдгирӣ, нигаҳдошт ва қабули сарватҳои моддӣ сарукор дошта; кормандони хадамоти хуқуқи корхона; арзкунандагон. Ба он нигоҳ накарда, ки кормандони хадамоти ҳуқуқи корхона ба ҳайати комиссия оид ба қабули мол дохил карда шуда наметавонанд, бо вуҷуди ин, маҳз онҳо дар корхона назоратро аз болои тартиби бо қонунгузорӣ муқарраргардидаи қабули мол аз рӯи сифатро анҷом медиҳанд [77, с. 20].

Дар сурати аз ҷониби комиссияи қабул ошкор кардани номутобиқатии сифати мол ба талаботи стандарти давлатӣ, шартҳои техникӣ, намунаҳо (эталон), шартнома ё ба маълумоти дар тамғакоғаз ё ҳуҷҷатҳои ҳамроҳишаванда нишондодашуда, ки сифати молро тасдиқ менамоянд, харидор қабули минбаъдаи молро бозмедорад (ба ғайр аз моли тезвайроншаванда) ва санадро дар бораи молҳои тафтишкардашуда ва хусусияти нуқсонҳои ошкоргардида тартиб медиҳад (банди 19 Дастур). Дар баробари ин, харидор уҳдадор аст: 1) таҳвилгарро фавран дар бораи

номутобиқатӣ ё норасоии мол ба таври хаттӣ огоҳ намояд (қ. 2 мод. 582 КМ ҶТ); 2) нигоҳдории молро таъмин намояд (нигаҳдошти масъулиятнок) (қ. 1 мод. 583 КМ ҶТ). Дар ин замина, қайд намудан зарур аст, ки азбаски моҳияти нигоҳдории масъулиятнок аз он иборат аст, ки харидор бояд режими нигоҳдории молро аз рӯи ҳама бузургиҳо таъмин намояд (масалан, ҳарорат, дар анбор ҷой кардан ва ғайра [94]), барои ҳамин харидор уҳдадор аст нигоҳдории моли сифатан номатлубро дар шароите, ки бадшавии сифати онро пешгирӣ менамояд, таъмин намояд (банди 19 Дастур); 3) барои иштирок дар қабули мол ва тартиб додани санади дутарафа даъват намудани намояндаи молирсолкунанда (истеҳсолкунанда) (банди 20 Дастур). Агар намояндаи фурӯшанда дар муҳлати муқаррargардида наояд, тафтиши сифати мол бо тарзи зерин амалӣ мешавад: а) аз ҷониби комиссия дар ҳайати шахсоне, ки бо шартнома пешбинӣ шудаанд; б) аз ҷониби коршиноси бюрои экспертизаи мол (банди 23 Дастур).

Қайд кардан зарур аст, ки баъзе олимон боздошти қабули молро серҳароҷот ва мутаносибан ғайримақсаднок меҳисобанд. Масалан, Б.И. Пугинский менависад, ки «боздошти қабули мол на ҳама вақт мувофиқи мақсад аст, чунки он боиси хароҷоти ғайриистеҳсолӣ мегардад ва интизоршавии омадани намоянда ба муҳлати фаровардани бор аз вагонҳо (контейнер, автомобил) таъсири манфӣ мерасонад, аз ин рӯ, ба рӯй додани ин ҳолат роҳ додан даркор нест» [151, с. 60-63]. В. Замятин ба он ишора мекунад, ки «ҳангоми боздошти қабул хароҷоти таҳвилгар вобаста ба равон намудани намояндааш аксар вақт аз нархи зарари дар натиҷаи норасоии мол расонидашуда зиёд аст. Илова бар ин, дар вақти боздошти қабул дуздӣ ва вайроншавии маҳсулот ҷой дошта метавонад» [123, с. 50-51]. Дар робита ба ин, пешниҳод карда мешавад, ки «..қабули муттасили мол бояд бо иштироки комиссияи салоҳиятноке, ки бевосита аз ҷониби роҳбари корхона таъсис дода шудааст, анҷом дода шавад. Инчунин, намояндаи истеҳсолкунандаро (таҳвилгарро) барои иштирок дар қабули моли сифатан номатлуб даъват намудан, харидорро зарур аст, ки ҳангоми ошкор кардани моли сифатан

номатлуб таҳвилгарро дар бораи он хабардор намояд. Баъди қабули чунин огоҳинома, вобаста ба вазъият, худаш масъалаи равон намудани намояндаи худро ҳал мекунад ва харидорро дар бораи қарори қабул кардааш хабардор месозад» [119, с. 59].

Қабули мол аз рӯи сифат дар асоси ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ ва ҳамроҳишаванда анҷом дода мешавад. Ба ҳуҷҷатҳои ҳамроҳишаванда шиносномаи техникӣ, ҳисоб-фактура, сертификати мутобиқат ва ғайра дохил мешаванд. Дар сурати набудани ҳуҷҷатҳои ҳамроҳишаванда санад дар бораи сифати молҳои таҳвилшуда тартиб дода мешавад ва дар он нишон дода мешавад, ки кадом ҳуҷҷатҳо нестанд (банди 14 Дастур).

Аз рӯи натиҷаҳои қабули мол аз рӯи сифат санад дар бораи сифати воқеии моли бадастовардашуда тартиб дода мешавад. Санади қабули мол бояд дар рӯзи ба охир расидани қабули мол аз рӯи сифат тартиб дода шавад (банди 36 Дастур). Дар ин замина, қайд кардан зарур аст, ки «..қабули мол аз рӯи сифат ҳама вақт барои баҳогузории иҷрои шартнома, чи ба маънои ҳуқуқӣ ва чи ба маънои воқеии он, аҳамият дорад ва натиҷаҳои онро барои пешниҳоди талаботи молумулкӣ, ки оқибатҳои муайяни ҳуқуқиро бо он алоқаманд мекунанд, истифода бурдан мумкин аст» [53, с. 5]. Илова бар ин, аз нуқтаи назари тартиботи мурофиаи судӣ онҳо ба сифати исбот дар ин мурофиа истифода шуда метавонанд [160, с. 387]. Аз ҷумла, А.С. Панова менависад, ки «дар амал ба санади қабули мол ҳамчун исботи асосие, ки сифати иҷрои уҳдадориҳои шартномавиро тавсиф менамояд, аҳаммияти калон дода мешавад» [194, с. 124]. Дар навбати худ, М.Л. Горковенко қайд мекунад, ки «санад дар бораи қабули мол аксар вакт меъёри асосие ба ҳисоб меравад, ки ба натиҷаи баҳс байни тарафҳои шартнома оид ба ошкор гардидани норасоиҳои мол дар рафти қабул таъсир мерасонад» [118, с. 58].

Дар робита ба ин, ҳангоми қабули мол аз рӯи сифат ба дуруст тартиб додани ҳуҷҷат дар бораи норасоии мол диққат додан зарур аст [186, с. 131]. Масалан, агар дар санад дар бораи қабули мол маълумот дар бораи маҳсулоти сифатан номатлуб, инчунин тавсифи нуқсонҳои ошкоргардида ва

усули қабули маҳсулот аз рӯи сифат мавҷуд набошад, далели пешниҳоди моли сифатан номатлуб эътироф карда намешавад [194, с. 124-125].

Дар санад дар бораи қабули мол бояд маълумоти зерин нишон дода шавад: а) номгӯйи молгирандагон ва суроғаи он; б) рақам ва санаи санад, ҷойи қабули мол, вақти оғоз ва анҷоми қабули мол. Агар қабули мол бо риоя нагардидани мухлати муқарраргардидаи қабул анҷом дода шуда бошад, дар санад бояд сабаби таъхири қабул, вақти ба миён омадан ва бартараф намудани он нишон дода шавад; в) насаб, ном ва номи падари шахсоне, ки дар қабули мол ва тартиб додани санад иштирок намудаанд, ҷойи кори онҳо, вазифа, сана ва рақами ҳуҷҷат дар бораи ваколати намоянда барои иштирок дар тафтиши мол аз рӯи сифат, инчунин қайд дар бораи он, ки ин ашхос бо қоидаҳои қабули мол аз рӯи сифат шинос ҳастанд; г) номгӯй ва суроғаи истеҳсолкунанда, молирсолкунанда (таҳвилгар); д) сана ва рақами телефонограмма ё телеграмма дар бораи даъвати истеҳсолкунанда (молирсолкунанда), агарчи ин маълумот бо қоидаҳои ҳатмӣ ё шартномаҳо пешбинӣ нашудааст; е) рақам ва санаи шартнома дар бораи таҳвили мол, ҳисоб-фактура, борхат (коносамент) ва ҳуҷҷате, ки сифати молро тасдиқ менамояд; ж) санаи расидани мол ба истгоҳи (бандари таъиншуда) таъиншудаи бор, вақти аз ҷониби ташкилоти нақлиётӣ додани мол, вақти кушодани вагон, контейнер, автофургон, дигар воситаҳои нақлиётии пломбакардашуда, вақти расонидани бор ба анбори молгиранда; з) рақам ва санаи санади тиҷоратӣ (санаде, ки аз ҷониби ташкилоти нақлиётӣ дода шудааст), агар чунин санад ҳангоми гирифтани мол аз ташкилоти нақлиётӣ тартиб дода шуда бошад; и) шартҳои нигоҳдории мол дар анбори молгиранда то тартиб додани санад; к) ҳолати зарф ва борпеч дар лаҳзаи тафтиши мол, мундариҷаи тамғагузории беруна; л) дар сурати тафтиши интихобии мол – тартиби гирифтани мол барои тафтиши интихобӣ бо нишон додани асоси тафтиши интихобӣ (стандарти давлатӣ, шартҳои техникӣ ё шартнома); м) мол бо пломбаҳои кадом тараф (молирсолкунанда ё ташкилоти нақлиётӣ) фароварда ё гирифта шудааст, дурустии пломбаҳо, нақшаҳо дар он,

тамғагузори нақлиётӣ ва ирсолӣ оид ба ҷой (аз рӯи ҳуҷҷатҳо ва воқеан), вуҷуд доштан ё надоштани тамғаҳои бор дар ҷойҳои алоҳида; н) миқдор (вазн), номи пурра ва номбаркунии моли барои тафтиш пешниҳодгардида ва дар асл санҷидашуда бо ошкор кардани молҳои нуқсондор, ки истеҳолкунанда дар ҷойи кории худ ё дар ҷойи ошкор шудани нуқсон бояд ислоҳ кунад, аз ҷумла, бо роҳи тағир намудани қисмҳои алоҳида, илова бар ин моле, ки навъи он ба навъи дар ҳуҷҷат нишондодашуда мувофиқат намекунад; таърифи васеъ ва методологӣ норасоиҳои ошкоргардида ва хусусияти он; о) асосе, ки аз рӯи он мол ба навъи нисбатан паст гузаронида мешавад, бо истинод ба стандарти давлатӣ, шарти техникӣ ё қоидаҳои ҳатмӣ; п) миқдори молҳои номукаммал, номгӯи қисм, унсурҳои гиреҳҳои намерасидагӣ ва нархи онҳо; р) рақамҳои стандартҳои давлатӣ, шартҳои техникӣ, нақшаҳо, намуна (эталон), рақам ва санаи шартнома, ки аз рӯи он тафтиши сифати мол гузаронида шудааст.

Дар сурати ошкор кардани норасоӣ ҳангоми қабули мол дар баробари реквизитҳои дар боло номбаркардашуда дар санад дар бораи қабули мол, инчунин, нишон дода мешавад: а) рақами санадро ҷудокунандаи корхона – истеҳсолкунандаи мол, агар дар мол чунин рақам нишон дода шуда бошад; б) намунаи (нусхаи) мол гирифта шудааст ё не ва онҳо куҷо ирсол карда шудаанд; в) маълумоти дигар, ки ба фикри шахсони дар қабули мол иштироккунанда, бояд дар санад барои тасдиқи моли сифатан номатлуб нишон дода шавад; г) хулоса дар бораи хусусияти камбудиҳои ошкоргардида дар мол ва сабаби ба миён омадани онҳо.

Ба санад дар бораи қабули мол аз рӯи сифат ба таври ҳатмӣ замима мешаванд: а) ҳуҷҷатҳои истеҳсолкунанда (молирсолкунанда), ки сифати молро тасдиқ мекунанд; б) тамғакоғаз аз зарф, ки дар он моли сифатан номатлуб муқаррар карда шудааст; в) ҳуҷҷати нақлиётӣ (борхат, коносамент); г) ҳуҷҷате, ки ваколатҳои шахсони дар қабули мол аз рӯи сифат иштироккунандагонро тасдиқ мекунад (амр, рухсатнома, шаҳодатнома, ваколатнома).

Дар сурати ошкор кардани номувофиқатии сифати мол ба талаботи стандарти давлатӣ, шартҳои техникӣ ё шартнома бояд ба санад дар бораи қабули мол аз рӯи сифат инчунин замима карда шаванд: а) санад дар бораи миқдори моли санҷидашуда ва сифати камбудиҳои ҳангоми қабули мол ошкоргардида; б) санад дар бораи гирифтани намунаи (нусхаи) мол ва хулоса аз рӯи натиҷаҳои ташхиси (санҷиши) намунаҳои (нусхаҳои) гирифташуда; в) дигар молҳое, ки аз сабаби вайроншавии мол ё номукаммалии онҳо шаҳодат медиҳанд (санадҳои тиҷоратӣ дар бораи борҳои тезвайроншаванда – маълумот дар бораи таъмин намудан бо хунукӣ, режими ҳарорат, инчунин ведомост дар бораи пешниҳод ва тоза кардани вагонҳо, қайдҳои қабул ва супоридан ҳангоми фаровардани бор бо воситаҳои молгирандагон дар ҷойҳои истифодаи умум ва ғайра).

Санад дар бораи қабули мол аз рӯи сифат бояд аз ҷониби ҳамаи шахсоне, ки дар қабули мол иштирок намудаанд, имзо карда шавад. Шахсе, ки бо мундариҷаи санад розӣ нест, уҳдадор аст санадро бо қайд дар бораи розӣ набудан имзо намояд ва фикри худро изҳор намояд. Дар санад пеш аз имзои шахсоне, ки дар қабули мол иштирок кардаанд, бояд ба ҷавобгарии ин шахсон барои имзои санаде, ки маълумоти бардурӯғро дар бар мегирад, истинод карда шавад. Дар навбати худ, санади қабули мол аз рӯи сифат аз ҷониби роҳбари корхона – молгиранда ё муовини ӯ тасдиқ карда мешавад.

Намуна (нусха) тибқи талаботи стандартҳои давлатӣ, шартҳои техникӣ ё шартномаҳо гирифта мешавад. Ба намунаи (нусхахои) ҷудокардашуда муҳр ё тамға, инчунин тамғакоғаз, ки онро шахсони дар ҷудо кардани намунаи мол иштирок мекунанд, зада мешавад. Дар баробари ин, санад дар бораи гирифтани намуна (нусха) тартиб дода мешавад, ки дар он маълумотҳои зерин нишон дода шудааст:

***-вақт ва ҷойи тартиби додани санад, номи молгиранда, насаб ва вазифаи шахсоне, ки дар гирифтани намунаи (нусхаи) мол иштирок кардаанд;***

***-номи истеҳсолкунанда (ирсолкунанда), ки молро фиристонидааст;***

***-рақам ва санаи ҳисоб-фактура ва борхати нақлиётӣ, ки аз рӯи он мол қабул карда шудааст, санаи дар анбор қабул карда шудани онҳо аз ҷониби молгиранда; дар сурати таҳвили мол аз ҷониби таҳвилгар ва ҳангоми додани мол аз анбори таҳвилгар – рақам ва санаи борхат ё ҳисобфактурае, ки аз рӯи он мол дода шудааст;***

***-миқдори ҷой ва вазни мол, инчунин миқдор ва рақами ҷойҳое, ки аз он ҷойҳо намунаи (нусхаи) мол гирифта шудааст;***

***-қайд дар бораи он, ки намунаи (нусхаи) мол бо тартиби бо стандарти давлатӣ, шартҳои техникӣ, дигар қоидаҳои ҳатмӣ ё шартнома (бо истинод ба рақам ва санаи онҳо) пешбинишуда гирифта шудааст;***

***-оё намунаи (нусхаи) моли гирифташуда бо тамғакоғаз таъмин шудааст ё не ва оё ин тамғақоғазҳо маълумоти бо стандартҳои давлатӣ ва шартҳои техникӣ пешбинишударо доранд ё не;***

***-оё намунаи (нусхаи) гирифташуда муҳр ё пломба зада шудааст ва бо муҳр ё пломбаи кӣ (нақша дар пломба);***

***-рақам ва санаи ҳуҷҷате, ки мутобиқати сифати мол ё маҳсулотро ба талаботи ҳуҷҷати амалкунандаи меъёриву техникӣ тасдиқ менамояд;***

***-дигар ҳуҷҷатҳое, ки шахсони дар гирифтани намунаи (нусхаи) мол иштироккунанда барои дохил кардан ба санад бо мақсади тавсифи муфассали намуна (нусха) зарур мешуморанд.***

Агар намуна (нусха) барои ташхис ё санҷиш супорида шуда бошад, дар ин сурат, дар санад дар бораи ҷудо кардани намуна (нусха) қайдҳои дахлдор карда мешаванд.

Як намунаи (нусхаи) гирифташуда дар дасти молгиранда монда, дуюм ба истеҳсолкунандаи (ирсолкунандаи) мол фиристонида мешавад. Намунаи (нусхаи) гирифташудаи мол (ба истисноӣ молҳои тезвайроншаванда, ки сифати он бо ташхис тасдиқ шуда метавонад) бояд аз ҷониби истеҳсолкунанда то ҳалли баҳс дар бораи сифати мол нигоҳ дошта шавад.

Вобаста ба натиҷаи таҳқиқот, ки дар заминаи фаслҳои боби дуюм: «Масъалаҳои асосии таъмини сифати мол дар марҳилаи бастани шартномаи

хариду фурӯш» ва «Шартҳо оид ба сифати мол дар раванди иҷрои уҳдадориҳои шартномаи хариду фурӯш» ба вуқуъ пайваст, ба чунин хулосаҳои ниҳоӣ расиданг мумкин аст:

1. Дар марҳилаи бастани шартнома тарафҳо бояд ба масъалаи бамувофиқарасӣ оид ба шартҳои сифати мол диққати ҳаматарафа диҳанд. Дар КМ ҶТ, инчунин, баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати мол талаботи муайян муқаррар карда шудааст, ки онро тарафҳо ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯш ҳамчун нишондоди роҳнамо қарор дода метавонанд. Аз ҷумла, талабот ба сифати мол ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯш дар моддаи 537-уми КМ ҶТ муқаррар карда шудааст.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки роҳу усулҳои ба мувофиқа омадани ҷонибҳо дар шартномаи хариду фурӯш якхела дарҷ намешавад. Дар ин ҷода ба эътибор гирифтани роҳҳои гуногуни муайян намудани талабот ба сифати мол муҳим мебошад. Ин ҷиҳатро натиҷаҳои таҳқиқоти баргузоршуда низ собит намуд, ки омилҳои муҳиме, ки зимни он роҳу усулҳои ба мувофиқа расидани шартҳо доир ба сифати мол муайян карда мешаванд, аз инҳо иборатанд: а) номгӯй ва тавсифоти муфассал оид ба хусусиятҳои мол; б) истинод кардан ба стандарти дахлдори давлатӣ, ё ки стандарти минтақавӣ ва ё стандарти байналмилалӣ; в) истинод намудан ба регламенти техникӣ.

2. Нархи мол бевосита, бо сифати он алоқаманд аст, чунки он инъикосгари хусусияти сифатии мол ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин, ҳангоми бастани шартнома мувофиқати дурандешонаи нарх ва сифати мол масъалаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Лекин дар амал ин қоида на ҳама вақт риоя карда мешавад. Мушкилоти бо нарху сифати мол алоқамандбуда асосан, дар раванди бастани шартнома дар бораи таҳвили мол барои эҳтиёҷоти давлатӣ зоҳир мегарданд. Хусусан, ин масъала дар Қонуни ҶТ «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» (аз 03.03.2006) қарор оид ба бастани шартномаи харид бастан ба манфиати соҳибмоле қабул мегардад, ки нархи арзиши камтарини молро пешниҳод намуда, талаботи ташкилоту муассисаҳо

харидорро қонеъ мегардонад [қисми чор, моддаи 27]. Тибқи сархати 2-юми банди «а» қисми 7-и моддаи 42-юми Қонуни мазкур дархости тендерӣ ё нархнома бо нархи пасттарин ҳамчун дархости тендерии ғолиб ҳисобида мешавад.

Мутаносибан, тибқи қонунгузории амалкунанда ғолиби тендер шахсе ба ҳисоб меравад, ки нархномаи дорои арзиши камтаринро пешниҳод намуда бошад. Чунин вазъият ба он мусоидат мекунад, ки таҳвилгарони дар тендер ғолибомада уҳдадориҳои ба зимма гирифтаи худро ба таври номатлуб иҷро мекунанд, махсусан, дар масъалаи таҳвили моли босифат.

3. Ҳамин тариқ, меъёри аз ҷониби қонунгузор пешбинишуда дар бораи эътироф намудани ғолиби тендер иштирокчиеро, ки нархи аз ҳама пастро пешниҳод намудааст, як камбудии назаррас дар қонунгузорӣ, бахусус дар соҳаи таъмини сифати мол ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, ба мақсад мувофиқ меҳисобем, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» тағйирот ворид карда шаванд. Аз ҷумла, пешниҳод менамоем:

1) қисми 4 моддаи 27 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

*«4. Қарор дар хусуси бастани қарордоди харид ба манфиати он молрасоне (пудратчие) қабул карда мешавад, ки нархномаи дорои арзиши камтарин ва моли босифатеро, ки эҳтиёҷоти ташкилоти харидорро қонеъ менамояд, пешниҳод кардааст.»;*

2) сархати дуюми банди «а» қисми 7 моддаи 42 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

*« - дархости тендерӣ ё нархнома бо нархи пасттарин ва моли босифат;».*

4. Агар бо стандартҳои давлатӣ, шартҳои техникӣ, дигар қоидахои ҳатмӣ ё шартнома барои муайян кардани сифати мол гирифтани намунаи (нусхаи) мол пешбинӣ шуда бошад, иштирокчиёни қабули мол аз рӯи сифат уҳдадор ҳастанд, ки намунаи (нусхаи) молро гиранд.

5. Ҳамин тариқ, дар марҳилаи иҷрои шартнома тарафҳо ҳуқуқу уҳдадориҳоеро, ки дар марҳилаи бастани шартнома ифода гардидаанд, истифода мебаранд. Аз ин рӯ, иҷрои шартнома марҳилаи асосии ҷараёни рушди муносибатҳо аз рӯи уҳдадориҳо ба ҳисоб рафта, ба натиҷаи ҳуқуқӣ – қатъ кардани уҳдадориҳо аз рӯи шартнома равона гардидааст.

6. Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда муайян карда шуд, ки шартҳои шартнома дар бораи сифати мол дар марҳилаи иҷрои шартнома бо роҳҳои зерин таъмин мешавад: а) санҷиши зарурии мутобиқати сифати мол ба талаботи дар шартнома муқарраргардида; б) кафолати сифати мол; в) татбиқи зарурии қабули сифати мол аз рӯи сифат.

# БОБИ III. ОҚИБАТҲОИ ҲУҚУҚИИ ИҶРО НАГАРДИДАН Ё ИҶРОИ НОМАТЛУБИ УҲДАДОРИҲО ОИД БА БЕГОНА КАРДАНИ МОЛИ БОСИФАТ

## 3.1. Мафҳум ва асосҳои ҳуқуқии ба миён омадани оқибатҳои иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба бегона кардани моли босифат

Ҳангоми баҳогузории иҷрои уҳдадориҳо ба назар гирифта мешавад, ки оё амал анҷом дода шудааст ё не, агар ҳа, бо кадом тарз. Дар ҳолати якум, сухан, умуман, оиди иҷро меравад, дар ҳолати дуюм, сухан дар бораи хусусияти матлубияти амал меравад [47, с. 419].

Қайд кардан зарур аст, ки ҳангоми бастани шартнома тарафҳо ба он умед мебанданд, ки иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ бо тартиби зарурӣ сурат мегирад [106, с. 26]. Аммо на ҳама шартнома, ки аз ҷониби тарафҳо баста шудааст, ба он натиҷае оварда мерасонад, ки тарафҳои шартнома ба он кӯшиш мекунанд [151, с. 31], чунки дар амал аксар вақт шартҳои шартнома риоя карда намешаванд.

Дар робита ба ин, бо мақсади иҷро ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои шартномавӣ дар қонунгузорӣ оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби шартҳои шартнома, аз ҷумла шартҳои сифати мол пешбинӣ шудаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки махсусияти муносибатҳои таҳқиқшаванда ин муносибати бевоситаи онҳо ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ мебошад. Аз ҷумла, дар ҳуқуушиносӣ қайд карда мешавад, ки ҷавобгарӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳо тибқи меъёрҳои қонунгузории маданӣ ба ду қисм - ҷавобгарӣ барои иҷро накардан, умуман ва ҷавобгарӣ барои иҷрои номатлуб ҷудо карда мешавад [47, с. 419]. В.Ф. Папондопуло менависад, ки «иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо яке аз асосҳои татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ ба ҳисоб меравад» [150, с. 91]. М. П. Крашенинников низ қайд мекунад, ки «ҷавобгарии маданӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба оқибатҳои ҳуқуқии аз ҷониби шахс иҷро нагардидан ё иҷрои номатлуби

уҳдадориҳо асос меёбад» [186, с. 15]. М.В. Куреппина механизми таъмини сифати молро таҳқиқ карда, қайд мекунад, ки «ҳангоми ошкор кардани риоя нашудани шартҳо оид ба сифати мол харидор конструксияи ҳифзи ҳуқуқҳои вайронкардашударо истифода бурда, одатан шариконро ба ҷавобгарӣ мекашад» [188, с. 17]. Мутаносибан, ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ ин оқибати ҳуқуқии иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадории фурӯшанда оид ба бегона кардани моли босифат аст.

Таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми ифодаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ мафҳуми ягона вуҷуд надорад. Аз ҷумла, О.С. Иоффе ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданиро ҳамчун муҷозот барои ҳуқуқвайронкунӣ ифода кардааст, ки барои ҳуқуқвайронкунанда оқибатҳои манфӣ, дар намуди маҳрум кардан аз ҳуқуқҳои субъективии маданӣ ё ба зиммаи ӯ гузоштани уҳдадориҳои нав ё иловагӣ дорад [68, с. 97]. А.А. Собчак ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданиро ҳамчун чораи бо қонун ё шартнома пешбинишудаи маҷбуркунии давлатии хусусияти молумулкидошта ифода намудааст, ки бо мақсади барқарорсозии ҳолати вайронкардашуда ва қонеъгардонии шикояти зарардида аз ҳисоби ҳуқуқвайронкунанда истифода мешавад [96, с. 153-169]. Б. И. Пугинский қайд кардааст, ки «ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ ин яке аз шаклҳои маҷбуркунии давлатист, ки бо истифодаи муҷозоти хусусияти молумулкидошта алоқаманд аст ва ба барқарорсозии ҳуқуқҳои вайронкардашуда ва ҳавасмандгардонии муносибатҳои муътадили иқтисодии иштирокчиёни аз ҷиҳати хуқуқӣ баробарҳуқуқии муомилоти маданӣ равона гардидааст» [85, с. 137].

Ба фикри А.А. Лукянтсев, ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ ин натиҷаи аз ҷониби шахси воқеӣ ва хуқуқӣ содир намудани ҳуқуқвайронкунии маданӣ аст, ки аз талаботи қарздиҳанда ба ҳуқуқвайронкунанда бо мақсади нисбати ӯ татбиқ гардидани чораҳои бо қонун ё шартнома пешбинишуда иборат буда, мақсади он барқарорсозии фоидаи аз даст додашудаи иқтисодии қарздиҳанда ё ҷуброни зарари ба ӯ расонидашуда аст ва ин талабот бояд ба таври ихтиёрӣ қонеъ гардонида шавад ё ба ҳуқуқвайронкунанда бо таъсири бевосита ё

бавоситаи маҷбурии давлатӣ уҳдадориҳои мадании нав ё иловагӣ вогузор карда шавад ё ҳуқуқҳои субъективии мадании ҳуқуқвайронкунанда паст карда шавад, аз ҷумла, ба зарардида додани моли ҳуқуқвайронкунанда [73, с. 70]. Дар навбати худ, А.В. Маслова ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданиро ҳамчун уҳдадории шахси ҳуқуқвайронкунанда вобаста ба ҷавобгарии оқибатҳои номатлуби бо меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ пешбинишуда ифода мекунад, ки дар маҳрум кардани ҳуқуқи хусусияти молумулкӣ ва хусусӣ дошта ё иҷрои уҳдадории иловагии ҳуқуқӣ-маданӣ зоҳир меёбад [192, с. 150].

В.Ф. Попондопуло менависад, ки «ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ ин татбиқи бо қонун ё шартнома пешбинишудаи муҷозоти махсус (чораҳои маҷбуркунии давлатӣ) барои содир кардани ҳуқуқвайронкунии маданӣ аст, ки дар шакли аз даст додани ҳуқуқи ҳуқуқвайронкунанда ба мол ё ба зиммаи ӯ вогузор намудани уҳдадории иловагии молумулкӣ бо мақсади барқарорсозии вазъи молумулкии зарардида зоҳир мегардад» [150, с. 82]. Дар навбати худ, М. П. Крашенининков қайд менамояд, ки «ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ ин робитаи шахс (қарздиҳанда ва ё қарздор) ба амалиётҳои манфӣ аст, ки амалисозии он асоси нагирифтани фоидаи зарурӣ мегардад ва талаб карда мешавад, ки онҳо бо кумаки усулҳои пешакӣ шарҳдодашудаи ҳуқуқӣ бартараф карда шаванд» [186, с. 8].

В.П. Грибанов ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданиро ҳамчун яке аз намудҳои маҷбуркунии давлатӣ ифода намудааст, ки бо «татбиқи муҷозоти хусусияти молумулкӣ дошта алоқаманд буда, ба барқарорсозии ҳуқуқҳои вайронкардашуда ва ҳавасмандгардонии муносибатҳои муътадили иқтисодии иштирокчиён ба баробарҳуқуқии муомилоти маданӣ равона гардидаанд» [60, с. 172-173]. Муаллифони китоби «Маданское право» қайд менамояд, ки «ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ муҷозотест, ки нисбати ҳуқуқвайронкунанда дар шакли ба зиммаи ӯ вогузор намудани уҳдадории иловагии ҳуқуқӣ-маданӣ ё маҳрум сохтан аз ҳуқуқи маданиаш татбиқ мегардад» [36, с. 480-481].

Фикру ақидаи баъзе олимонро оид ба мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ баррасӣ намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳар яке аз ин

мафҳумҳо ҳам ҷиҳатҳои мусбат ва ҳам ҷиҳатҳои манфӣ доранд. Ҳар муаллиф яке аз хусусиятҳои асосии ба худ хоси ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданиро ҷудо мекунад.

Қайд кардан зарур аст, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ гуногунрангии ҷавобгарии ҳуқуқӣ аст ва аз ин рӯ, дорои аломатҳои охирин (тавлидӣ) ва соҳавӣ (аломатҳои намудӣ) мебошад [150, с. 80]. Инчунин, ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ яке аз шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад [198, с. 13] ва азбаски он бо ҷавобгарии ҳуқуқӣ нишонаҳои умумӣ дорад [171, с. 148], аз ин рӯ, қобили қабул меҳисобем, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданиро дар робитаи мутақобилаи ҳамаи нишонаҳои (махсусиятҳои) он тавсиф намоем.

Аз ҷумла, яке аз нишонаҳое, ки барои ҳамаи намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аҳаммияти умумӣ дорад, ин маҷбуркунии давлатӣ аст [198, с. 13]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба ин масъала чунин қайд карда шудааст, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ яке аз шаклҳои таъсири маҷбуркунии давлатӣ аст [171, с. 253]. М. А. Краснов менависад, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ пурра ба чунин хусусияти муҳимтарин ва махсуси ҳуқуқ, аз қабили маҷбуркунӣ асос меёбад [129, с. 74]. О.С. Иоффе қайд мекунад, ки «ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин чораи маҷбуриест, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ нисбати ҳуқуқвайронкунанда истифода мешавад, аз ин рӯ, унсури маҷбуркунӣ хусусияти ҷудонашавандаи институти ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ ба ҳисоб меравад» [181, с. 10]. Ба фикри И.О. Самошенко ва М. Х. Фарукшин, ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин маҷбуркунии давлатӣ барои иҷрои талабот-ҳуқуқест, ки маҳкумкунии амалиётҳои ҳуқуқвайронкунандаро аз ҷониби давлат ва ҷомеа дар бар мегирад [92, с. 6]. С. С. Алексеев қайд мекунад, ки «моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз чораҳои таъсири маҷбурии давлатӣ нисбати шахс барои иҷрои накардани уҳдадориҳояш иборат аст» [42, с. 180]. В.Ф.Попондопуло менависад, ки «ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқи чораи мушаххаси ҷавобгарӣ (муҷозоти муайян) аст, ки бо қонун ё шартнома пешбинӣ шудааст. Дар навбати худ, татбиқи ин муҷозот – чораҳои ҷавобгарӣ бо маҷбуркунии давлатӣ таъмин карда мешавад» [150, с. 80]. Ба фикри Р. В.

Халин, «ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ ин шакли маҷбуркунии давлатист, ки нисбати субъекти беинсофи ҳуқуқ истифода мешавад ва дар натиҷаи он рафти муътадили рушди муносибатҳои хоҷагидорӣ амалӣ карда мешавад» [199, с. 19]. Дар баробари ин қайд кардан зарур аст, ки чуноне ки А.М. Белякова дуруст эрод гирифтааст, «барои ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ на ҳама маҷбуркунии давлатӣ, танҳо маҷбуркунӣ барои оқибатҳои манфии молумулкӣ, ки бо сабаби иҷро накардан, иҷрои номатлуби уҳдадориҳои шартнома ва расонидани зарар ба миён меоянд, хос аст» [44, с. 10].

Дар баробари ин, ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ нишонаҳое хос мебошанд, ки ба махсусияти муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ асос меёбанд. Аз ҷумла, махсусияти ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ дар татбиқи чораҳои хусусияти молумулкӣ дошта нисбати ҳуқуқвайронкунандаи зоҳир меёбад, ки боиси оқибатҳои иловагии манфӣ, аз қабили ҷуброни зарар дар натиҷаи риоя накардани шартнома, додани ҷаримаи аҳдшиканӣ мегардад [150, с. 81-82]. Ин ба предмети танзими ҳуқуқии ҳуқуқи маданӣ асос меёбад. Ин соҳаи ҳуқуқ бо муносибатҳои молумулкӣ сару кор дорад, ки зери мафҳуми он одатан, муносибатҳои ҷамъиятие фаҳмида мешаванд, ки аз рӯи намудҳои гуногуни манфиатҳои моддӣ ба миён меоянд. Ба ақидаи Волков А.В «...дар робита ба ин, ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ танҳо чунин чораҳои нисбати ҳуқуқвайронкунанде татбиқшаванда тааллуқ доранд, ки дар натиҷаи он ӯ зарари молумулкӣ дидааст ва агар ҳуқуқвайронкунанда меъёрҳои ҳуқукро вайрон намекард, чунин зарар ба миён намеомад» [177, с. 139].

Хусусияти дигари ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ ба баробарҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ асос меёбад ва аз набудани хусусияти оммавӣ-ҳуқуқӣ иборат аст. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ ин ҷавобгарии субъектҳо дар назди якдигар ё худ, ҷавобгарии як иштирокчӣ дар назди дигар иштирокчии ҳамон як муносибати ҳуқуқӣ мебошад [183, с. 39]. Дар баробари ин, ҷуброне, ки ба ҳуқуқвайронкунанда вогузор карда мешавад, ба манфиати зарардида аст [150, с. 82].

Қайд намудан зарур аст, ки маҳз дар ҳуқуқи маданӣ ҷавобгарии маданӣ нисбатан пурра ҳамчун хусусияти озодӣ зоҳир мегардад. Дар муносибатҳои ҳуқуқӣ-маданӣ бар хилофи муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ ҷавобгарӣ танҳо ҷазо набуда, ба худмухтории ирода асос меёбад, ки асоси танзими ҳуқуқӣ-маданӣ аст. Дар доираи муносибатҳои ҳуқуқӣ-маданӣ шахсият имкон пайдо менамояд, ки худмухтории иродаи худро ба дараҷаи бузургтар ифода намояд. Мутаносибан, зарардида ҳуқуқ дорад, ки субъекти уҳдадорро ба ҷавобгарӣ кашад ё накашад [183, с. 40].

Попондопуло, В.Ф чунин таъкид менамояд ки «...ҳодисаҳои бо қонунгузории маданӣ пешбинишудаи ҷуброни муҷозоти молумулкӣ ба манфиати давлат бо вайрон гардидани манфиатҳои оммавӣ алоқамандaнд ва моҳиятан, на шакли ҳуқуқӣ-маданӣ, балки шакли оммавӣ-ҳуқуқиро ифода мекунанд» [150, с. 82].

Бо назардошти он ки ҳуқуқи маданӣ муносибатҳои моливу пулиро танзим менамояд ва хислати эквивалентиву пулакиро дорад, хислати дигари ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ ин тамоюли ҷубронкунии он аст, яъне ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ ба принсипи ҷуброни пурраи зарари расонидашуда асос меёбад [177, с. 139]. Дар ин замина, қайд намудан зарур аст, ки азбаски танҳо ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ функсияи ҷубронро иҷро мекунад, аз ин рӯ, ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ бар хилофи дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самараноктар ба ҳисоб меравад [172, с. 3].

Хислати ҷубронкунандагии ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ дар он ифода меёбад, ки маблағи муҷозот (амвол), ки ҳуқуқвайронкунанда бояд ҷуброн намояд, ба зарардида дода мешавад ва бо ин барқарорсозии вазъи муолумулкии пештараи ӯ таъмин карда мешавад [150, с. 82]. Ба ибораи дигар, хислати ҷубронкунандагии ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ пур кардани он зарари молумулкиеро таъмин менамояд, ки зарардида дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунии нисбати ӯ содиршуда дидааст. Дар баробари ин, зарари молумулкии зарардида аз ҳисоби амволи ҳуқуқвайронкунанда ҷуброн карда мешавад [177, с. 139].

Дар асоси ба миён омадани ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ ҷавобгарии шартномавӣ ва ҷавобгарии ғайришартномавиро фарқ мекунанд [199, с. 14]. Ин таснифот ба фикри аксарияти олимони ҳуқуқшинос [49] ҳам аз нуқтаи назари доктриналӣ ва ҳам амалӣ инъикосгари хусусиятҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ ба ҳисоб меравад.

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ, ки дар натиҷаи иҷро накардан ва иҷрои номатлуби уҳдадориҳо ба миён меояд, ҷавобгарии шартномавӣ аст [47, с. 628]. Асос барои ба миён омадани ҷавобгарии шартномавӣ вайрон кардани ухдадориҳои шартномавӣ (ҳуқуқи нисбӣ) [150, с. 89] аст, яъне уҳдадории шартномавӣ ин муҷозотест, ки барои вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ пешбинӣ гардидааст [177, с. 140]. Дар қисми 1-уми моддаи 452 КМ ҶТ дар бобати муқаррар намудани ҷавобгарии шартномавӣ омадааст, ки дар зери мафҳуми вайрон кардани уҳдадорӣ ва ё иҷро накардан, ё ин ки қисман иҷро намудан, таъмин нагардидани иҷрои шартҳо ё кафолати муҳлати расонидан молу маҳсулот дар назар дошта шудааст. Дар ҳолати ба вуқуъ пайвастани чунин рӯйдод истеъмолкунанда бояд фурӯшандаро сари вақт огоҳ созад. Ҷавобгарии шартномавӣ таъини муҷозоти ба мувофиқа расидае ба ҳисоб меравад, ки ҷонибҳои шартномабаста нисбат ба ҳамдигар дар ҳолати иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои ба зиммагирифта амалӣ менамоянд.

Попондопуло, В.Ф, «...ҷавобгарии ғайришартномавӣ дар ҳолатҳое рӯй медиҳад, ки бевосита бо қонун пешбинӣ шудаанд, аз ҷумла дар натиҷаи расонидани зарар ба шахсият ё моликияти шахс (вайрон кардани ҳуқуқи мутлақ)» [150, с. 89]. Ҳамин тариқ, «..ҷавобгарии ғайришартномавӣ дар вақте ҷой дошта метавонад, ки муҷозоти дахлдор нисбати ҳуқуқвайронкунандае, ки бо зарардида муносибатҳои шартномавӣ надорад, татбиқ мешавад» [177, с. 140].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд карда мешавад, ки барои вайрон кардани шарти шартнома дар бораи сифати мол, яъне барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадории фурӯшанда оид ба бегона кардани моли босифат ҳама

вақт ҷавобгарии шартномавӣ ба миён меояд. Дар баробари ин, қайд карда мешавад, ки ҷавобгарии ғайришартномавӣ дар сурати расонидани зарари ғайришартномавӣ ба ҳаёт, саломатӣ ё моли шаҳрванд, ё амволи шахси ҳуқуқӣ, ки молро бо мақсади истифода (истеъмол) харидорӣ намудааст ва он бо татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нест, ба миён меояд [141, с. 253-254].

Қайд кардан зарур аст, ки оқибати ҳуқуқӣ барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадории фурӯшанда оид ба бегона кардани моли босифат дар сурати фурӯши моли нуқсондор ба миён меояд. Азбаски расман мол дар сурати надоштани норасоӣ босифат ҳисобида мешавад [130, с. 193]. Аз ин рӯ, «…нисбати фурӯшанда татбиқ намудани оқибатҳои ҳуқуқии бо қонун ё шартнома пешбинишуда, ки бо номувофиқатии сифати мол алоқаманд аст, дар сурате имконпазир мегардад, ки агар харидор дар мол вуҷуд доштани норасоиҳоро исбот карда тавонад» [71, с. 62].

Мафҳуми норасоии мол ба мафҳумҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ниҳоят муҳим ва сермаъно тааллуқ дорад [98, с. 130]. Дар луғати тафсирии забони русӣ зери мафҳуми норасоӣ нуқсон, номукаммалӣ, нодурустӣ фаҳмида мешавад [80, с.404]. Дар баробари ин, Р. В. Халин қайд мекунад, ки риоя накардани талабот ба сифати мол норасоӣ аст [164, с. 67]. Р. Товмасян менависад, ки норасоии мол бояд дар чунин ҳолатҳо эътироф шавад: якум, дар мол набудани хусусиятҳое, ки бо шартнома ба мувофиқа расидааст; дуюм, дар мол набудани яке аз хусусиятҳои асосии мол, ки хоси чунин молҳо ҳастанд, новобаста ба он ки бо созишномаи тарафҳо пешбинӣ шудаанд ё не; сеюм, дар мол набудани хусусиятҳое, дар маълумот дар бораи он нишон дода шудаанд (аз ҷумла дар шакли реклама); чорум, дар мол мавҷуд будани хусусиятҳое, ки ба истифодаи он монеъ мешаванд; панҷум, дар мол мавҷуд будани хусусиятҳое, ки он барои ҳаёт, саломатӣ, молумулки шаҳрвандон, ташкилот ё муҳити зист хавфнок аст [198, с. 148].

Дар КМ ҶТ мафҳуми норасоии мол нест. Дар баробари ин, дар Кодекси мазкур норасоӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ ба маънои гуногун истифода

мешавад. Оид ба мафҳуми норасӣ ва шарҳи ҳуқуқии он гуфта мешавад, ки норасоии мол аз тарафи фурӯшанда агар ҳамчун шарт ба қайд гирифта нашуда бошад; норасоии рафънопазир нуқсонест, ки бе хароҷоти муайян ва ё сарфи вақт бартараф намудани он имконнопазир аст ва ё чунин падида якчанд бор рӯй додааст ва пас азислоҳи камбудиҳо боз ба мушоҳида расидааст.

Аз ҷумла, қайд шудааст: (моддаи 543 КМ ҶТ); «норасоиҳои мол, ки барои он фурӯшанда ҷавобгар аст» (моддаи 512 ва қисми 5, моддаи 621 КМ ҶТ); дар қонунгузорӣ сабабҳои ба амал омадани норсоиву камбудиҳо то андозае меқаррар карда шудаанд, масалан, хусусиятҳои мол имкон намедиҳанд, ки норасоиҳои ҷойдошта сари вақт ислоҳ карда шаванд (қисми дуюми моддаи 564-и КМ ҶТ) ё ин ки норасоиҳое мавҷуданд, ки дар муҳлатҳои барои харидор мувофиқ бартараф карда шаванд (моддаи 592-и КМ ҶТ), ҳамчунин дар моддаи 621 зикр шудааст, ки норасоиҳои мол, ки барои он фурӯшанда ҷавобгар ҳисобида мешавад, бо мақсади дар шартномаи хариду фурӯш коршоям набудани мол аз рӯйи шартҳои муқарраршуда тибқи тартиб ва муҳлатҳои нишондодашуда рафъи онҳо номумкин мебошад; (моддаи 621); «норасоиҳои ошкоршуда» (моддаи 582, 619 ва 621 КМ ҶТ)».

Ифодаи ҳуқуқии мафҳуми норасоии молро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004 дар бар мегирад. Аз ҷумла, тибқи сархати 13 моддаи 1 Қонуни мазкур нуқсони мол (кор, хизматрасонӣ) ё худ моли дорои сифати номатлубро номувофиқатии мол (кор, хизматрасонӣ) ба стандарт, ба шартҳои шартнома ё худ ба талаботи одии сифати мол (кор, хизматрасонӣ) ҳисобидааст. Ҳамин тариқ, мол нуқсондор ё бесифат ҳисоб карда мешавад, агар он ба талаботи зерин мувофиқат накунад: 1) стандартҳои давлатӣ; 2) шартҳои шартнома; 3) талаботи маъмулан пешниҳодкардашаванда ба сифати мол. Дар ин замина ба назар гирифтан зарур аст, ки азбаски «худи мафҳуми нуқсони мол дар бораи он мегӯяд, ки ҳангоми мавҷудияти он сифати номатлуб ба таври автоматӣ муқаррар карда мешавад» [158, с. 62], аз ин рӯ

қонунгузори ватанӣ категорияҳои «сифати мол» ва «моли бесифат»-ро ҳамшабеҳ меҳисобад.

Дар баробари ин, дар илми ҳуқуқ ва қонунгузорӣ мафҳуми «нуқсони ҷиддии мол» фарқ карда мешавад. Дар адабиёти ин соҳа нуқсони ҷиддии мол ҳамчун нуқсоне ҳисобида мешавад, ки қарздиҳандаро пурра аз имконияти истифодаи мол тибқи мақсадҳои хусусии иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ маҳрум месозад [131, с.116]. Дар баробари ин В. В. Богдан нуқсони ҷиддии молро чунин ифода менамояд: «..нуқсони бартарафнашаванда ё нуқсоне, ки бе хароҷоти калон ё сарфи вақт бартараф карда намешавад ё баъди бартараф намудан боз пайдо мешавад, ё нуқсонҳои дигари ба ин монанд, инчунин нуқсонҳои гуногуни моли аз ҷиҳати техникӣ мушкил, ки бартарафкунии он дар маҷмуъ беш аз 30 рӯз дар давоми муҳлати кафолати ба мол муқарраргардида анҷом дода шудааст» [175, с. 17].

Дар қонунгузорӣ нуқсони ҷиддии мол ҳамчун нуқсоне ифода гардидааст, ки истифодаи мол (кор, хизматрасонӣ)–ро мутобиқи таъиноташ номумкин ё нораво мегардонад ё онро бартараф кардан мумкин нест ва ё баъди рафъаш он боз зоҳир шуда, барои бартараф кардани он маблағи калон лозим аст ё худ бар асари он истеъмолкунанда ба андозаи зиёдтар аз баҳрае маҳрум мешавад, ки ҳангоми имзои шартнома ба он умед баста буд (сархати 14 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»).

Монанди ҳолатҳои дар боло зикргардида, умуман, камбудиҳои ҷиддие, ки дар муомилоти байни истеҳсолкунандагону истеъмолкунандаҳо ба мушоҳида мерасанд, бештар нуқсонҳое мебошанд, ки онҳо чун «норасоиҳои рафънопазир», «норасоиҳое, ки бе хароҷоти иловагӣ ва ё бо сарфи вақти муайян бартараф шуданашон номумкин аст», ё худ «норасоиҳои такроршаванда» шинохта шудаанд. Истисно аз ин, вайрон кардани шартномаи тарафайн аз ҷониби соҳиби молу маҳсулот, ки дар натиҷаи ба харидор расонидани моли пастсифат ё номатлуб, иҷро нагардидани муҳлатҳои барои харидор мувофиқ ва ё пай дар пай вайрон гардидани реҷаи

ҳамлу нақли бор ба қайд гирифта мешаванд, дар асноди меъёрӣ (қисми дуюми моддаи 592-и КМ ҶТ) вайронкунии ҷиддии шартнома ба шумор мераванд. Бояд афзуд, ки ба таври ҷиддӣ халалдор сохтани ҷараёни шартҳои тарафайн маънои онро дорад, ки аз тарафи фурӯшанда ба харидор зарари моддию маънавӣ расонида шудааст, ки дар натиҷа мақсадҳои вай ҷиҳати ба даст овардани даромад ва ё иҷрои дигар корҳое, ки дар шартнома тазаккур ёфтааст, иҷронашуда мемонанд (қисми якуми моддаи 516-юми КМ ҶТ).

Ҳамин тариқ, мафҳуми «нуқсони ҷиддии мол» ҳамаи хислатҳоеро дар бар мегирад, ки қонун дар мафҳуми «нуқсони мол» додааст. Ин маънои онро дорад, ки барои нуқсонро ҷиддӣ эътироф намудан, пеш аз ҳама, мавҷудияти нуқсон зарур аст, яъне номувофиқатии мол ба стандарт, шартҳои шартнома ё талаботи одатан ба сифати пешниҳодшаванда. Нуқсонро оқибатҳои махсусе, ки бо ошкор шудани он дар мол алоқаманд мебошанд, ҷиддӣ мекунанд. Ин оқибатҳо, ки дар мафҳуми «нуқсони ҷиддӣ» ифода гардидаанд, дар се самт зоҳир мегарданд: техникӣ (имконнопазирӣ ё норавоии бартараф кардани нуқсон); молиявӣ (хароҷоти калон барои бартараф кардани нуқсон); ҳуқуқӣ (вайронкунии ҷиддии шартҳои шартнома): а) нуқсоне, ки дар натиҷаи он истеъмолкунанда ба дараҷаи назаррас аз он чизе марҳум мегардад, ки ба он ҳангоми бастани шартнома умед баста буд; б) камбудие, ки дар муҳлати барои харидор қобили қабул бартараф карда шуда наметавонад [146, с. 31].

Ба нуқсонҳои ҷиддӣ тааллуқ доранд:

1) нуқсонҳое, ки истифодаи молро тибқи таъиноти мақсаднок имконнопазир ё нораво мегардонанд. Имконнопазирии истифодаи мол тибқи таъиноти мақсадноки он бо сабабҳои гуногун ба миён омада метавонад. Дар баробари ин, сабаби имконнопазирии мол аз рӯи таъиноти мақсаднок дар ҳолате баррасӣ шуда метавонад, ки дар натиҷаи нуқсони мол он ақаллан яке аз вазифаҳояшро, ки барои он таъин шудааст, иҷро карда наметавонад. Ба назар гирифтан зарур аст, ки таъиноти мақсадноки мол дар стандартҳои давлатӣ ва регламентҳои техникӣ, ҳуҷҷатҳои техникӣ ва истифодабарӣ, ки молро ҳамроҳӣ мекунанд, бо роҳи нишон додани вазифаҳои асосии он

муайян карда мешавад. Агар таъиноти мақсадноки мол дар ҳуҷҷат муайян карда нашуда бошад, он бояд бо мақсадҳое, ки ин мол барои он истифода мешавад, муайян карда шавад;

2) камбудиҳои бартарафнашаванда. Нуқсон, инчунин, дар сурати имконнопазирии бартарафкунии он ҷиддӣ ҳисобида мешавад. Ба нуқсонҳои бартарафнашаванда нуқсонҳое тааллуқ доранд, ки аз ҷониби фурӯшанда, умуман, бартараф карда шуда наметавонанд, ҳатто агар ӯ хоҳиш дошта бошад ва барои он имконият вуҷуд дошта бошад. Масалан, вақте ки конструксияи мол ё шароит, мақсадҳои истифодаи минбаъдаи мол, ки дар бораи он фурӯшанда медонист ё бояд медонист бартараф кардани нуқсонро имконнопазир мегардонад [158, с. 67]. Илова бар ин, имконнопазирии бартараф намудани нуқсон оқибат ба нуқсони конструктивии маҳсулот оид ба коршоямии он барои таъмир боис мешавад ва яке аз сабабҳои истифода нагардидани мол аз рӯи таъинот ба ҳисоб меравад [197, с. 133];

3) нуқсоне, ки барои бартараф намудани он хароҷоти калон зарур аст, инчунин, нуқсоне, ки бе хароҷоти калон ё сарфи вақт бартараф карда намешавад. Меъёри дигаре, ки аз рӯи он нуқсони молро ба нуқсони ҷиддӣ мансуб донистан боис гардидааст, ин хароҷоти калон барои бартараф намудани он аст (сархати 14 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»), инчунин норасоиҳое, ки бидуни хароҷоти беандоза ё масрафи вақт бартараф кардани онҳо ғайриимкон аст (қ. 2 моддаи 543 КМ ҶТ). Дар ин замина, қайд намудан зарур аст, ки дар қонунгузорӣ мушаххас карда намешавад, ки зери истилоҳи «хароҷоти калон» ва истилоҳи «хароҷоти беандоза» чӣ фаҳмида мешавад. Дар робита ба ин дар муайянкунии онҳо ҳамчун нуқсони ҷиддӣ мушкилӣ ба миён меояд, чунки дар фаҳмиши ҳар яке аз тарафҳо ин истилоҳ метавонад бо тарзҳои гуногун шарҳ дода шавад, ки ба баҳс оварда мерасонад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд карда мешавад, ки истилоҳи «хароҷоти калон» ва «беандоза» ин намунаи «мафҳуми баҳогузорӣ» ба ҳисоб меравад [186] ва оид ба он ки кӣ ва чӣ тавр онҳоро бояд муайян намояд, пешниҳод карда мешавад, ки дар сурати ба миён омадани

баҳс он бояд аз ҷониби суд ҳал карда шавад. Дар баробари ин, пешниҳод карда мешавад, ки зери мафҳуми хароҷоти беандоза хароҷоте фаҳмида шавад, ки аз нисфи нархи молиислоҳкарданашуда зиёд аст ва дар навбати худ, зери мафҳуми масрафи беандозаи вақт пешниҳод карда мешавад муҳлате фаҳмида шавад, ки ба фурӯшанда барои бартараф кардани нуқсонҳо, аз сӣ рӯз зиёд вақт зарур аст [158, с. 68];

4) нуқсоне, ки чанд маротиба ошкор мешавад ё баъди рафъаш боз зоҳир мешавад. Чандкарата будан ин ба миён омадани вайрон шудани мол дар давоми муҳлати кафолат аст, ки бо вайрон кардани қоидаҳои истифодаи мол, нигаҳдории он ё бо қувваҳои рафънопазир алоқаманд нестанд [158, с. 70]. Азабаски дар қонунгузорӣ хислат ва шакли нуқсон нишон дода нашудааст, аз ин рӯ, дар ин ҳолат сухан дар бораи ҳама гуна нуқсони мол меравад. Дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки мафҳуми дар қисми 2 моддаи 543 КМ ҶТ омадаи «норасоии ҷиддӣ» ҳамчун норасоие, ки «…чандин маротиба ошкор гардидааст», ба мафҳуми «норасоии ҷиддӣ» ҳамчун нуқсоне, ки «баъди бартараф намудан боз такрор меёбад», монанд аст. Таҳтуллафзӣ сухан доир ба ҳамон як нуқсони ҷиддӣ меравад. Дар робита ба ин, пешниҳод менамоем, ки аз қисми 2 моддаи 543 КМ ҶТ калимаҳои зерин хориҷ карда шаванд: «чандин маротиба ошкор гардидааст ё баъди бартараф намудан боз такрор меёбад».

5) камбудие, ки дар натиҷаи он истеъмолкунанда ба микдори зиёдтар аз фоида маҳрум мешавад, ҳангоми гузоштани имзои шатрнома ба он мақсад баст буд, ки камбудии муҳим ба иловаи ин нуқсоне ба ҳисоб меравад, ки истеъмокунандаба ҳаҷми зиёдтар аз баҳрае маҳрум мешавад, ки ҳангоми имзо намудани шартнома ба он мақсад баста буд.

Дар ин ҳолат пешниҳод карда мешавад, ки мафҳуми «маҳрум шудани харидор аз баҳрае» чунин фаҳмида шавад: вайронкунии талабот ба сифати мол, ки бо шартнома пешбинӣ шудааст ва он моҳиятан мавзуи шартномаро тағйир медиҳад, яъне хислати мол аз нуқтаи назари хусусиятҳои асосии истеъмолии он [146, с. 31].

Қайд кардан зарур аст, ки КМ ҶТ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» мавҷудияти нуқсони конструктивӣ ва ресептурии нуқсони молро дар баробари нуқсони ҷиддӣ асос барои ба ҷавобгарӣ кашидани истеҳсолкунандагон ва фурӯшандагони мол ҳисоб мекунад. Дар ин замина, қайд кардан зарур аст, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин ақида вуҷуд дорад, ки нуқсонҳои конструктивӣ ба дастгоҳ, ресептурӣ ба моддахо тааллуқ доранд [72, с. 65]. Чунин муносибат ба мавқеи муаллифон дар он асос меёбад, ки ҳама гуна дастгоҳ конструксияи худро дорад, ҳол он ки ресептурӣ ба моддаҳо тааллуқ дорад [198, с. 78]. Дар навбати худ, нуқсони конструктивӣ ҳамчун нуқсони ҳалли конструктивӣ ифода мегардад, яъне нақша, схемаи конструксияи муайян, ки дар худи конструксия баъди истеҳсоли он таҷассум мегарданд ва сабаби ба миён омадани зарар мегарданд. Нуқсони ресепторӣ нуқсони моддаҳои молҳои хӯрока ва фармасевтӣ, инчунин натиҷаҳои кор марбут ба истеҳсол ва тайёр намудани чунин моддаҳо аст, ки дар вайрон кардани талаботи ҳатмии бо қонун пешбинишуда ба таркиби кимиёвии ин моддаҳо, инчунин вайронкунии технологияи истеъмоли онҳо ифода меёбанд [163, с. 55-56].

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини сифати мол оқибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои фурӯшанда оид ба бегона кардани моли босифат, пешбинӣ шудааст. Ба назар гирифтан зарур аст, ки тибқи қонунгузорӣ оқибатҳои пешибинишуда ба он вобаста аст, ки нуқсони ошкоргардидаи мол ҷиддӣ аст ё не.

Бояд қайд намуд, ки оқибатҳои ҳуқуқии иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадории фурӯшанда оид ба бегона кардани моли босифат пеш аз ҳама дар моддаи 543 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, тибқи қисми 1 моддаи мазкур зикр шудааст, ки агар нуқсонҳои мол аз ҷониби фурӯшанда дар шартнома дарҷ нашуда бошад, пас харидоре, ки ба вай мол ё маҳсулоти номатлуб дода шудааст, ҳуқуқ дорад, ки бо раводиди худ вобаста ба хисороти расида ба соҳиби мол чунин даъвоҳо манзур намояд: а) паст

кардани нархи фурӯши мол; б) ба таври ройгон дар муҳлати мувофиқ нуқсонҳои ҷойдоштаро бартараф созад; в) хисороти вобаста ба пешниҳоди моли номатлубро ҷуброн намояд. Дар назар доштан муҳим аст, ки дар мавриди моҳиятан вайрон намудани талабот нисбат ба сифати мол харидор ҳуқуқ дорад, ки аз рӯйи салоҳдид ба фурӯшанда чунин талабот пешниҳод намояд: 1) аз иҷрои шартномаи басташуда даст мекашад, баргардонидани маблағҳои масрафшударо тақозо менамояд; 2) иваз намудани моли номатлубро бо моли сифатан матлуб дар асоси шартҳои шартнома талаб кунад.

Ба ҳамин минвол, иҷро накардан, иҷрои номатлуби шарту уҳдадориҳо дар ҷараёни хариду фурӯши мол ба оқибатҳои ҳуқуқӣ молик буда, фурӯшандаро водор месозад, ки бо хоҳиши худ ба андозаи зарурӣ нархи фурӯши молро паст кунад, зарари моддию маънавие, ки аз норасоиҳои мол ба ҷониби дигар расидааст, ҷуброн намояд. Фурӯшанда низ ҳуқуқ дорад, ки аз иҷрои шартномаи хариду фурӯш даст кашад, агар харидор шартҳои уҳдадориро иҷро нанамояд, ё қисман таъмин созад; имконият дорад, ки маблағи барои истеҳсоли маҳсулот сарфшударо талаб намояд; барои иваз намудани моле, ки сифати он ҷонибҳоро мутобиқи шартҳои гузошташуда қонеъ месозад, пешниҳод манзур мекунад.

Дар ин замина, қайд намудан зарур аст, ки дар амал уҳдадориҳои шартномавӣ ва ғайришартномавӣ рақобат мекунанд. Масалан, бо шартномаи хариду фурӯш муқаррар карда шудааст, ки дар сурати ошкор кардани нуқсони мол фурӯшанда уҳдадор аст, ки онро дар муҳлати кафолат бо моли босифат иваз намояд. Ҳамзамон, қонунгузории маданӣ пешбинӣ менамояд, ки харидоре, ки ба ӯ моли бесифат фурӯхта шудааст, ҳуқуқ дорад бо салоҳдиди худ ба андозаи муносиб паст кардани нархи фурӯш ё ҷуброни хароҷоти вобаста ба рафъи норасоиҳои мол, иваз намулани мол ва ғайраро талаб намояд. Дар ин ҳолат, меъёри ҳуқуқии мазкур хусусияти ҳатмӣ (императивӣ) дорад ва ба харидор имкон медиҳад, ки яке аз талаботи дар боло зикргардидаро интихоб намояд, ҳато агар дар шартнома танҳо имкони

ивази моли бесифат пешбинӣ шуда бошад. Дар баробари ин, ҳангоми ба миён омадани рақобати уҳдадориҳои шартномавӣ ва ғайришартномавӣ ин меъёрҳо аз нуқтаи назари хусусияти ҳатмӣ (императивӣ) доштанашон бояд баррасӣ карда шаванд.

Нисбати шартномаи хариду фурӯши чакана дар қисми 1 моддаи 569 КМ ҶТ муқаррар карда шудааст, ки харидоре, ки ба ӯ моли сифатан номатлуб фурӯхта шудааст, вале норасоиҳои он бо фурӯшанда қайду шарт нагардида бошанд, ҳуқук дорад бо интихоби худ талаб кунад: 1) моли сифатан номатлубро бо моли хушсифат иваз намояд; 2) бидуни таъхир, ройгон норасоиҳоро бартараф созад; 3) ҷуброни хароҷоти вобаста ба бартараф намудани норасоиҳоро пардозад; 4) мутаносибан нархи харидро паст кунад. Дар баробари ин, дар моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» илова бар имкониятҳои дар қисми 1 моддаи 569 КМ ҶТ нишондодашуда, омадааст, ки харидор ҳуқуқ дорад: 1) мол ба моли дигари ҳамин хел тамға (модел, артикул) ё ба ҳамон хел моли тамғаи (модели, артикули) дигар бо ҳисобу китоби дахлдори нархи хариди мол иваз карда шавад; 2) шартномаи хариду фурӯш бекор карда шавад.

Харидор ҳуқуқ дорад иваз кардани молҳои мураккаби техникӣ ва гаронбаҳоро дар сурати ошкор шудани нуқсон талаб намояд (қисми 1 моддаи 537 КМ ҶТ ва моддаи 18 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда»). Ҳамин мазмун Кодекси маданӣ дар мавриди муайян гардидани норасоиҳои молу маҳсулоте, ки хусусиятҳои онҳо барои бартараф намудани камбудиҳои созгор нестанд (масалан, маҳсулоти озуқуворӣ, воситаҳои химиявии маишӣ ва монанди инҳо) таъкид шудааст, ки зимни он харидор ҳуқуқ дорад, ки моли нуқсондорро бо салоҳдиди худ бо моли сифаташ беҳтар иваз намояд; аз фурӯшанда паст кардани арзиши молро талаб намояд. Ӯ ҳуқуқ дорад, ки ба ғайр аз талаботи зикршуда, инчунин моли сифатан номатлубро ба фурӯшанда баргардонад ва баргардондани маблағи пардохташуда ва ҷуброни дигар зарарро талаб кунад (қисми 3 моддаи 569 КМ ҶТ).

Мувофиқи шартномаи таҳвил дар қисми 1 моддаи 587 КМ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки ба харидоре, ки ҷиҳати истифода моли нматуб дастрас шудааст, ӯ ҳуқуқ дорад, ки ба фурӯшанда мутобиқи талаботи моддаи 548 ҳуҷҷати мазкур даъво пешниҳод созад, ба истисnoи ҳолатҳое, ки агар соҳиби мол эрод ва огоҳномаи харидорро дар хусуси норасоиҳои моли ирсолшуда гирифта бошад, бе таъхир ва кашолкорӣ молу маҳсулоти сифаташ номатлубро бо молҳои сифатан беҳтар иваз намуда бошад. Ба монанди ҳамин дар моддаи 587-уми кодекси маданӣ (қисми дуюм) чунин гуфта шудааст, ки харидор (ё шахси молро қабулкунанда)-е, ки молҳои қабул кардаашро ба таври чакана ба фурӯш мебарорад, дар мавриди дар шартнома дарҷ нашудани тартиби дигар, ҳуқуқ дорад, ки дар муҳлати барояш муносиб барои иваз намудани молҳои сифатан номатлуб ба истеҳсолкунанда ё фурӯшанда баргардонад. Инчунин дар асоси модаи 592-уми КМ ҶТ иҷрои чунин талабот пешбинӣ гардидааст, ки ба таври яктарафа рад шудани иҷрои шартномаи супоридан ва қабули молу маҳсулот; ё аз ҷониби яке аз субъектҳои шартнома тағйир дода шудани он, ки барои моҳиятан вайрон шудани шартҳо сабаб мешавад, низ иҷозат дода мешавад.

Нисбати шартнома дар бораи фурӯши амволи ғайриманқул қайд кардан зарур аст, ки тибқи моддаи 587 КМ ҶТ дар сурати аз ҷониби фурӯшанда ба харидор додани амволи ғайриманқуле, ки ба шартҳои шартномаи фурӯши амволи ғайриманқул вобаста ба шакли он мутобиқат намекунад, талаботи моддаи 511 КМ ҶТ-ро низ ба роҳбарӣ гирифтан зарур аст, ба истисnoи муқаррарот оид ба ҳуқуқи харидор дар мавриди талаб кардани ивази моли сифатан номатлуб ба моле, ки ба шартнома мувофиқат мекунад.

Дар мавриди аз тарафи муассисаи таъминоти барқ вайрон гардидани шартҳое, ки бо сифати барқ иртибот доранд, бо шарти дар қонунгузорӣ ё шартнома тартиби дигаре мавҷуд набудан ё ин ки дар моҳияти уҳдадории тарафҳо қарор надоштан аз муқаррароти моддаи 543-и кодекси маданӣ истифода бурдан тавсия дода мешавад (қ.2, м.599-и КМ ҶТ).

Оқибатҳои ҳуқуқии иҷро накардан ё иҷрои наматлуби уҳдадории фурӯшанда оид ба додани корхонаи дорои сифат матлуб, ки аз шартномаи хариди корхона бармеоянд, дар моддаи 621-и Кодекси маданӣ дарҷ ёфтаанд. Ба хусус, дар ҳолате, ки корхона дар асоси санади хариду фурӯш молро қабул ва ё супорида бошад, аммо дар мавриди ошкор шудани нуқсонҳои корхона ва ё гум шудани моли пешниҳодшуда маълумот зикр шуда бошад, дар чунин вазъ ҳуққи пешниҳоди дигар талабот дар шартнома агар баён нашуда бошад, харидор ҳуқуқ дорад оид ба паст кардани нархи маҳсулоти корхона эътироз намояд. Ҳамчунин, ба харидор ҳуқуқ дода шудааст, ки дар ҳолати ба таври қарзӣ дода шудани мол, ки он дар шартномаи ба имзо расида инъикос нашудааст, паст кардани арзиши маҳсулотро ба миён гузорад.

Дар сурати ошкор гардидани норасоиҳои бартарафнашудаи корхона, инчунин норасоиҳои ба истифодаи корхона аз рӯи таъинот монеъшаванда ва ин норасоиҳо аз ҷониби фурӯшанда мувофиқи шартҳо ва тартибу муҳлати шартнома бартараф карда нашудаанд, харидор метавонад ба суд дар хусуси бекор кардан ё иваз намудани шартномаи фурӯши корхона ва баргардонидани чизе, ки тарафҳо оид ба иҷрои шартнома анҷом додаанд, талабот пешниҳод намояд

Мувофиқи мақсад меҳисобем, ки ин ҷо баъзе оқибатҳои ҳуқуқии дар боло зикргардидаро оид ба иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадории фурӯшанда дар самти бегона кардани моли босифат баррасӣ намоем.

Харидор метавонад аз фурӯшанда ба андозаи муносиб паст кардани нархи фурӯшро талаб намояд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд карда мешавад, ки талабот дар бораи ба андозаи муносиб паст кардани нархи фурӯш ин усули аз тарафи фурӯшанда бартараф кардани иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба додани моли босифат аст [69, с. 146].

Қайд кардан зарур аст, ки нархи мол бевосита, ба сатҳи сифати мол вобастааст, чунки баробарарзишии мубодила дар шартномаи хариду фурӯш, ки дар он нархи мол бо созишномаи тарафҳо муқаррар карда мешавад, маънои мутобиқати нархро ба сифати муайяни мол, ки бар ивази он гирифта

шудааст, дорад. Лекин, агар дар оянда ошкор гардад, ки сифати мол аз сифати пешгӯишаванда паст аст, пас аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва ҳуқуқ чунин мубодиларо баробар ҳисобидан мумкин нест. Мутаносибан, барои ба мувофиқати миқдорӣ мутобиқ кунонидани моли нобаробари ба даст овардашуда фурӯшанда бояд нисфи нархи харидро баргардонад [177, с. 146].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд карда мешавад, ки ба андозаи муносиб паст кардани нархи харид маънои онро дорад, ки фурӯшанда ба харидор қисми воситаҳои пули барои мол пардохташударо бармегардонад ё нархи молеро, ки харидор онро аз рӯи шартнома ба фурӯшанда бояд пардохт намояд, паст мекунад [153, с. 94]. Дар баробари ин, ба андозаи муносиб паст кардани нархи харид маънои ба фурӯшанда пардохт намудани пул барои мол бо нархи пасттарро бо сабаби норасоии мол дорад [177, с. 149].

Ҳамин тариқ, талабот дар бораи ба андозаи муносиб паст кардани нархи моли сифатан номатлуб маънои қисман озод намудани харидорро аз уҳдадорӣ оид ба пардохти нархи мол ё аз ҷониби фурӯшанда ба харидор баргардонидани нархи барзиёди барои моли бесифат пардохткардашударо дорад.

Қайд кардан зарур аст, ки одатан, харидор метавонад аз фурӯшанда ба андозаи муайян паст кардани нархи молро талаб кунад, агар моли харидоришуда, ба ҷой доштани норасоиҳо нигоҳ накарда, аз рӯи таъинот истифода шуда метавонад, лекин дар баробари ин хусусиятҳои алоҳидаи сифатии он ба талаботи дар шартнома қайдгардида мувофиқат намекунанд ва дар натиҷаи он харидор қисман аз он чизе, ки ба он умед дошт, маҳрум гаштааст.

Харидор ҳуқуқ дорад, ки мустақилона ҳаҷми паст кардани нархи молро муайян намояд. Илова бар ин, масъалаи ҳаҷми паст кардани нархи мол, ки ба сифати номатлуби он муносиб аст, метавонад бо созиши тарафҳо ҳал карда шавад. Лекин дар қонунгузорӣ механизми ба андозаи муносиб паст кардани нархи хариди моли сифатан номатлуб ба танзим дароварда нашудааст. Дар ин замина, қайд кардан зарур аст, ки муайян кардани ҳаҷми паст карадни

нархи мол, ки ба андозаи моли сифатан номатлуб муносиб аст, вазифаи осон нест. Барои ин, аввал бояд мутобиқати байни сифати воқеан мавҷудаи мол ва нархи он ёфта шуда, баъд хусусияти норасоии мол, таъсири он ба нархи моли фурӯхташуда ба таври мушаххас муайян карда шавад [177, с. 149-150]. Илова бар ин, чуноне ки А.Е.Сметтанникова одилона қайд кардааст, «..механизми ба андозаи муносиб паст кардани нархи мол мавҷудияти имконияти объективии баҳогузории нуқсони мол ва зуҳуроти онро пешгӯӣ мекунад, то ки нархи мол ба андозаи муносиб паст карда шавад» [153, с. 94]. Ҳамин тариқ, аксарияти ин масъалаҳо донишҳои махсуси техникиро талаб мекунанд ва барои ин, ба мутахассис муроҷиат намудан зарур аст, ки «мутаносибан фоизи паст кардани амали фоиданоки молро нисбати хусусияту талаботи дар ҳуҷҷати техникӣ пешниҳодшуда муқаррар мекунад» [153, с. 94].

Дар сурати ба миён омадани баҳс дар бораи ба андозаи муносиб паст кардани нархи моли сифатан номатлуб тарафҳо ин масъаларо бо тартиби судӣ ҳал карда метавонанд. Дар сурати баррасии масъала аз ҷониби суд, харидор бояд исбот кунад, ки якум, сифати моли пешниҳодшуда ба шартнома мувофиқат намекунад ва дуюм, талабот оид ба паст кардани нархи хариди мол, ки бо сабаби риоя нагардидани шартҳои шартнома оид ба сифати мол гузошта шудаанд, ба андозаи муносиб аст. Дар навбати худ, суд дар асоси далелҳои пешниҳодгардида чунин амалҳоро ба анҷом мерасонад: 1) масъалаи қонеъ гардонидан ё қонеъ нагардонидани ин талаботро ҳал мекунад; 2) дурустии тартиби паст кардани нархи хариди молро баҳогузорӣ менамояд; 3) муайян мекунад, ки кадом маблағ бояд аз ҷавобгар ситонида шавад.

Харидор метавонад аз фурӯшанда талаб намояд, ки норасоиҳои мол дар муҳлатҳои мувофиқ ба таври ройгон бартараф карда шаванд. Дар ин замина, қайд намудан зарур аст, ки азбаски фурӯшанда нархи ба моли босифат мутобиқбударо гирифтааст, аз ин рӯ, ҳангоми аз ҷониби фурӯшанда талаб кардани бартараф намудани норасоиҳои мол ба таври ройгон, дар муҳлатҳои мувофиқ фурӯшанда уҳдадор мешавад, ки аз ҳисоби худ барои ҳарҷӣ зудтар

муқаррар намудани сабаби вайроншавӣ ва бартараф намудани норасоиҳои ошкоргаштаи мол чораҳо андешад, яъне бо мақсади иҷрои уҳдадориҳо аз рӯи шартнома кори муайянеро анҷом диҳад [177, с. 146]. Ба ибораи дигар, фурӯшанда уҳдадор аст, ки бо бартараф намудани норасоиҳо мавзуи шартномаро то сатҳи матлуби сифат расонад.

Ҳаминро ба назар гирифтан зарур аст, ки «…аз ҷониби харидор истифода шудани ҳуқуқи аз фурӯшанда талаб намудани ройгон, дар муҳлатҳои мувофиқ бартараф намудани норасоиҳои мол харидорро аз ҳуқуқи аз фурӯшанда талаб намудани даст кашидан аз шартнома ва баргардонидани маблағи пули барои мол пардохткардашударо маҳрум намекунад, агар норасоии мол ҷиддӣ бошад» [186, с. 148].

Дар баробари ин, харидор ҳуқуқ дорад, ки норасоии молро мустақилона бартараф намояд ва мутаносибан, аз фурӯшанда ҷуброни хароҷотро вобаста ба рафъи норасоиҳои мол талаб намояд.

Қайд намудан зарур аст, ки талабот ба ҷуброни хароҷоти харидор барои бартараф кардани норасоии мол талабот ба пардохти пулро ба харидор дар бар мегирад. Ин пардохт ҳамон талабот дар бораи ба андозаи муносиб паст кардани нархи фурӯш аст, аммо расман ҷуброни хароҷоти харидор ифода мешавад. Дар баробари ин, талабот ба ҷуброни хароҷоти харидор барои бартараф кардани норасоиҳо шакли махсуси ҷавобгарии ҳуқуқӣ-мадании фурӯшанда барои вайрон кардани шартҳои шартнома дар бораи сифат аст [33, 24]. Аз ҷумла, махсусияти талаботи харидор оид ба ҷуброни хароҷот барои бартараф кардани норасоии мол аз он иборат аст, ки қонун харидорро аз пешакӣ ба фурӯшанда муроҷиат намудан бо талабот дар бораи бартараф кардани норасоӣ озод мекунад. Дар баробари ин харидор ба ҷуброни хароҷот барои бартараф кардани норасоии мол ҳуқуқ дорад, новобаста ба он ки кӣ воқеан корро иҷро кардааст – худи харидор ё бо супориши ӯ шахси сеюм [177, с. 147].

Талабот ба ҷуброни хароҷоти кардашуда барои бартараф кардани норасоии мол аз ҷониби харидор, одатан, вақте пешниҳод карда мешавад, ки

агар фурӯшанда мухлати бартараф кардани норасоиҳоро вайрон кунад ва мутаносибан, агар харидор имконияти бо қувваи худ ё бо ҷалби шахси сеюм бартараф кардани норасоии молро дошта бошад.

Амалишавии талаботи харидор ба ҷуброни хароҷоти кардашуда барои бартараф кардани норасоии мол бо мушкилиҳои муайян алоқаманд аст. Пеш аз ҳама, норасоиҳои дар мол ҷойдоштаро ошкор кардан, баъд аз он норасоиҳоеро, ки барои онҳо фурӯшанда ҷавобгӯ нест, яъне норасоиҳое, ки бо шартнома иҷозат дода шудаанд ё бо фурӯшанда пешакӣ оид ба онҳо гуфта шуда буд, хориҷ кардан зарур аст [52, с. 84]. Ба ғайр аз ин, он норасоиҳоеро истисно кардан зарур аст, ки бо айби харидор дар натиҷаи риоя накардани қоидаҳои муқарраркардашудаи истифодаи мол ба миён омадаанд [177, с. 147]. Баъдан, харидор бояд дар бораи норасоии мол тибқи тартибе, ки бо шартнома пешбинӣ шудааст, бо нишон додани сабаби норасоии мол ва шахси айбдор санад тартиб диҳад. Дар акси ҳол, ҳангоми аз ҷониби харидор ба фурӯшанда пешниҳод гардидани талабот ба ҷуброни хароҷоти кардашуда барои бартараф кардани норасоии мол, ӯ метавонад аз фурӯшанда ҷавоби рад гирад ва радди худро фурӯшанда бо он асоснок карда метавонад, ки вайроншавӣ бо айби ӯ рӯй надодааст. Исбот кардани айбдор будани фурӯшанда баъди бартараф кардани вайроншавӣ қариб ки имконнопазир аст [153, с. 97].

Чуноне, ки таҷриба нишон медиҳад, азбаски ҳангоми бартараф кардани норасоиҳо бо қувваи худ ба харидор исбот кардани хароҷоти кардашуда ниҳоят мушкил мешавад, аз ин рӯ, ҳангоми бартараф кардани норасоии мол харидор бояд ҳамаи амалҳои худро бо ҳуҷҷат тасдиқ намояд. Ба сифати исботи хароҷоти кардашуда харидор ба фурӯшанда шартномаҳоро бо шахсони сеюм оид ба таъмир, шартномаҳоро оид ба харидории қисмҳои эҳтиётӣ, ки барои бартараф кардани норасоии мол заруранд, борхатҳо дар бораи аз анбор гирифтани моли зарурӣ, смета, ҳисобҳо, санади қабули корҳои иҷрошуда ва исботи пардохти музди кор (дархост дар бораи пардохт бо қайди бонк ва ғайра) пешниҳод карда метавонад [153, с. 98].

Қайд кардан зарур аст, ки оқибатҳои дар боло баррасигардидаи иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои фурӯшанда оид ба пешниҳоди моли босифат дар шакли ба андозаи муносиб паст кардани нархи моли бесифат, ройгон, дар муҳлатҳои мувофиқ бартараф кардани норасоии мол, ҷуброни хароҷот барои бартараф кардани норасоии мол бо хароҷот ва зарари моддии фурӯшанда алоқаманданд. Аз ҷумла, барои ба андозаи муносиб паст кардани нархи мол, ройгон, дар муҳлатҳои мувофиқ бартараф кардани норасоии мол ё ҷуброн намудани хароҷот барои бартараф кардани мол фурӯшанда пул харҷ мекунад ё қисми амволи худро ба харидор медиҳад.

Дар заминаи таҳқиқоти гузаронидашуда қайд намудан зарур аст, ки ба сифати оқибатҳои ҳуқуқӣ барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои фурӯшанда марбут ба бегона кардани моли босифат қонунгузорӣ ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданиро дар шакли ҷуброни зиён ва ҷуброни зарар ба асос мегирад [141, с. 255]. Дар баробари ин, ба назар гирифтан зарур аст, ки татбиқи ҷуброни зиён ва ҷуброни зарарро ба сифати ҷавобгарии ҳуқуқӣ-мадании фурӯшанда оид ба иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба бегона кардани моли босифат қонунгузор танҳо нисбати шартномаи хариду фурӯши чакана пешбинӣ намудааст.

Аз ҷумла, дар моддаи 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ҳуқуқи истеъмолкунанда ба ҷуброни пурраи зараре (зиёне), ки бинобар нуқсони мол расидааст, муқаррар карда шудааст.

Дар баробари ин, ҳуқуқи истеъмолкунанда ба талаб кардани ҷуброни зарар дар натиҷаи норасоии мол бо қисми 4 моддаи 569 КМ ҶТ ва моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» пешбинӣ шудааст. Чунончи, тибқи қисми 1 моддаи 569 КМ ҶТ бар замми арзу талабот оид ба мутаносибан коҳиш додани арзиши маҳсулот, ба таври ройгон рафъ сохтани нуқсонҳо, иваз намудани моли сифаташ номатлуб бо моли хушсифат, ҷуброн наммудани хисороти расида харидор ҳуқуқ дорад, мол ё маҳсулоти номатлубро ба фурӯшанда баргардонад ва ё бозпас гирифтани маблағи масраф паст кардани нарх,

ройгон бартараф кардани норасоии мол, иваз кардани моли бесифат ба моли босифат ва ҷуброни зарар харидор ҳуқуқ дорад моли сифатан номатлубро ба фурӯшанда баргардонда, инчунин додани маблағи пардохташуда ва ҷуброни дигар зарарро талаб кунад. Дар баробари ин, моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» пешбинӣ менамояд, ки харидор ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки он ба моли дигари ҳамин хел тамға (модел, артикул) ё ба ҳамон хел моли тамғаи (модели, артикули) дигар бо ҳисобу китоби дахлдори нархи хариди мол иваз карда шавад; нуқсони молро бемузд бартараф намуда ё маблағе, ки барои ислоҳи он аз ҷониби истеъмолкунанда ё шахси сеюм харҷ шудааст, ҷуброн карда шавад; шартномаи хариду фурӯш бекор карда шавад; нархи хариди мол мутобиқан кам карда шавад. Ҳамзамон, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад ҷуброни зарари фурӯхтани моли дорои сифати номатлуб ба ӯ расидаро талаб намояд.

## 3.2. Навъҳо ва механизмҳои татбиқи оқибатҳои ҳуқуқии ичро нагардидан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба бегона кардани моли босифат

Ҳуқуқи харидор ба талаб кардани ҷуброни зарар бо сабаби норасоии мол дар моддаи 1221 КМ ҶТ ва моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» муқаррар карда шудааст. Аз ҷумла, тибқи моддаи 1221 КМ ҶТ зараре, ки ба ҳаёт, саломатӣ ё амволи харидор дар натиҷаи камбудиҳои конструктивӣ, дастурӣ (ретсептурӣ) ё дигар норасоии моли барои истеъмол харидоришуда расонида шудааст, бояд аз ҷониби фурӯшанда ҷуброн карда шавад. Дар навбати худ, дар моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» муқаррар карда шудааст, ки зарари ба ҳаёт, саломатӣ ё амволи истеъмолкунанда расонидашуда дар натиҷаи нуқсони сохт, истеҳсолӣ, дастурӣ ва дигари мол пурра ҷуброн карда мешавад.

Ткачева Н.Г. «...ҷуброни зарар ин усули универсалии ҳимояи қоидаҳои мадании вайронкардашуда мебошад. Зарурати муроҷиат намудан ба ин

воситаи ҳимоя ҳангоми ба таври гуногун вайрон карда шудани ҳуқуқҳои маданӣ ба миён меояд, аз ҷумла, агар зарар дар натиҷаи иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои қарзгир, ки аз шартномаи басташуда бармеояд, расонида шуда бошад» [161, с. 116].

Масъалаи моҳияти ҷуброни зарар дар илми ҳуқуқи маданӣ яке аз масъалаҳои баҳснок аст. Лекин ба ин нигоҳ накарда, қариб ҳамаи муаллифон «зарар»-ро ҳамчун яке аз шартҳои зарурии ба миён омадани ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ дар шакли ҷуброни зарар баррасӣ менамоянд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ-маданӣ мафҳумҳои зиёди «зарар» вуҷуд доранд. Аз ҷумла, Г.Ф. Шершеневич зарарро ҳамчун зиёне ифода намудааст, ки ба амвол расонида мешавад ва аз паст кардани нархи он иборат аст [104, с. 396]. Дар навбати худ, О.С. Иоффе нишон медиҳад, ки ба сифати категорияи ҳуқуқӣ зарар таъсири манфиест, ки ба амволи ҷабрдида дар натиҷаи рафтори ғайриқонунӣ расонида мешавад [68, с. 100]. В. В. Витрянский бо О. С. Иоффе розӣ шуда, чунин меҳисобад, ки «...зарар ин таъсири манфӣ ба амволи ҷабрдида дар натиҷаи рафтори ғайриқонунӣ аст». Илова бар ин, В. В. Витрянский мафҳуми зарарро ҳамчун «...баҳогузории пулии зарари воқеӣ ва фоидаи аз даст додашуда эътироф мекунад» [48, с. 514]. Ба фикри В.В. Васкин «...ҳама гуна зараре, ки бо пул ифода мегардад, зарар ба ҳисоб меравад» [147, с. 9]. Новосёлов зери мафҳуми зарар зиёнеро мебинад, ки «...дар шакли пулӣ ифода меёбад» [78, с. 331]. Муҳаққиқони дигар бар онанд, ки дар ҳуқуқи маданӣ зери мафҳуми зарар баҳогузории пулии зарари молумулкӣ фаҳмида мешавад [57]. Ба ба андешаи дигар муҳаққиқон зери мафҳуми зарар он оқибатҳои манфие фаҳмида мешаванд, ки дар соҳаи молумулкии зарардида дар натиҷаи нисбати ӯ содир карда шудани ҳуқуқвайронкунии маданӣ ба миён омадаанд [57]. И.В. Тордия менависад, ки зери мафҳуми зарар зиёни молумулкиеро фаҳмидан зарур аст, ки бо амали ғайриқонунӣ расонида мешавад ва боиси он мегардад, ки ҳуқуқвайронкунанда уҳдадор мешавад вазъи молумулкии зарардидаро барқарор намояд ва уҳдадорӣ оид ба исбот кардани зарари расонидашуда ба

зарардида дар шакли мурофиавии бо қонун муқарраргардида бо ӯ вогузор карда мешавад [162]. Ба фикри В.С. Евтеев, зарар ин зиёни дар шакли пулӣ ифодагардида ё пастшавии манфиатҳои молумулкӣ ё аз даст додани имконияти бадастории фоидаи молумулкӣ аст, ки натиҷаи ҳодисаҳо ё амалиётҳои ғайриқонунии шахсони сеюм буда, тибқи қонун ё шартнома бояд аз ҳисоби шахси зararрасон ба зарардида бо татбиқи чораҳои маҷбурии давлатӣ нисбати шахси зararрасон ҷуброн карда шавад [61, с. 17]. А.И. Ибрагимова «..зararро ҳамчун талаф ва хароҷоти воқеӣ ва эҳтимолӣ ифода мекунад, ки онро шахсе, ки ҳуқуқҳояш вайрон карда шудаанд, барои барқарорсозии пурраи ҳуқуқҳои вайронкардашудааш, зарари молумулкии ба ӯ расонидашуда дидааст ё мебинад, инчунин даромади бадастоварданашуда, ки ин даромадро шахс дар сурати риояи шартҳои маъмулии дар ҷомеаи маданӣ қабулшуда, агар ҳуқуқҳои ӯ вайрон карда намешуданд ба даст оварда метавонист» [126, с. 41].

Қонунгузор дар қисми 2 моддаи 14 КМ ҶТ зararро чунин ифода кардааст: Зиён хароҷотест, ки шахси ҳуқуқаш вайронгардида масраф намудааст ё бояд барои барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардида масраф намояд, аз даст рафтан ё хароб гардидани молу мулки ӯ (зиёни воқеӣ), инчунин, даромади ба даст наомадае, ки ин шахс, агар ҳуқуқаш вайрон намегардид, дар шароити муқаррарии аҳдҳои маданӣ метавонист ба даст оварад (фоидаи аздастрафта).

Ҳамин тариқ, зарар дар шакли пулӣ оқибатҳои номусоиди молумулкӣ ё зарари молумулкиеро ифода мекунад, ки тарафи ҷабрдида дар натиҷаи иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо дидааст. Мутаносибан, аз рӯи табиати ҳуқуқӣ уҳдадорӣ оид ба ҷуброни зарар уҳдадории пулӣ аст ва аз ба қарздиҳанда пешниҳод намудани арзиши муайяни молумулкӣ иборат аст [161, с. 117].

Қайд кардан зарур аст, ки зарар аз рӯи табиати ҳуқуқии худ дурӯғ нест, чунки ҳаҷми зарари расонидашуда аз ҷониби даъвогар исбот карда мешавад ва танҳо дар ҳамин сурат, зарар ҷуброн карда мешавад. Дар робита ба ин,

зери мафҳуми ҷуброни зарар на танҳо худи зарар, балки уҳдадориҳои ба ҷабрдида вогузор кардашуда оид ба исбот кардани зарар ва ба тарафи айбдор вогузор кардани уҳдадорӣ оид ба барқарор кардани муносибатҳои ҳуқуқии вайронкардашуда, вазъи моддии тарафи зарардида фаҳмида мешавад [161, с. 117-118].

Ба харидор ҳамаи зараре, ки дар натиҷаи иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадории фурӯшанда оид ба бегона кардани моли босифат расонида шудааст, бояд ҷуброн карда шавад [177, с. 150]. Қайд кардан зарур аст, ки дар қисми 2 моддаи 14 КМ ҶТ қонунгузор ҷуброни ду зарарро пешбинӣ менамояд: зиёни воқеӣ ва фоидаи аздастрафта. Зиёни воқеӣ хароҷотест, ки шахси ҳуқуқаш вайронгардида масраф намудааст ё бояд барои барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардида масраф намояд, инчунин аз даст рафтан ё хароб гардидани молу мулки ӯ. Ҳамин тариқ, зиёни воқеӣ чунин шаклҳоро дар бар мегирад: а) хароҷоте, ки шахси ҳуқуқаш вайронгардида масраф намудааст ё бояд барои барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардида масраф намояд, б) нархи амволи аздастдодашудаи зарардида; в) нархи молу мулки харобгардидаи зарардида.

Қайд намудан зарур аст, ки ба ҳайати зарари воқеӣ, на танҳо хароҷоти воқеан масрафкардаи шахси дахлдор, балки хароҷоте, ки ин шахс бояд барои барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардида масраф намояд, дохил мешаванд. Зарурати чунин хароҷот ва андозаи эҳтимолии он бояд бо ҳисоб ва далелҳо асоснок карда шаванд ва ба сифати чунин далел сметаи хароҷот барои бартараф кардани норасоии мол баромад карда метавонад.

Фоидаи аздастрафта даромади бадастнаомадаест, ки ин шахс, агар ҳуқуқаш вайрон намегардид, дар шароити муқаррарии аҳдҳои маданӣ метавонист ба даст оварад.

Дар заминаи таҳқиқоти гузаронидашуда ба зарари воқеӣ, пеш аз ҳама, хароҷоте тааллуқ доранд, ки харидор бо сабаби иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо бо сабаби ба ӯ додани моли сифатан номатлуб, инчунин аз даст додан ё зиёни молу мулки харидор фаҳмида мешавад. Дар

баробари ин, зиёни воқеӣ дар шакли хароҷот дар зарурати хароҷот кардан барои бартараф кардани норасоӣ, бор кардан ва бор фаровардан, нигаҳдорӣ, ҳамлу нақл, васл кардан, ба қисмҳо ҷудо кардан, санҷидан, пардохт кардан, ташхис ва ғайра ифода ёфта метавонад. Ба манфиати аздастрафта даромади бадастнаомадае дохил мешавад, ки ин шахс, агар ҳуқуқаш вайрон намегардид, дар шароити муқаррарии аҳдҳои маданӣ метавонист ба даст оварад [141, с. 255].

Дар амал, харидорон аксар вақт ҷуброни зиёнеро, ки бо сабаби норасоии мол расонида мешавад, талаб мекунанд. Лекин барои талаб кардани ҷуброни зарар, харидор бояд ҷой доштани онро исбот кунад, зарари расонидашударо ҳисобу китоб намояд, аз ҷумла фоидаи аздастрафта, факти иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо оид ба додани моли босифат ва ҷой доштани алоқаи сабаб байни рафтори фурӯшанда ва зарари бамиён омадаро исбот намояд.

Барои исбот кардани расонидани зиён бо сабаби норасоии мол, пеш аз ҳама, ҳуҷҷатҳое заруранд, ки факти иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳоро исбот мекарда бошанд. Ба ин мисол шуда метавонад санадҳои ба таври дуруст таҳиягардидаи қабули мол аз рӯи сифат, санад дар бораи камбудиҳои пӯшида, санади ташхис ва ғайра [61, с. 75].

Қайд кардан зарур аст, ки харидор дар баробари ҳуқуқи талаб кардани ҷуброни зарар, инчунин ҳуқуқ дорад, ки ҷуброни зиёни дар натиҷаи норасоии мол расонидашударо талаб кунад.

Уҳдадориҳо оид ба ҷуброни зиёни дар натиҷаи норасоии мол расонидашуда ин яке аз шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ буда, ба гурӯҳи уҳдадориҳои ғайриқонунӣ тааллуқ доранд [197, с. 16].

Ба назар гирифтан зарур аст, ки дар байни асосҳои ҷавобгарӣ барои вайрон кардани уҳдадориҳо марбут ба моли бесифат факти зиён аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад, чунки дар сурати набудани он ба факти мавҷудияти мол нигоҳ накарда, ҷавобгарӣ барои вайрон кардани уҳдадориҳо ба миён намеояд, яъне дар сурати набудани зарар ягон чизро ҷуброн кардан

лозим намешавад [198, с. 128]. Дар робита ба ин, хусусияти ухдадорӣ оид ба ҷуброни зарар аз он иборат аст, ки он дар сурати мавҷуд будани (расонидани) зиён ба миён меояд [186, с. 154] ва агар зарар расонида нашуда бошад, яъне, чизеро ҷуброн кардан лозим набошад, мутаносибан уҳдадорӣ оид ба ҷуброни зарар ба миён намеояд [139, с. 29].

Ҳамин тариқ, зиён шарти ҳатмии ба миён омадани уҳдадорӣ оид ба ҷуброни зарар ба ҳисоб меравад.

Дар қонунгузории маданӣ мафҳуми «зиён» ба маънои «оқибати вайрон гардидани ҳуқуқҳои молумулкии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, инчунин ҳуқуқҳои ғайримолумулкии шаҳрвандон аст [105, с. 330]. Дар навбати худ, дар адабиёти ҳуқуқӣ зарар ба ҳайси ҳама гуна камкунии ин ё он фоидаи шахсӣ ё молумулкӣ ифода гардидааст [103].

Қайд кардан зарур аст, ки мафҳуми «зиён»-ро аз мафҳуми «зарар» фарқ кардан зарур аст. Дар робита ба ин, зарурати фарқ гузоштан байни зиён дар натиҷаи иҷрои номатлуби шартнома вобаста ба сифати мол ва мафҳуми зарари дар натиҷаи норасоии мол расонидашуда ба миён меояд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми «зиён», одатан, бо факти ба шахс, шаъну шараф, нуфуз, саломатӣ ё амволи ба ӯ мансуббуда расонидани ин ё он харобӣ, вайронӣ, талаф, камбудӣ ё зарар муайян карда мешавад. Ба ин маъно, худи мафҳуми «зарар» натиҷаи зиён ва ё талафи аввалан расонидашуда дар шакли имконияти муайяни аздастдодашудаи ҳуқуқӣ ё моддӣ аст, ки дар ҳуқуқи маданӣ манфиати аздастрафта номида мешавад. Дар навбати худ, О. С. Иоффе зиён ва зарарро ҳамчун мафҳуми бо ҳамдигар шабеҳ ифода мекунад, аммо дар баробари ин, мафҳуми зиёнро ҳамчун зарари мусбат шарҳ медиҳад. Ҳол он ки зарар, ба фикри муаллиф, ҳамаи тағйироти номусоидро дар манфиати молумулкӣ ва имконияти дар оянда ба даст овардани онро фаро мегирад [67, с. 203-204]. Ба фикри Т. И. Илларионова зиён асоси зарарест, ки бояд ҷуброн карда шавад. Маҳз зиёни расонидашуда, зарар дар ҳаҷми бо қонун муқарраргардида эквиваленти пулии он ҳаҷми зиёне аст, ки

қонун ҷуброни онро пешбинӣ менамояд. Зарари мусбат ва даромади аз даст рафта зарарро ифода мекунанд [152, с. 145].

Қайд кардан зарур аст, ки мафҳуми ҳуқуқӣ-мадании зиён ва зарар ба ҳам алоқаманданд, аммо мафҳумҳои бо ҳам шабеҳ нестанд. Мафҳуми «зиён» аз рӯи мазмуни худ аз мафҳуми «зарар» васеътар аст, чунки зиён ҳам ҷисмонӣ буда метавонад (масалан, вайрон шудани саломатӣ), ҳам моддӣ (масалан, хароб кардан ё вайрон кардани моли шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ) ва ҳам маънавӣ (масалан, таҳқири шаъну шарафи шахсият), ҳол он ки зарар ин зарари моддиро ифода мекунад [124, с. 40-41].

Аз ин нуқтаи назар, зиёни моддӣ (молумулкӣ) ва маънавӣ (ғайримолумулкӣ) фарқ карда мешаванд. Зиёни моддӣ дар талафи гуногуни молумулкӣ ифода меёбад: аз даст додани саломатӣ ё амвол, паст шудани нархи амволи вайроншуда, масрафи хароҷоти иловагӣ ва ҳоказо. Он бо мол ҷуброн карда шуда метавонад, масалан, бар ивази моли аздастдода пешниҳод намудани моли дигар ё пул. Зиёни маънавӣ азоби ҷисмонӣ ё маънавии шаҳрванд аст, ки дар натиҷаи вайрон шудани ҳуқуқҳои ғайримолумулкии шахсиаш ба миён меояд: шаъну шараф, дахолатнопазирии шахсият, саломатӣ ва ғайра. Зиёни маънавӣ аз ҷиҳати моддӣ ба таври мушаххас баҳогузорӣ шуда наметавонад, аз ин рӯ он ҷуброн карда намешавад, он танҳо ба зарардида ҷуброн карда мешавад. Дар баробари ин зиёни маънавӣ дар ҳолатҳои бо қонун пешбинишуда танҳо бо маблағи пулии тақрибӣ бо назардошти дурандеши ва адолатнокӣ, хусусияти шахсии ҷабрдида ва ҳолатҳои дигар ҷуброн карда шуда метавонад [150, с. 93].

Мафҳуми «зиён» танҳо дар соҳаи ухдадориҳои ғайришартномавӣ татбиқ мешавад [42, с. 12]. Дар баробари ин, ба назар гирифтан зарур аст, ки агар талафи моддӣ дар вайрон шудан, шикастан, аз кор мондани мол ифода ёбад, дар ин ҳолат механизми ҷавобгарӣ барои вайрон кардани уҳдадориҳоро истифода бурдан мумкин нест, ҳатто агар сабаби зарар норасоии мол бошад, чунки ин намуди ҳуқуқвайронкунӣ бо оқибатҳои вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ фаро гирифта мешавад. Баръакс, дар ҳама ҳолатҳо,

вақте ки норасоии мол боиси расонидани зиён ба ҳаёт, саломатӣ ё амволи дигари истеъмолкунанда гардад, дар ин сурат, шартҳои истифодаи қоидаҳое, ки ҷуброни зиёнро пешбинӣ менамоянд, ҷой доранд [197, с. 48].

Уҳдадориҳо марбут ба ҷуброни зиён бо сабаби норасоии мол ин муносибати ҳуқуқӣ-маданиест, ки аз рӯи он зарардида (қарздиҳанда) ҳуқуқ дорад, ки аз шахси зиёнрасонида (қарздор) ҷуброни пурраи зиёнро талаб намояд, қарздор уҳдадор аст зиёнро дар ҳаҷми пурра ҷуброн намояд, агар исбот карда натавонад, ки зиён дар натиҷаи ғарази зарардида, ҳолатҳои рафънопазир ё аз ҷониби зарардида риоя нагардидани қоидаҳои истифодаи мол ё нигаҳдории он рӯй дода бошад [177, с. 175].

Уҳдадориҳо оид ба ҷуброни зиён бо сабаби норасоии мол новобаста ба он, ки зарардида бо фурӯшандаи мол муносибатҳои шартномавӣ доштанд ё не, ба миён омада метавонад [135, с. 45]. Ба ибораи дигар, ҷавобгарӣ аз ҳуқуқвайронкунӣ – расонидани зарар ва новобаста ба он ки зарардида бо фурӯшандаи мол муносибатҳои шартномавӣ доштанд ё не, ба миён меояд [136, с. 40-41].

Бо назардошти махсусияти дар боло зикргардидаи уҳдадориҳо марбут ба ҷуброни зиён, ки дар натиҷаи норасоии мол расонида шудааст, қонунгузор дар моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» пешбинӣ намудааст, ки ҳар як ҷабрдида, сарфи назар аз он ки бо фурӯшанда (иҷрокунанда) муносибатҳои шартномавӣ дорад ё не, барои талаб кардани ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи нуқсони мол (кор, хизматрасонӣ) расонида шудааст, ҳуқуқ дорад.

Дар баробари ин, агар зиён ба шахсе расонида шуда бошад, ки бо фурӯшанда муносибатҳои шартномавӣ дорад, масъалаи зерин ба миён омада метавонад: асоси талаботро дар бораи ҷуброни зарар чӣ ташкил медиҳад. Аз рӯи ин масъала, дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд карда мешавад, ки дар сурати расонидани зиён дар натиҷаи фурӯши моли сифатан номатлуб талабот ба ҷуброни зарар бояд ба муносибати шартномавӣ бо фурӯшанда асос ёбад. Дар навбати худ, ҳангоми расонидани зиён дар натиҷаи норасоии мол, дигар

амвол ё шахсияти истеъмолкунанда талабот ба ҷуброн фақат ғайришартномавӣ буда метавонад [135, с. 49].

Қайд кардан зарур аст, ки махсусияти уҳдадорӣ оид ба ҷуброни зиён бо сабаби норасоии мол аз он иборат аст, ки агар дар натиҷаи чунин норасоӣ зиён расонида шавад, пас субъект (қарздор) на танҳо фурӯшанда, балки истеъмолкунанда низ буда метавонад [186, с. 154]. Масалан, дар моддаи 1221 КМ ҶТ ва моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон» муқаррар карда шудааст, ки зарари бинобар нуқсони мол расида аз ҷониби фурӯшандаи мол ҷуброн карда мешавад.

Дар баробари ин, дар асоси қисми 1 моддаи 1222 КМ ҶТ зарари дар натиҷаи норасогиҳои мол расонидашуда тибқи интихоби ҷабрдида аз ҷониби фурӯшанда ё таҳиякунандаи мол ҷуброн карда мешавад. Ҳамин тариқ, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад интихоб намояд, ки ба кӣ шикоят намояд – истеҳсолкунандаи мол ё фурӯшанда. Дар ин замина, қайд кардан зарур аст, ки ҳуқуқи аз ҷониби истеъмолкунанда интихоб намудани ҷавобгар ба ҳуқуқи истеъмолкунанда ҳамчун тарафи сусти шартнома оид ба гирифтани ҳимояи ҳуқуқҳои вайронкардашуда дар натиҷаи амалҳои намояндагони ҷомеаи соҳибкорон асос меёбад.

Лекин, дар ин ҳолат, қонунгузор дар бораи ҳуқуқи талаботи регрессивии истеҳсолкунанда ва фурӯшанда ба якдигар (вобаста ба он ки ба кӣ даъво карда шудааст) ягон чиз намегӯяд. Чунин меҳисобем, ки пешниҳоди талаботи регрессивӣ имконпазир ва асоснок аст, чунки ҳангоми дар мол ҷой доштани норасоии истеҳсолӣ, ки боиси расонидани зиён гардидааст, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад аз фурӯшанда ҷуброни онро талаб намояд. Лекин фурӯшанда уҳдадории аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳимми тафтиш намудани ҳамаи молҳоро ҷиҳати ошкор кардани норасоиҳои конструктивӣ ё ресептурӣ надорад. Амалиёти ғайриқонунии фурӯшанда аз он иборат аст, ки ӯ ба истеъмолкунанда моли дорои чунин норасоиҳоро додааст. Мутаносибан, агар дар раванди тафтиш муқаррар гардад, ки сабаби зиён ин нуқсони истеҳсолии мол аст, фурӯшандае, ки зиёнро ҷуброн кардааст, ҳуқуқи регрессивии аз

истеҳсолкунанда ҷуброни зарари худро, ки барои қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунанда кардааст, пайдо мекунад. Дар баробари ин, шароитҳои баръакс низ имкон доранд, вақте ки норасоии мол дар даврае ба миён омадааст, ки мол дар дасти фурӯшанда буда, нодуруст нигаҳдорӣ шудааст. Дар ин маврид, ҳангоми аз истеҳсолкунанда талаб кардан, истеҳсолкунанда ҳуқуқ ба талаби ҷавобӣ ба фурӯшандаи мол пайдо мекунад,

Тибқи қисми 1 моддаи 462 КМ ҶТ шахсе, ки уҳдадориро иҷро накардааст ё онро номатлуб иҷро кардааст, ҳангоми мавҷуд будани гуноҳ (қасдан ё аз сабаби беэҳтиётӣ), ба ғайр аз ҳолатҳое, ки қонун ё шартнома дигар асосҳои масъулиятро пешбинӣ намуда бошанд, ҷавобгар мебошад. Дар ин сурат, аз муқаррароти моддаи 1221 КМ ҶТ бармеояд, ки зарари дар натиҷаи норасоии мол расонидашуда новобаста ба гуноҳи фурӯшанда ё истеҳсолкунанда ҷуброн карда мешавад. Мутаносибан, дар низоми уҳдадориҳои ғайришартномавӣ уҳдадориҳо оид ба ҷуброни зарар дар натиҷаи норасоии мол ба шакли ба ном ҷавобгарии бегуноҳ тааллуқ дорад [197, с. 22]. Фикр мекунем, ки дар ин ҳолат қонунгузор ҷавобгарии бегуноҳро барои ҳавасмандгардонии шахси дахлдор барои роҳ надодан ба имкони расонидани зарар пешбинӣ намудааст.

Дар охири таҳқиқоти гузаронидашаванда қайд кардан зарур аст, ки масъала дар бораи он ки кадом тараф бояд ҷой доштан ё ҷой надоштани норасоии мол ва сабаби ба миён омадани онро исбот намояд, аҳаммияти махсус дорад.

Шахсе, ки молро бо мақсади истеъмолӣ истифода мебарад, дар сурати расонидани зиён бо сабаби норасоии мол, набояд ғайриқонунӣ будани амали шахси зараррасонидаро бо сабаби презумпсияи бегуноҳии ӯ (шахсе, ки зарар расонидааст) исбот намояд [177, с. 176]. Дар баробари ин, дар асоси қисми 1 моддаи 544 КМ ҶТ фурӯшанда барои норасоиҳои мол ҷавобгар аст, агар харидор исбот карда тавонад, ки норасоиҳои мол то ба харидор додани он ё бо сабабҳои то ин лаҳза ба миёномада фаро расидаанд. Аз ҷумла, тибқи қисми 2 моддаи 512 КМ ҶТ фурӯшанда нисбат ба моле, ки барои он кафолат додааст, агар исбот карда натавонад, ки норасоиҳои мол

баъди ба харидор додани он дар натиҷаи аз ҷониби харидор риоя накардани қоидаҳои истифодаи мол ё нигаҳдошт ё таъсири ашхоси сеюм ё қувваи рафънопазир ба миён омадааст, ҷавобгар мебошад. Мутаносибан, агар мол муҳлати кафолат дошта бошад ва дар давоми амали ин муҳлат ба он зарар расонида шуда бошад, дар ин сурат бори исботи моли босифат, сабаби ба миён омадани норасоӣ, аз ҷониби харидор вайрон карда шудани қоидаҳои истифодаи мол ё амалҳои тарафи сеюм ё рафънопазир ба фурӯшанда ё истеҳсолкунанда гузошта мешавад. Дар сурати набудани чунин кафолат фурӯшанда барои норасоии мол ҷавобгар мешавад, агар харидор исбот кунад, ки норасоии мол то додани он ба харидор ё бо сабабҳои то ин лаҳза рӯйдода, ба миён омадааст.

Барои мисол, суди н. Шоҳмансури ш. Душанбе даъвои истеъмолкунанда Н. Н.-ро нисбати Маркази савдои «Лимпопо»-и ш. Душанбе дар шахсияти В. М. оиди иваз намудани моли фурӯхташудаи сифаташ номатлубро ба моли дигари бенуқсон баррасӣ намуда, муайян намуд, ки барои ҷавобгар намудани фурӯшанда барои нуқсони молаш тасдиқ ва исбот намудани он ҳолат, ки мол то замони ба истеъмолкунанда супурда шуданаш ва ё худ ба сабабҳои то ин лаҳза ба миёномада нуқсондор шудааст, шарт мебошад. Вале аз тарафи истеъмолкунанда Н. Н. шарт оиди тасдиқ ва исбот намудани он ҳолат, ки бозичаи чархболе, ки аз Маркази савдои «Лимпопо» харидорӣ гардида буд, то замони ба истеъмолкунанда Н. Н. супурда шуданаш ва ё худ ба сабабҳои то ин лаҳза ба миёномада нуқсондор шудааст, иҷро нагардидааст. Аз ин лиҳоз, суд даъвои истеъмолкунанда Н. Н.-ро нисбати Маркази савдои «Лимпопо»-и ш. Душанбе рад менамояд [204].

Дар парвандаи дигари судӣ, суди н. Исмоили Сомонии ш. Душанбе даъвои истеъмолкунанда М.Б.-ро нисбати ҶДММ «Нанотек» оиди баргардонидани моли дорои сифати номатлуби телефони мобилии тамғааш «IPhone 5S Gold» ва иваз намудани онро баррасӣ намуда, муайян намуд, ки даъвогар М. Б. аз мағозаи «АйКом» санаи 07 июни соли 2014 як адад телефони мобилии тамғааш «IPhone 5S Gold»-ро харидорӣ намудааст. Ҳангоми харидорӣ намудани моли мазкур аз ҷониби фурӯшанда барои телефони харидашуда як сол кафолати сифат дода мешавад. Аммо моҳи майи соли 2015 телефони мобилии даъвогар аз фаъолият бозмемонад.

Ҳамин тавр, суд ҳамаи далелҳои парванда ва баёноти тарафҳоро баҳои ҳуқуқӣ дода, ҷавобгар ҶДММ «Нанотек»-ро уҳдадор менамояд, ки моли дорои сифати номатлуби телефони мобилии тамғааш «IPhone 5S Gold»-и истеъмолкунанда М. Б.-ро ба моли ҳамин хел модели сифаташ матлуб фавран иваз намояд [203].

Ҳамин гуна вазъро дар ҳолати боз ҳам мураккабтар дар баррасии парвандаи мадании №3-181/25, ки Суди ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе дар асоси аризаи даъвогии шаҳрванд М.Т. анҷом додааст, мушоҳида кардан мумкин аст. Даъвогар нисбат ба хизматрасонии Маркази савдои техникии «Волна» (воқеъ дар кӯчаи Н.Қарабоев-21) дар бобати бо нуқси техникӣ пешниҳод гардидани мошинаи ҷомашӯии хушккунандаи тамғаи «Самсунг», ки санаи 20.03.2023 бо нархи 10895 (даҳ ҳазору ҳаштсаду наваду панҷ) сомонӣ ба тариқи ғайринақдии кредитӣ харидорӣ шудааст, эътироз баён карда, аз ҷавобгар МСТ «Волна» рӯёнидани зиёни моддии ба ӯ расидаро талаб намудааст.

Ҳамчунин ҶДММ «Восток» (МСТ «Волна» зершуъбаи муассисаи мазкур мебошад) дар шахсияти намояндаи худ А.К. ба суд бо аризаи ҷавобӣ муқобили аризаи М.Т. бо изҳори норизоӣ муроҷиат намуда, даъвои ҷониби муқобилро беасос номидааст. Вай хоҳиш кардааст, ки уҳдадориҳои гузоштаи М.Т. ҷиҳати баргардонидани мошинаи ҷомашӯии «Самсунг», рӯёнидани арзиши таъмир, нигоҳдории мошинаи ҷомашӯӣ ва ҷуброн намудани зарари маънавӣ қонеъ гардонида нашаванд.

Даъвогар М.Т. дар маҷлиси судӣ дар мавқеи худ устувор истода, аризаи муқобили даъворо, ки намояндаи ҶДММ «Восток» манзур кардааст, комилан эътироф нанамуд. Дар баёноти ӯ зикр мешавад, ки ҳангоми кор накардани мошинаи ҷомашӯӣ онро барои ташхис ба устохонаи МСТ «Волна» овардааст. Бино ба маълумоти кормандони устохона таҷҳизот бо нуқси техникӣ (дар подшибники барабан) аз корхонаи истеҳсолкунанда ворид шудааст. Аз рӯзи мошинаро ба устохона овардан, дастрас намудани қисмҳои эҳтиётии он аз Қазоқистон ва гӯё таъми кардан 2 моҳу 15 рӯз сипарӣ гардид. М.Т. таҷҳизотро қабул карда, ба хона бурд. Пас аз чанд муддати истифода аён гардид, ки ҳанӯз ҳам таҷҳизоти мазкур корношоям аст ва кормандони устохонаи МСТ «Волна» подшибники вайронаро

иваз накардаанд. М.Т. маҷбур мешавад, ки мошинаи ҷомашӯиро дуюмбора ба устохона биёрад, дар ин миён, бино ба қавли ӯ, ҳуҷҷатҳои таҷҳизотро гӯё ҷониби муқобил гум карда бошад. Азбаски мошинаи нав, ки ҳанӯз муҳлати кафолати 36 моҳааш анҷом наёфта, аллакай 2 маротиба ба устохона бароі таъмир афтидааст, харидор аз истифодаи минбаъдаи он пурра даст кашида, аз МСТ «Волна» ҷиҳати иваз намудани таҷҳизоти корношоям бо мошинаи нав талабот пеш мегузорад. Аммо ҷониби муқобил ба пешниҳоди вай эътибор намедиҳад ва худи ӯро дар бобати шустани маводи гаронвазн гунаҳкор донистаанд. М.Т. чанд вақт сарсон шуда, либосҳои ношустаи хонаашро барои шустушӯ бо сарфи маблағи роҳ ва хароҷоти дигар ба хонаи модараш бурда меорад. Аз ин рӯ, ӯ зарур донистааст, ки доир ба қазияи баамаломада ва рӯёнидани зарари умумии ба вай расида дар ҳаҷми 15 000 сомонӣ ба суд муроҷиат намояд. Зеро вай дар таъмири дуюмбора аз ҳисоби худаш 2145 сомонӣ (аз он ҷумла: барои ташхис 35 сомонӣ, барои иваз намудани барабан 1800 сомонӣ, барои пардохти ҳаққи хизмати усто 310 сомонӣ) масраф кардааст.

Дар шартномаи хариду фурӯш роҷеъ ба масъалаи дар муҳлати кафолатӣ таъмир кардан ва ё ба ҷои таҳҳизоти корношоям манзур намудани мошинаи ҷомашӯии нав ухдадории ҷонибҳо муқаррар гардида буд. Бинобар ин, пас аз шунидани даъвои ҷонибҳо ва барасии маводи фароҳамомада дар асоси талаботи моддаҳои 28-ум (қисми 2), 232, 336, 343-юми Кодекси шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон суд салоҳ донист, ки зарари маънавии ба М.Т. расида аз ҳисоби МСТ «Волна» пардохта шавад; талаботи харидор ҷиҳати иваз кардани таҷҳизоти корношоям қонеъ гардонида шавад.

Дар ҳолати дигаре, ки бо муомилоти молии харидор З.Г. ва МСТ «Душанбе Молл» (ш. Душанбе, кӯчаи Беҳзод – 47, ошёнаи 2) ҳангоми харидории куртаи тамғаи «Колинз» ба вуқуъ омадааст, муроҷиати даъвогар ба Иттифоқи истеъмолкунандагон нақши муҳим бозидааст. З.Г. аз мағозаи мазкур куртаи тамғаи «Колинз» харида, дар мавриди бори аввал шустан тағйир ёфтани андозаи он, яъне нисбат ба андозаи муқарраршуда хурдтар гардидани куртаро мушоҳида карда, ҷиҳати дифои ҳуқуқҳои худ ҳамчун истеъмолкунанда ба суд муроҷиат намудааст.

Даъвогар ба аризаи худ расиди хариди мол ва нусхаи иддаои Иттифоқи истеъмолкунандагонро (бо имзои раиси иҷроияи ИИ) замима карда, бозпас гирифтани мол ва баргардонидани маблағи курта (299 сомонию 90 дирам)-ро талаб намудааст. Дар Иддаои Иттифоқи истеъмолкунандагон низ масъалаи бозпас гирифтан, баргардонидани маблағи мол ва пардохти зарари маънавӣ бо бастани ҷарима дар ҳаҷми 1%-и арзиши маҳсулот аз рӯзи пешниҳоди ариза то бароварпрдани ҳалномаи судӣ таъкид карда мешавад. Аз ин ҷо бармеояд, ки даъвои харидор асоси ҳуқуқӣ доштааст [204].

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар моҷарои даъвогие, ки бо ширкати шаҳрванд Г.З. ва МСТ «Душанбе Молл» ба вуқуъ омадааст, фурӯшанда барои он ҷавобгар диниста мешавад, ки дар асоси талаботи моддаҳои 9, 12, 13, 17, 21 ва 23–и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ва моддаҳои 31, 134 – 135-и «Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» доир ба хусусиятҳои мол (тағйирёбии андозаи он ва ё ҳолатҳои дигар) ба харидор маълумотҳои заруриро сари вақт пешниҳод накардааст. Масалан, дар моддаи 9-уми асноди мазкур гуфта мешавад, ки фурӯшанда мебоист ба харидор оид ба уҳдадориҳои ӯ, сифат, хусусиятҳо ва интихоби мол маълумотҳои зарурӣ ва боэътимодро пешниҳод менамуд. Шартҳои хариду фурӯшро бо забонҳои давлатӣ ва ё русӣ, ё ки забони барои харидор фаҳмо муқаррар кардан муҳим ба ҳисоб меравад. Истисно аз ин, фурӯшанда вазифадор мебошад, ки дар хусуси мувофиқати мол ба стандартҳо, хусусияти тағйирёбандагии молу маҳсулот дар зери таъсири омилҳои табиӣ ва химиявӣ (таъсири офтоб, оби гарм, маводи шустушӯйӣ ва ғ.) ба харидор маълумоти даркориро манзур созад.

Суди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе асоснокии далелҳои манзурнамудаи харидор З.Г.-ро ба назар гирифта, ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи ӯ: бозпас гирифтани моли корношоям аз ҷониби МСТ «Душанбе Молл», баргардонидани маблағи пардохтшуда, ки дар расид дарҷ гардидааст ва товони зарари маънавии ба вай расида ҳалномаи дахлдор баровардааст [205].

Аз баррасии масъалаҳои дар фаслҳои 1 ва 2-юми боби 3 дарҷгардида ба чунин чунин хулосаҳои ниҳоӣ омадан мумкин аст:

1. Оқибатҳои ҳуқуқӣ барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои фурӯшанда оид ба бегона кардани моли босифат дар сурати фурӯши мол бо камбудиҳо ба миён меоянд. Ин масъала дар КМ ҶТ бо истилоҳи ***норасоӣ*** дарҷ шудааст, ки он ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ ба маъноҳои гуногун истифода мешавад. Аз ҷумла: «норасоиҳои мол аз ҷониби фурӯшанда қайду шарт нашуда бошад, норасоиҳои рафънопазир, норасоиҳое, ки бидуни хароҷоти беандоза ё масрафи вақт бартараф кардани онҳо ғайриимкон аст, ё чандин маротиба ошкор гардидаст ё баъди бартараф намудан боз такрор меёбад ва дигар норасоиҳои монанд» (моддаи 543 КМ ҶТ); «норасоиҳои мол, ки барои он фурӯшанда ҷавобгар аст» (моддаи 512 ва қ.5 моддаи 595 КМ ҶТ); «норасоиҳои моле, ки хосияти он имконият намедиҳад ин норасоиҳо рафъ карда шаванд» (қ.2 мод. 537 КМ ҶТ); «норасоиҳое, ки наметавонанд дар мӯҳлатҳои барои харидор муносиб рафъ гарданд (мод. 560 КМ ҶТ); «норасоиҳои барои он фурӯшанда ҷавобгар ҷиҳати иҷрои мақсадҳои дар шартномаи фурӯш зикргардида коршоям намебошад ва ин норасоиҳо аз ҷониби фурӯшанда мувофиқи шартҳо ва тартибу мӯҳлати шартнома бартараф карда нашудаанд ё рафъи ин норасоиҳо ғайриимкон аст, » (моддаи 595); «норасоиҳои ошкоршуда» (моддаи 582, 593 ва 595 КМ ҶТ).

2. Дар баробари ин, дар ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ мафҳуми «нуқсони ҷиддии мол»-ро фарқ мекунанд. Нуқсонҳои ҷиддӣ ба навъҳои зайл ҷудо карда мешаванд: а) нуқсонҳое, ки истифодаи молро тибқи таъиноти мақсаднок имконнопазир ё нораво мегардонанд; б) камбудиҳои бартарафнашаванда. Нуқсон инчунин, дар сурати имконнопазирии бартарафкунии он ҷиддӣ ҳисобида мешавад; в) нуқсоне, ки барои бартараф намудани он хароҷоти калон зарур аст, инчунин нуқсоне, ки бе хароҷоти калон ё сарфи вақт бартараф карда шуда наметавонанд; г) нуқсоне, ки чанд маротиба ошкор мешавад ё баъди рафъаш боз зоҳир мешавад; ғ) нуқсоне, ки бар асари он истеъмолкунанда ба андозаи зиёдтар аз баҳрае маҳрум мешавад, ки ҳангоми имзои шартнома ба он умед баста буд.

Аз таҳлилу муқоисаҳо бармеояд, ки ду ҳолате, ки дар қисми 2-и моддаи 543-уми Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун «норасоии ҷиддӣ» пешбинӣ шудаанд, ба ҳамдигар монанданд. Инҳо норасоие, ки «чандин маротиба ошкор

гардидаст» ва норасоие, ки «баъди бартараф намудан боз такрор меёбад» унвон доранд. Дар иртибот ба ин, пешниҳод карда мешавад, ки аз қисми 2 моддаи 543 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон калимаҳои зерин хориҷ карда шаванд: ***«чандин маротиба ошкор гардидааст».***

2. Бо мақсади иҷро кардан ё иҷрои нодурусти уҳдадориҳои шартнома, дар қонунгузорӣ оқибатҳои ҳуқуқии шартҳои сифати мол муайян карда шудаанд. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини сифати мол оқибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои фурӯшанда оид ба бегона кардани моли босифат пешбинӣ шудааст. Ба назар гирифтан зарур аст, ки фарқи оқибатҳои ҳуқуқии бо қонунгузорӣ пешбинишуда ба он вобаста аст, ки норасоии дар мол ошкоргардида то кадом андоза ҷиддӣ аст.

3. Муайян карда шуд, ки оқибати ҳуқуқии иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои фурӯшанда оид ба бегона кардани моли босифат аз рӯи шартномаи хариду фурӯш он аст, ки харидор ҳуқуқ пайдо мекунад талаб намояд:

1) ба андозаи муносиб нархи фурӯш паст карда шавад;

2) ройгон, дар мӯҳлатҳои мувофиқ норасоиҳои мол бартараф карда шаванд; 3) хароҷоти вобаста ба рафъи норасоиҳои мол ҷуброн карда шаванд.

4. Дар сурати моҳиятан вайрон кардани талабот нисбат ба сифати мол харидор ҳуқуқ дорад тибқи салоҳдиди хеш: а) аз иҷрои шартномаи хариду фурӯш даст кашад ва баргардонидани маблағи барои харидории мол масрафшударо талаб намояд; б) иваз намудани молро бо моли дорои сифати матлуби ба шартнома мувофиқ талаб намояд.

5. Дар баробари ин, оқибати ҳуқуқии додани моли сифатан номатлуб он аст, ки харидор ҳуқуқ пайдо мекунад, ки ҷуброни зарари расида ва ҷуброни зиёнеро, ки дар натиҷаи норасоии мол ба ӯ расонида шудааст, талаб намояд.

## Хулоса

Таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба мушкилоти амалӣ ва назариявии шартҳои шартномавӣ дар бораи сифати мол, аз ҷумла мафҳум ва моҳияти шартҳои шартномавии сифати мол, таносуби он бо шартҳои дигари шартномавӣ, масъалаҳои асосии сифати мол ҳангоми бастан ва иҷрои шартнома, инчунин, оқибатҳои ҳуқуқии иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадории фурӯшанда оид ба бегона кардани моли босифат имкон доданд, ки нақши муҳимме, ки шартҳои шартномавии сифати мол дар низоми воситаҳои ҳуқуқии таъмини сифати мол дар Тоҷикистон мебозанд, нишон дода шавад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда мо чунин хулосаҳои асосии назариявӣ ва пешниҳодҳои амалиро баён менамоем:

1. Дар натиҷаи таҳлили мафҳуми сифати мол дар заминаи маълумотҳои дар адабиёти ҳуқуқии фароҳамомада маълум гардид, ки ҳамаи муҳаққиқон дар чунин масъалаҳо ҳамфикр ҳастанд: 1) сифати мол хусусияти онро ифода мекунад; 2) хусусияти мол дар воситаҳои ҳуқуқии таъмини сифати мол, яъне дар стандартҳои давлатӣ ё регламентҳои техникӣ ё шартнома муқаррар карда шудааст. [1-М, 4-М, 10-М]

2. Дар сархати 8-и моддаи 1-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» мафҳуми «сифати мол» аз рӯйи моҳияти худ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ ва тиҷоратӣ маънидод гардидааст. Зимни таҳлили моддаи мазкур муқаррар карда шуд, ки: [3-М, 8-М, 12-М]

а) дар қонунгузорӣ категорияҳои «сифати мол», «сифати кор» ва «сифати хизматрасонӣ» бо ҳамдигар шабеҳ ва аз рӯйи моҳият якхела маънидод шудааст, ки ин, ба фикри мо, қобили қабул нест, чунки мол бар хилофи кор ва хизматрасонӣ дорои хусусиятҳои муайяни дохиливу зоҳирӣ мебошад, вале дар баъзе ҳолатҳо ин мафҳумро нисбат ба кору хизматрасонӣ ҳам истифода бурдан имконнопазир аст;

б) дар қонунгузорӣ сифати мол ҳамчун «маҷмуи тавсифи мутобиқи мол» ҳисобида шудааст. Вале ба назари мо, тавсифи мол ин раванди ошкор кардан ва тавсифи хусусиятҳои махсус ва фарққунандаи мол ба шумор меравад.

Вақте ки сухан дар бораи сифати мол меравад, маҷмуи хусусиятҳои мол дар назар дошта мешавад, на хусусиятҳои хос ё фарққунандаи он;

3) дар мафҳуми сифати мол тавсия дар бораи мутобиқати хусусияти мол ба он хусусиятҳое (нишондиҳандаҳои сифате), ки дар стандартҳои давлатӣ ё регламентҳои техникӣ, ё шартнома омадаанд, вуҷуд надорад. **[2-М, 9-М, 11-М]**

4. Дар ин рисола робитаи мутақобилаи шартҳои шартнома дар бораи сифати мол бо дигар шартҳои шартномавӣ мушаххас карда шудааст. Аз ҷумла:

а) робитаи мутақобилаи шартҳои сифати мол, бо шартҳои мукаммалии мол аз он иборат аст, ки шартҳои мукаммалии мол ба мисли шартҳои сифати мол бо роҳи дар шартнома истинод кардан ба ҳуҷҷатҳои зарурии меъёриву техникӣ ё тавассути номбар кардани қисмҳои таркибии маснуот (дар сурати сифати мол тавассути дар шартнома номбар кардани нишондиҳандаҳои сифат, ки мол ба он бояд мутобиқат кунад) муайян карда мешавад. Сифат ва мукаммалии мол, одатан бо ҳуҷҷатҳои ҳамроҳшаванда (шиносномаи техникӣ, дастур оид ба истифодабарӣ ва ғайра) тасдиқ карда мешаванд. Ба мисли моли сифаташ баланд ё, баръакс, паст, дар муқоиса ба талаботи санадҳои меъёриву техникӣ бо розигии тарафҳо ба бегона кардани моли маҷмуи беҳтар ё содакардашуда иҷозат дода мешавад. Риоя нагардидани қоидаҳои бо шартнома муқarrарrардидаи қабули мол аз рӯи мукаммалӣ ва аз рӯи сифат асос барои эътироф накардани далели фурӯши моли ғайримаҷмуӣ (моли сифаташ номатлуб) мегардад;

б) робитаи мутақобилаи шартҳои сифати мол бо шартҳои зарф ва (ё) борпечи мол аз он иборат аст, ки шартҳои шартномавӣ дар бораи зарф ва борпечкунӣ ин кафили татбиқи дурусти шартҳои шартномавӣ дар бораи сифати мол аст, чунки яке аз таъиноти асосии зарф ва борпечкунӣ ин таъмини нигоҳдории босифати мол ҳангоми ҳамлу накл ва нигаҳдошт ба ҳисоб меравад;

в) робитаи мутақобилаи шарти сифати мол бо шарти тамғагузории мол аз он иборат аст, ки нишонагузорӣ тавассути аломатҳои огоҳикунанда ва

маълумоти дигари нишонагузорӣ ба таъмини нигоҳдории мол дар раванди ҳамлу нақл, нигаҳдошт ва фурӯши он мусоидат мекунад. Ба ибораи дигар, нархи мол инъикосгари хусусиятҳои сифатии мол аст;

г) Робитаи мутақобилаи шарти сифати мол бо миқдори мол аз он иборат аст, ки ягон ашё дорои фақат сифат ё фақат теъдод нест, чунки ҳар як ашё ин ягонагии теъдод ва сифати мушаххас аст. Дар уҳдадориҳои шартномаҳои ҳуқуқӣ-маданӣ робитаи байни шартҳо оид ба миқдори мол бо шарт дар бораи сифат танҳо дар баъзе ҳолатҳо ба мушоҳида мерасад: якум, онҳо нисбати таҳвили якчанд объект ё навъи барқ наздик мешаванд; дуюм, аксар вақт сифат чӣ қадар паст бошад, миқдори зиёдтари энергия талаб карда мешавад; сеюм, бо зиёдшавии миқдор усулҳои тафтиши сифат тағйир меёбанд. Дар дигар ҳолатҳо сифат ва миқдор ҳамчун шартҳои шартномавии мустақил баромад мекунанд ва дар сурати риоя нагардидани талабот ба сифат ё миқдор кредитор дорои салоҳиятҳои гуногуни ҳимоя мегардад, ҳол он ки салоҳияти харидорӣ дар сурати риоя нагардидани талабот ба мукаммалӣ бо салоҳиятҳо ҳангоми фурӯши моли дорои сифати номатлуб монанд аст.

д) Робитаи мутақобилаи шартҳои сифати мол бо шартҳои қабули мол аз рӯи сифат аз он иборат аст, ки он ба омилҳои зерин мусоидат менамояд: а) муқарраркунии саривақтии мутобиқатии хусусиятҳои сифатии мол ба шартҳои шартномавӣ дар бораи мол; б) иҷрои дурусти уҳдадориҳои фурӯшанда марбут ба додани моли босифат; в) таъмини манфиатҳои харидорон ҳангоми бадастории моли босифат, чунки ҳамаи моли дорои сифати паст ҳатман дар раванди қабули мол аз рӯи сифат ошкор карда мешавад. **[7-М, 12-М]**

5. Ба муҳим будани зарф ва борпечкунӣ дар таъмини сифати бехатарии мол нигоҳ накарда, дар Тоҷикистон нақши саноати зарфу борпечкунӣ дуруст ба эътибор гирифта намешавад. Қайд намудан зарур аст, ки дар баробари он ки мол бояд босифат ва бехавф бошад, зарф ва борпечкунии мол низ бояд босифат ва бехавф бошанд. **[4-М, 7-М, 10-М]**

6. Дар марҳилаи бастани шартнома тарафҳо бояд ба масъалаи бамувофиқарасӣ оид ба шартҳои сифати мол диққати ҳаматарафа диҳанд. Дар КМ ҶТ, инчунин баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати мол талаботи муайян муқаррар карда шудаанд, ки онро тарафҳо ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯш дастури худ қарор дода метавонанд. Аз ҷумла, талабот ба сифати мол ҳангоми бастани шартномаи хариду фурӯш дар моддаи 537 КМ ҶТ муқаррар карда шудааст.

Усулҳои ҳуқуқии бамувофиқарасӣ ва пешбинӣ намудани сифати мол дар шартномаи хариду фурӯш якхела нестанд. Дар робита ба ин, ифодаи (муқаррар кардани) талабот ба сифати мол бо роҳҳои гуногун имконпазир аст. Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда муайян карда шуд, ки ба мувофиқарасии шартҳои шартнома дар бораи сифати мол тавассути омилҳои зерин имконпазир аст: 1) номбаркунӣ ва тавсифи муфассали хусусияти мол; 2) истинод ба стандарти муайяни давлатӣ ё стандарти минтақавӣ ё стандарти байналмилалӣ; 3) истинод ба регламенти техникӣ. **[2-М, 3-М, 6-М]**

7. Нархи мол бевосита бо сифати он алоқаманд аст, чунки он инъикосгари хусусияти сифатии мол ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин ҳангоми бастани шартнома мувофиқати дурандешонаи нарх ва сифати мол масъалаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Лекин дар амал ин қоида на ҳама вақт риоя карда мешавад. Мушкилоти бо нарху сифати мол алоқамандбуда асосан дар раванди бастани шартнома дар бораи таҳвили мол барои эҳтиёҷоти давлатӣ зоҳир мегарданд.

Аз ҷумла, тибқи қисми 4 моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» аз 3 марти соли 2006 қарор дар хусуси бастани қарордоди харид ба манфиати он молрасоне (пудратчие) қабул карда мешавад, ки нархномаи дорои арзиши камтаринро пешниҳод кардааст ва эҳтиёҷи ташкилоти харидорро қонеъ мегардонад. Тибқи сархати 2 банди «а» қисми 7 моддаи 42 Қонуни мазкур дархости тендерӣ ё нархнома бо нархи пасттарин ҳамчун дархости тендерии ғолиб ҳисобида мешавад

Мутаносибан, тибқи қонунгузории амалкунанда ғолиби тендер шахсе ба ҳисоб меравад, ки нархномаи дорои арзиши камтаринро пешниҳод намуда бошад. Чунин вазъият ба он мусоидат мекунад, ки таҳвилгарони дар тендер ғолибомада уҳдадориҳои ба зимма гирифтаи худро ба таври номатлуб иҷро мекунанд, махсусан, дар масъалаи таҳвили моли босифат. Ҳамин тариқ, меъёри аз ҷониби қонунгузор пешбинишуда дар бораи эътироф намудани ғолиби тендер иштирокчиеро, ки нархи аз ҳама пастро пешниҳод намудааст, як камбудии назаррас дар қонунгузорӣ, бахусус дар соҳаи таъмини сифати мол ба ҳисоб меравад. **[1-М, 3-М, 4-М]**

8. Равобити мантиқии байни шарти сифати мол ва шарти тамғагузории молро ба эътибор гирифта бояд қайд кард, ки нишонагузорӣ ба воситаи аломатҳои махсуси огоҳкунанда ва дигар иттилооти бо тамға марбут ҷиҳати таъмини ҳифзи мол дар ҷараёни кашондан ва интиқол додан, нигоҳ доштан ва фурӯхтани он мусоидат менамояд. Агар ба таври мухтасар ифода намоем: ***арзиши молу маҳсулот хусусиятҳои сифатии молро таҷассум месозад.*** **[5-М, 8-М, 12-М]**

9. Дар марҳилаи иҷрои шартнома тарафҳо ҳуқуқу уҳдадориҳоеро, ки дар марҳилаи бастани шартнома ифода гардидаанд, истифода мебаранд. Аз ин рӯ иҷрои шартнома марҳилаи асосии ҷараёни рушди муносибатҳо аз рӯи уҳдадориҳо ба ҳисоб рафта, ба натиҷаи ҳуқуқӣ – қатъ кардани уҳдадориҳо аз рӯи шартнома равона гардидааст. **[3-М, 13-М]**

10. Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда муайян карда шуд, ки шартҳои шартнома дар бораи сифати мол дар марҳилаи иҷрои шартнома бо роҳҳои зерин таъмин мешавад: а) санҷиши зарурии мутобиқати сифати мол ба талаботи дар шартнома муқарраргардида; б) кафолати сифати мол; в) татбиқи зарурии қабули сифати мол аз рӯи сифат. **[5-М, 8-М]**

11. Оқибати ҳуқуқӣ барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои фурӯшанда оид ба бегона кардани моли босифат дар сурати фурӯши мол бо камбудиҳо ба миён меояд.

Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон норасоӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ ба маънои гуногун истифода мешавад. Аз ҷумла: «норасоиҳои моле, ки аз ҷониби фурӯшанда қайду шарт нашуда бошад, норасоиҳои рафънопазир, норасоиҳое, ки бидуни хароҷоти беандоза ё масрафи вақт бартараф кардани онҳо ғайриимкон аст ё чандин маротиба ошкор гардидаст ё баъди бартараф намудан боз такрор меёбад ва дигар норасоиҳои монанд» (моддаи 543 КМ ҶТ); «норасоиҳои мол, ки барои он фурӯшанда ҷавобгар аст» (моддаи 544 ва қисми 5 моддаи 621 КМ ҶТ); «норасоиҳои моле, ки хосияти он имконият намедиҳад ин норасоиҳо рафъ карда шаванд» (қисми 2 моддаи 537 КМ ҶТ); «норасоиҳое, ки наметавонанд дар мӯҳлатҳои барои харидор муносиб рафъ гарданд (моддаи 592 КМ ҶТ); «норасоиҳои барои он фурӯшанда ҷавобгар ҷиҳати иҷрои мақсадҳои дар шартномаи фурӯш зикргардида коршоям намебошад ва ин норасоиҳо аз ҷониби фурӯшанда мувофиқи шартҳо ва тартибу мӯҳлати шартнома бартараф карда нашудаанд ё рафъи ин норасоиҳо ғайриимкон аст, » (моддаи 595); «норасоиҳои ошкоршуда» (моддаи 582, 619 ва 621КМ ҶТ).

